ТДУ: 323.2-053.81(07)
ТКБ: 65.75 (2 тоҷик)
М-65

# ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР МАҲАЛ

(Дастури таълимӣ барои субъектҳои соҳаи сиёсати ҷавонон)

Душанбе - 2024

# ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР МАҲАЛ

(барои субъектҳои соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон)

**Миралиён Қ.А.**, татбиқи сиёсати ҷавонон дар маҳал (Дастури таълимӣ барои субъектҳои соҳаи сиёсати ҷавонон). – Душанбе: матбааи ҶДММ "Шоҳин-С", 2024, - 150 с.

Ҷавонон яке аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ, қисмати ҷудонопазир ва қишри асосии ҷомеа буда дар ташаккулёбӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳмгузорони асосӣ ба шумор меравaнд. Ба эътибор гирифтани тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти ҳаётии онҳо тақозои замон аст. Аз ин рӯ, таъмин ва такмили иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба ин восита тайёр кардани онҳо барои пешбурди ҳаёти мустақилона ва устувор дар ҷомеаи муосир зарурати мубрам дорад.

Дастури таълимии мазкур ҳамчун воситаи омӯзиш ва омодасозии субъектҳои асосии соҳаи сиёсати ҷавонон, такмили сатҳи дониш, малака ва маҳорати корбарии онҳо дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус дар сатҳи маҳал, инчунин таъмини иштироки ҷавонон дар рушди ҳаёти ҷомеаи муосир таҳия гардидааст.

Мавод барои истифодаи васеъ ҷиҳати ташкили тренингҳо, семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ барои доираи мутахассисон, муҳаққиқон ва олимони бахши иҷтимоӣ-идеологӣ ва салоҳиятнок дар соҳаи татбиқи сиёсати ҷавонон тавсия мегардад.

*Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" №10 аз 11.06.2024 ба чоп тавсия дода шудааст.*

*ISBN 978-9906-9902-4-0*

*©Миралиён Қ.А.*

# МУНДАРИҶА


ПЕШГУФТОР ....................................................................................4
ҶУЗЪИЁТИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ.......................................................6
БАРНОМА.......................................................................................8
ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ .......................................11
Замимаи 1. ШАКЛИ РӮЙХАТИ ШУНАВАНДАГОН...............................25
Замимаи 2. Пурсишномаи тестӣ барои шунавандгони курси омӯзишӣ ..........................................................................................................26
Замимаи 3. Мафҳумҳои ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон.......32
Замимаи 4. Нақши ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар пешрафти давлат ва ҷомеа – ҷавонон ҳамчун пешоҳанги идеологияи (мафкураи) миллӣ ............................................................................33
Замимаи 5. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи кор бо ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон (асосӣ).................................................49
Замимаи 6. Фаъолият ва аҳамиятнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷамоатҳо ва кумитаҳои маҳаллаву деҳот: имкониятҳо ва саҳми онҳо дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон .................................................................57
Замимаи 7. Муқовимат бо падидаҳои экстремистию тундгаро ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳӣ .....................65
Замимаи 8. Барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон...........................................................................74
Замимаи 9. Усулҳо ва ё тартиби (модели) таҳия ва амалисозии лоиҳаҳо / барномаҳо дар самти сиёсати ҷавонон............................81
Замимаи 9А. Иштироки ҷавонон дар раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон..........................................................................114
Замимаи 10. Тарзу усулҳои мониторинги ҷараён ва натиҷаи лоиҳа/чорабинӣ ..............................................................................126
УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ...............................................133
ҲУҶУМИ ФИКРҲО ..........................................................................135
МУҲОКИМАРОНӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ ХУРД (кор дар гурӯҳҳо) ..........137
МАЪРӮЗАИ ХУРД ............................................................................140
БОЗӢ ДАР НАҚШҲО ........................................................................141
ТАРЗУ УСУЛҲОИ МУНОСИБАТ .........................................................143
АДАБИЁТҲО....................................................................................149

***Ватанро фақат ҷавонони босаводу соҳибкасб, яъне, мутахассисони соҳибмаърифату баландихтисос обод карда, ба он шаъну шуҳрат бахшида метавонанд.***

Эмомалӣ Раҳмон

## ПЕШГУФТОР

Сиёсати давлатии ҷавонон дар маҷмӯъ аз тарбия ва омӯзиши наврасон, ҷавонон ва дар умум аҳли ҷомеа таркиб ёфта, ба таҳкими ва истифодаи самараноки неру инсонӣ ҳамчун захира ва ё сармояи иҷтимоии давлат ва ҷомеа равона гардидааст. Татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон кафили пешрафт ва ободии давлат ва зиндагии шоистаи мардум арзёбӣ мегардад.

Таълиму тарбия дар ҳар як ҷомеаи ҷаҳонӣ муносиб ба шароити ҷамъият ва талаботи давлатдорӣ ба роҳ монда мешавад ва барои пурмаҳсул ва манфиатнок равона гаштани он роҳу усулҳои гуногуни онро истифода мебаранд. Муқаррарист, ки барои ҳар як навъи чорабинии маърифатию омӯзишӣ барномаҳои мушаххаси таълимӣ таҳия ва амалӣ мегарданд, ки мувофиқи он дастур ва тарзу усулҳои ташкил ва амалигардонии фаъолияти таълимию омӯзишӣ дар дилхоҳ муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ мегардад. Пушида нест, ки имрӯз фаъолияти таълимию омӯзишӣ дар макотиби таҳсилотӣ дар ҷумҳурӣ бештар дар асоси барномаҳои таълимии солҳои пешин, яъне номувофиқ ба шароит ва талаботи имрӯзаи ҷомеа ба роҳ монда шудааст. Набояд фаромӯш кард, ки насли наврас ва ҷавон имрӯз дар шароити гузариш ба ҷомеаи навин қарор доранд ва талаботи онҳо нисбат ба аз худ кардани таълим ва илму маърифат бо усулҳои навин ва ҷавобгӯ ба шароити ҳаётии онҳо равона аст. Яъне зарурат ба он расидааст, ки мутобиқи тараққиёти ҷомеаи муосир барномаҳои навини таълимӣ таҳрезӣ гашта ба тайёр кардани қадрҳои соҳиби ихтисосҳои навин мусоидат намояд.

Аз ҷумлаи ин гуна усулҳои таълим, ки дар ҷомеаи ҷаҳони маъруфу машҳур гаштааст ва барои омӯзиш ва дар мӯҳлати кӯтоҳтарин аз худ кардани дилхоҳ маводи таълимӣ муқаррар гаштааст, усули интерактивии таълим мебошад, ки маҳз дар бораи ҳамин усули таълимӣ дар дастури мазкур сухан меравад.

Бартарии ин усул дар он аст, ки шахси хонанда дар ҷараёни ташкили он ширкат мевазад. Принсипҳои асосии усули интерактивии таълим он аст, ки дар он шахси хонанда озодона муошират мекунад, савол медиҳад, баҳсу мунозира мекунад, ақидаи худро изҳор менамояд, тартибу қоидаҳои гузаронидани машғулиятро пешниҳод ва интихобу қабул менамояд. Фарқият миёни ин усули таълимӣ нисбат ба усулҳои муқаррарии таълимӣ дар бисёр ҳолатҳо ба назар мерасад.
Агар мавриди гузаронидани семинару машваратҳо бо усули муқаррарии таълим таълимгиранда бо тарсу ҳарос муошират кунад ва ё савол диҳад, нисбат аз оне ки бештар дар ҷараёни таълим ширкат варзад, ба саволҳо посух гӯяд ва муаллим хатогиҳояшро дуруст намояд, мавриди ташкили семинар ва ё машғулиятҳо бо усули интерактивии таълим шахс хоҳ нохоҳ дар ҷараёни он фаъолона ширкат меварзад, фикру ақидаҳои худро озодона изҳор менамояд ва аз тарсу ҳарос ҳамеша дур мебошад. Мувофиқи иқтидорнокӣ ва қобилиятнокиаш маводро аз худ менамояд ва ба дигарон низ мерасонад. Инчунин, ин усул ба шунаванда имконият медиҳад, то ӯ мавзӯро бо хоҳиши озод, сабук ва зудаз худ кунад ва дар доираи он фаъолият барад.
Дар ҷараёни ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, истифодаи усули интерактивии таълим барои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо ва семинарҳо миёни ҷавонон дар раванди инкишофи сиёсати иҷтимоию фарҳангӣ ва маърифатии ҷавонон дар раванди бунёди идеологияи устувори муносиб ва ҷавобгӯ ба талабот ва тараққиёти ҷомеаи муосир бамаврид ва муфид мебошад.

## ҶУЗЪИЁТИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ

**МАҚСАДИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ:** баланд бардоштани малака ва сатҳи дониши субъектҳои дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятии кор бо ҷавонон дар самти татбиқи босамари сиёсати ҷавонон, бахусус таъмини иштироки фаъоли ҷавонон дар ҷараёни қабули қарорҳо дар сатҳи маҳал

**ВАЗИФАҲО**:

1. Баррасӣ ва тавзеҳ додани мафҳумҳои ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон барои шунавандагон;
2. Пешниҳоди маълумот оид ба нақши ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар пешрафти давлат ва ҷомеа – ҷавонон ҳамчун пешоҳанги идеологияи (мафкураи) миллӣ;
3. Тавзеҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, субъектҳои асосӣ, вазифаҳо ва уҳдадориҳои онҳо дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон;
4. Фаҳмондадиҳӣ оид ба фаъолият ва аҳамиятнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷамоатҳо ва кумитаҳои маҳаллаву деҳот; имкониятҳо ва саҳми онҳо дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон;
5. Маълумотнок гардонидани иштирокчиён оид ба муқовимат бо падидаҳои экстремистию тундгаро ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳӣ;
6. Тавзеҳи барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши онҳо дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон;
7. Омӯзонидани шунавандагон оид ба роҳу усулҳои таҳия, қабул ва амалисозии барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва деҳот, ҳамчунин роҳҳои мусоидат ба иштироки фаъоли ҷавонон дар ҷараёни қабули қарорҳо дар сатҳи маҳал;
8. Омӯзонидани шунавандагон оид ба тарзу усулҳои мониторинг ва баҳодиҳии фаъолият, ҳамчунин баргузории таҳлилу омӯзишҳо, пайдо кардани мушкилот ва баррасии роҳи ҳалли онҳо.

**ИШТИРОКЧИЁН / ШУНАВАНДАГОН:** намояндагони (роҳбарони) 1) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, 2) бахшҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, 3) Шӯрои кор бо ҷавонон, 3) ТҶҶ «Созандагони Ватан», 4) бахшҳои кор бо занон, 5) комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, 6) шуъбаҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, 7) ходимони дин, 8) масъулони ҷамоатҳо ва 9) раисони кумитаҳои (шӯроҳои) маҳалла ва деҳот (фаъолони маҳал)
**ДАВОМНОКӢ**: 2 рӯз, аз соати 09:00 то 18:00

**ШУМОРАИ ИШТИРОКЧИЁН / ШУНАВАНДАГОН**: 15-20 нафар (на кам аз 30% занон)

**МАВОДҲОИ ЗАРУРӢ**: варақаи бақайдгирии иштирокчиён / шунавандагон, нишони сарисинагӣ, ширеш, ватман, коғази А4 (сафед ва ранга), фломастер, маркерҳо, қалам, стикерҳо, лента, қайчи

**ТАҶҲИЗОТ**: проектор, компютер, монитор / экран, тахта барои овезон кардани ватман

**МАВОДИ ТАҚСИМОТӢ**: дафтар / блокнот, қалам, барнома барои иштирокчиён, саволномаҳо оид ба арзёбии сатҳи дониши шунвандагон ва арзёбии самаранокӣ ва сифати тренинг / семинар

**УСУЛҲОИ ТАЪЛИМ**: пурсишҳо, презентатсияҳо, лексияҳои хурд, кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ, мубоҳисаҳо, ҳуҷуми фикрҳо, бозӣ дар нақшҳо, машқҳои бедорсозӣ.

/

## БАРНОМА

**РӮЗИ ЯКУМ**

| № | ВАҚТ | МУНДАРИҶА | УСУЛИ ТАЪЛИМ | ЭЗОҲ |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | 08:30-09:00 | Бақайдгирии иштирокчиён | | |
| **2.** | 09:00-10:00 | Баррасӣ ва тавзеҳ додани мафҳумҳои ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон | Маърӯза ва ҳуҷуми фикрҳо | |
| **3.** | 10:00-11:00 | Нақши ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар пешрафти давлат ва ҷомеа – ҷавонон ҳамчун пешоҳанги идеологияи (мафкураи) миллӣ | Маърӯза | Рӯнамо |
| | 11:00-11:30 | Танаффус | | |
| **4.** | 11:30-12:00 | Субъектҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон | Ҳуҷуми фикрҳо | |
| **5.** | 12:00-13:00 | Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон; вазифаҳо ва ухдадори субъектҳо дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон | Маърӯза | Рӯнамо |
| | 13:00-14:00 | Хӯроки нисфирӯзӣ | | |
| **6.** | 14:00-14:30 | БОЗИИ МАЪРИФАТӢ | | Бозии ҷисмонӣ |
| **7.** | 14:30-15:30 | Фаъолият ва аҳамиятнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷамоатҳо ва | Маърӯза ва ҳуҷуми фикрҳо | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | кумитаҳои маҳаллаву деҳот: имкониятҳо ва саҳми онҳо дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон | | |
| | 15:30-16:00 | Танаффус | | |
| **8.** | 16:00-16:40 | Имкониятҳо ва саҳми иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷамоатҳо ва кумитаҳои маҳаллаву деҳот дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон | Кор дар гурӯҳҳои хурд | |
| **9.** | 16:40-17:00 | Ҷамъбасти рӯз ва вазифагузорӣ барои рӯзи дуюм | | |

**РӮЗИ ДУЮМ**

| № | ВАҚТ | МУНДАРИҶА | УСУЛИ ТАЪЛИМ | ЭЗОҲ |
|---|---|---|---|---|
| **10.** | 08:30-09:00 | Такрори мавзӯъҳо аз рӯзи якум - иҷрои вазифаҳои гузоштаишуда | | |
| **11.** | 09:00-10:00 | Муқовимат бо падидаҳои экстремистию тундгаро ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳӣ | Маърӯза ва ҳуҷуми фикрҳо | |
| **12.** | 10:00-10:30 | Барномаҳои мақсаднoки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши онҳо дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон | Маърӯза | Рӯнамо |
| | 11:30-11:00 | Танаффус | | |
| **13.** | 11:00-12:00 | Роҳу усулҳои таҳия, қабул ва амалисозии лоиҳа ва ё | Маърӯза | Рӯнамо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | барномаи мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва деҳот | | |
| **14.** | 12:00-13:00 | Таҳияи лоиҳа ё барномаи маҳаллии рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи ҷамоати деҳот | Кор дар гурӯҳҳои хурд | |
| | 13:00-14:00 | Хӯроки нисфирӯзӣ | | |
| **15.** | 14:00-14:30 | Роҳу усулҳои мусоидат ба иштироки фаъоли ҷавонон дар ҷараёни қабули қарорҳо дар сатҳи маҳал | Маърӯза | |
| **16.** | 14:30-15:30 | Тарзу усулҳои мониторинг ва баҳодиҳии фаъолият, ҳамчунин баргузории таҳлилу омӯзишҳо ва пайдо кардани мушкилот | Маърӯза, ҳуҷуми фикрҳо | Рӯнамо |
| | 15:30-16:00 | Танаффус | | |
| **17.** | 16:00-16:30 | Таҳияи нақшаи баргузории таҳлилу омӯзишҳо ва мониторинги ҷараёни татбиқи барномаҳои мақсадноки рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳал | Кор дар гурӯҳҳои хурд | |
| 18. | 16:30-16:50 | Санҷиши сатҳи дониш | Саволномаи тестӣ | |
| **19.** | 16:50-17:00 | Ҷамъбасти семинар, тақдими сертификтаҳо ва аксбардорӣ | | |

/

## ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ

## РӮЗИ ЯКУМ

### 1. БАҚАЙДГИРИИ ИШТИРОКЧИЁН

Бақайдгирии иштирокчиён тибқи шакли рӯйхати замимагардида сурат мегирад (замимаи 1). Зимнан, мумкин аст, ки рӯйхати иштирокчиён қаблан дар шакли бақайдгирӣ пур карда шавад.

### ИФТИТОҲИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ ВА МУАРРИФИИ ОМӮЗГОРҲО (ОМӮЗГОРОН)

*ОМӮЗГОР: Салому алейкум, шуморо барои иштирок дар ин машғулияти бисёр муҳим хуш омадед ва изҳори сипос мегӯем ва ҳоло мо худро ба шумо муаррифб мекунем:*

*Номи ман...., корманди....*

***Эзоҳ**: тавсия мегардад, ки ҳар як омӯзгор худро дар алоҳидагӣ муаррифӣ намояд.*

*ОМӮЗГОР: Акнун, хоҳиш менамоем, ки ҳар яки шумо худро, бо навбат шинос мекардед, бо тартиби ном, насаб, корманди куҷо.*

### ҚОИДАИ ГУРӮҲ

**Маводи зарурӣ**: ватман, қалам

**Усули таълим**: ҳуҷуми фикрҳо

*ОМӮЗГОР: Ин навбат моро зарур аст, ки якҷо бо шумо қоидаи гурӯҳро қабул намоем.*

*Марҳамат мегуфтед, ки чи гуна рафтор бояд дошта бошем дар ҷарёни семинар?* (дар ватман навишта мешаванд)

РӮЙХАТИ ҚОИДАҲО (ТАВСИЯВӢ):

- Қоидаи дасти боло;
- Гап назадан, бе зарурат;
- Халал нарасонидан ба якдигар;
- Сари вақт ҳозир шудан ба семинар;
- Телефонҳоро хомуш кардан;
- Акс гирифтани ҷараёни семинар аз рӯи хоҳиш;
- Эҳтироми якдигар;

- Бо навбат ҳарф задан.

**САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ**

**Мавод**: саволномаи тестӣ (замимаи 2)
**Муҳлати пур кардани саволнома**: 15 дақиқа

ОМӮЗГОР: *ташаккури зиёд барои фаъолнокӣ, акнун ба шумо саволномаи тестӣ барои муайян кардани сатҳи дониш пешниҳод мегардад. Албатта, ин пурсиш ба шахсияти шумо таъсир намерасонад, он барои мо-ОМӮЗГОРон зарур аст, то инки фаҳмем, кадом масъалаҳоро бештар бо шумо баррасӣ намоем.*

Эзоҳ: саволномаҳоро ҷамъ оварда, дар ҷои маҳкам аз иштирокчиён нигоҳ доштан лозим аст.

**2. Мавзуъ: БАРРАСӢ ВА ТАВЗЕҲ ДОДАНИ МАФҲУМҲОИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН**

**Вазифа:** ба иштирокчиён тавзеҳ додани мафҳумҳои ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон
**Давомнокӣ**: 60 дақиқа
**Усули таълим**: маърӯза ва ҳуҷуми фикрҳо
**Мавод**: матни маърӯза (замимаи 3)

ОМӮЗГОР: *чи тавре огоҳ ҳастед Тоҷикистон яке аз ҷавонтарин кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб мегардад, зимнан, таваҷҷуҳ ба ин қишри аҳолӣ, бахусус татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон аҳамияти хосса талаб менамояд.*

*Акнун мегуфтед, ки шахси ҷавон гуфта, кадом синнусолро мефаҳмед шумо?*

(дар ватман навишта мешаванд)

РӮЙХАТИ ТАВСИЯВӢ:
- 14-30 сола;
- То 30 сола; (дурусташ)
- То 35 сола;
- 18-30 сола.

Зимнан, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" такя карда, ОМӮЗГОР варианти дурусти сарҳади синусолии шахси ҷавонро тавзеҳ медиҳад.

*Акнун саволи дигар, мегуфтед, ки сиёсат чист?*
(дар ватман навишта мешаванд)

РӮЙХАТИ ТАВСИЯВӢ:

- Сиёсати давлат;
- Санъати идоракунии ҷомеа ва давлат; (дурусташ)
- Фаъолияти ҳукумат....

Зимнан, ОМӮЗГОР варианти дурусти сарҳади синусолии шахси ҷавонро тавзеҳ медиҳад.

Пас аз ҳуҷуми фикрҳо (пас аз 20 дақ.)

МАЪРӮЗА: Ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон

ОМӮЗГОР: *Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии ҷавонон - низоми ягонаи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари неруи зеҳнии онҳо ба манфиати ҷамъият татбиқ мегардад.....* (давоми маърӯза аз замимаи 3)

## 3. Мавзуъ: НАҚШИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ПЕШРАФТИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА – ҶАВОНОН ҲАМЧУН ПЕШОҲАНГИ ИДЕОЛОГИЯИ (МАФКУРАИ) МИЛЛӢ

**Вазифа:** ба иштирокчиён тавзеҳ додани нақши ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар пешрафти давлат ва ҷомеа – ҷавонон ҳамчун пешоҳанги идеологияи (мафкураи) миллӣ
**Давомнокӣ**: 60 дақиқа
**Усули таълим**: маърӯза
**Мавод**: матни маърӯза (замимаи 4)

ОМӮЗГОР: *дар боло ба мафҳумҳои асосии ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон шиносоӣ пайдо кардед. Ин навбат, ба шумо ба таври*

*мухтасар нақши ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар пешрафти давлат ва ҷомеа – ҷавонон ҳамчун пешоҳанги идеологияи (мафкураи) миллӣ тавзеҳ дода мешавад, ки ба он бисёр диққат кардан лозим аст.*

*Ҷавонон, аслан қишри дастнигаранд, аммо нақши онҳо барои ояндаи давлат ва ҷомеа хеле созгор аст; онҳо аз як тараф созанда, аммо аз тарафи дигар, агар аз таълиму тарбия дур монанд, ҳамчун сузанда истифода мегарданд....* (давоми маърӯза аз замимаи 4)

Пас аз танаффус!!

**4. Мавзуъ:** Субъектҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон

**Вазифа:** ба иштирокчиён шинос кардани субъектҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон

**Давомнокӣ**: 30 дақиқа

**Усули таълим**: ҳуҷуми фикрҳо

**Мавод**: флипчарт

ОМӮЗГОР: *маълум аст, ки ҳар як соҳа аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ идора карда шуда, чанд адад ташкилоту муассисаҳои дигарро ҳамчун ниҳодҳои масъул ҷалб месозад.*

*Дар илми идоракунӣ ҳама гуна ташкилотҳои вобастаро субъект мегӯянд. Яъне, ниҳоде, ки салоҳият ва ё ваколати идоракунӣ дорад, субъект буда, шахсон ва ё дастгоҳҳои идорашаванда объект фаҳмида мешаванд.*

*Акнун мегуфтед, ки ба гурӯҳи субъектҳо-ташкилотҳои ба соҳаи фаъолияти кор бо ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон масъулбуда кадомҳоянд?*

(дар ватман навишта мешаванд)

РӮЙХАТИ ТАВСИЯВӢ:

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- бахшҳои кор бо ҷавонон ва варзиш;
- шӯроҳои кор бо ҷавонон;
- иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон;
- бахшҳои кор бо занон;
- комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак;
- шуъбаҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;
- ҷамоатҳо;

- кумитаҳои (шӯроҳои) маҳалла ва деҳот.

Зимнан, ОМӮЗГОР ба таври умумӣ вазифа ва уҳдадориҳои субъектҳои сиёсати давлатии ҷавононро тавзеҳ медиҳад.

## 5. Мавзуъ: САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР САМТИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН; ВАЗИФАҲО ВА УҲДАДОРИИ СУБЪЕКТҲО ДАР АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

**Вазифа:** ба иштирокчиён додани маълумот оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, дар ин замина вазифаҳо ва уҳдадории субъектҳо дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон

**Давомнокӣ**: 60 дақиқа

**Усули таълим**: ҳуҷуми фикрҳо

**Мавод**: рӯнамо (замимаи 5)

ОМӮЗГОР: *чуноне маълум аст, асоси ҳамаи фаъолиятҳоро қонун ва санадҳои зерқонунӣ ташкил медиҳад. Зимнан, соҳаи кор бо ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон бо санадҳои гуногуни қонунгузорӣ ба танзим дароварда шудаанд....* (давоми маърӯза аз замимаи 5)

Пас аз хӯроки нисфирӯзӣ

## 6. Мавзуъ: БОЗИИ МАЪРИФАТӢ (бозии ҷисмонӣ)

**Вазифа:** омода намудани вазъи ҷисмонии иштирокчиён, бедор кардани завқ оид ба азхудкунии маводи оянда, ҳамзамон муттаҳид намудани онҳо дар рӯҳияи муоирати озод

**Давомнокӣ**: 30 дақиқа

**Усули таълим**: бозӣ дар нақшҳо

**Мавод**: туби қоғазин

ОМӮЗГОР: *марҳамат, аз ҷойҳо хеста дар майдон давра меистем. Вазифа: туби мазкурро ба якдигар ҳавола додан лозим, аммо қабл аз партофтан зарур аст, ки исми (номи) шахи муқобилистодаро донем ё пурсем. Сипас, номи шахси қабулкунандаро гирифта, тубро ҳавола медиҳаем. Ному насаб дар нишони сарисинагӣ оварда шудаанд.*

/

Бозии мазкур бигузор 15-20 дақиқа давом кунад. Дар интиҳо ОМӮЗГОР ипсогузорӣ карда, аз хоҳиш менамояд, ки ҷойҳои худро ишғол намоянд.

## 7. Мавзуъ: ФАЪОЛИЯТ ВА АҲАМИЯТНОКИИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶАВОНОН, ҶАМОАТҲО ВА КУМИТАҲОИ МАҲАЛЛАВУ ДЕҲОТ: ИМКОНИЯТҲО ВА САҲМИ ОНҲО ДАР ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

**Вазифа:** маълумотнок гардонидани иштирокчиён оид ба фаъолият ва аҳамиятнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷамоатҳо ва кумитаҳои маҳаллаву деҳот: имкониятҳо ва саҳми онҳо дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон

**Давомнокӣ**: 60 дақиқа

**Усули таълим**: маърӯза ва ҳуҷуми фикрҳо

**Мавод**: матни маърӯза (дар замимаи 6)

ОМӮЗГОР: *ҳамагон медонем, ки мо дар давлат ва ё ҷомеаи демократӣ зиндагӣ дорем, аммо пеш аз ин дар давлатӣ шӯравӣ, ки сохти коммунистӣ дошт, зиндагӣ кардаем. Тафовут дар он аст, дар ҷомеаи демократӣ озодии ҳаёту фаъолият қадр гардида, он ҳамаҷо дида мешавад, аммо дар ҷомеаи коммунистӣ-тоталитарӣ ин арзишҳо поймол мегардиданд....* (давоми маърӯза аз замимаи 6)

Пас аз маърӯза, ташкили Ҳуҷуми фикрҳо (пас аз 40 дақ.)

ОМӮЗГОР: *акнун мегуфтед, ки кадом институҳои ҷомеаи шаҳрвандиро медонед ё он аз кадом институтҳо иборат аст?*

(дар ватман навишта мешаванд)

РӮЙХАТИ ТАВСИЯВӢ:

- оила;
- ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон;
- ҷамоатҳо;
- кумитаҳои (шӯроҳои) маҳалла ва деҳот;

- иттифокҳои касаба;
- ҳизбҳои сиёсӣ;
- бахши хусусӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ);
- ВАО.

Зимнан, ОМӮЗГОР ба таклифҳои иштирокчиён дар асоси рӯйхати тавсиявӣ ислоҳ дароварда, аҳамиятнокии онҳоро тавзеҳ медиҳад.

Пас аз танаффус

## 8. Мавзуъ: ИМКОНИЯТҲО ВА САҲМИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶАВОНОН, ҶАМОАТҲО ВА КУМИТАҲОИ МАҲАЛЛАВУ ДЕҲОТ ДАР ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

**Вазифа:** талқини баррасии мустақилона масъалаҳо оид ба имкониятҳо ва саҳми иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷамоатҳо ва кумитаҳои маҳаллаву деҳот дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон

**Давомнокӣ**: 40 дақиқа

**Усули таълим**: кор дар гурӯҳҳои хурд

**Мавод**: ватман, қалам

ОМӮЗГОР: *ҳоло ба мо зарур аст, ки ба 4 гурӯҳ ҷудо шавем; марҳамат то шумораи 4 бо навбат мешуморем.*

*Ташаккур, акнун ҳар нафаре, ки рақами 1-ро номбар карда ба кунҷи рости боло, рақамҳои 2 ба кунҷи чапи боло, рақмҳои 3 ба кунҷи рости поён ва рақамҳои 4 ба кунҷи чапи поён тақсим мешавем!*

*Вазифа: таҳияи имкониятҳо ва саҳми иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷамоатҳо ва кумитаҳои маҳаллаву деҳот дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон.*

Сипас, ОМӮЗГОР тартиби кор дар гурӯҳҳои хурдро аз рӯи мавзӯи алоқаманди ҳамин дастурамал (ниг. ба мундариҷа) ба гурӯҳҳо мефаҳмонад ва **худ низ, аз рӯи он амал менамояд**.

## 9. Мавзуъ: ҶАМЪБАСТИ РӮЗ ВА ВАЗИФАГУЗОРӢ БАРОИ РӮЗИ ДУЮМ

/

**Вазифа:** ҳушдор намудани иштирокчиён оид ба аҳамиятноки мавзуъҳои гузашта ва такрори онҳо

**Давомнокӣ**: 20 дақиқа

**Усули таълим**: маърӯза

**Мавод**: ватман, қалам

ОМӮЗГОР: *инак, мо ба интиҳои рӯзи аввали семинар расидем. Зарур аст, ки ҳар як мавзӯи гузаштаро хуб аз худ кунем, зеро дарояндаи наздик аз натиҷаи ин семинар ва таъсири он ба фаъолияти касбии шумо, бахусус татбиқи онҳо, яъне дониши гирифта дар беҳтар намудани фаъолияти кории худ, аз шумо пурсида мешавад.*

*Аз ин рӯ, пагоҳ пеш аз оғози семинар ҳар яки шумо аз мавзуъҳои имрӯза пурсида мешавад ва албатта, дараҷаи фаъолнокии шумо дар сертификати хатм, ки пагоҳ бегоҳ дода мешавед, таъсир мерасонад.*

## РӮЗИ ДУЮМ

### 10. Мавзуъ: ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲО АЗ РӮЗИ ЯКУМ - ИҶРОИ ВАЗИФАҲОИ ГУЗОШТАШУДА

**Вазифа:** тавияти маводи таълимӣ, баланд бардоштани масъулиятнокии иштирокчиён оид ба аҳамиятнокии семинар

**Давомнокӣ**: 30 дақиқа

**Усули таълим**: пурсиш

**Мавод**: ватман, қалам

ОМӮЗГОР: *иштирокчиёни гиромӣ ташаккур барои фаъолнокӣ ва инак рӯзи дуюми семинарро оғоз менамоем. Чуноне ки дирӯз иттилоъ дода будам, имрӯзро бо такрори мавзӯъҳои дирӯза бо пурсидани шумо-иштирокчиён ибтидо менамоем.*

*Марҳамат, аввал ба таври ихтиёрӣ; Ки метавонад дар бораи мавзӯъҳои дирӯза маълумот диҳад, - дирӯз кадом донишҳоро аз худ кардед?*

Ҳамин тариқ, ОМӮЗГОР ҳар як иштирокчиро аз рӯи мавзӯҳои гузашта мепурсад.

## 11. Мавзуъ: МУҚОВИМАТ БО ПАДИДАҲОИ ЭКСТРЕМИСТИЮ ТУНДГАРО ВА ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РӮҲИЯИ ХУДШИНОСӢ ВА ХУДОГОҲӢ

**Вазифа:** додани маълумот ба иштирокчиён оид ба падидаҳои экстремистию тундгаро, муқовимат бо онҳо ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳӣ

**Давомнокӣ**: 60 дақиқа

**Усули таълим**: маърӯза ва ҳуҷуми фикрҳо

**Мавод**: матни маърӯза (замимаи 7), ҳамчунин Роҳнамо дар бораи пешгирӣ аз экстремизм, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шахсони бозгашта аз минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона ба ҷумҳурии тоҷикистон (замимаи 7А)

ОМӮЗГОР: *боиси таассуф аст, ки дар шароити рушди муносибатҳо ва пешрафти илму техника ҳолатҳои ифротгароӣ, хурофотпарастӣ, экстремизму терроризм низ афзоиш дорад. Бахсус барои халқу миллати мо, ки соҳиби таърихи 6-ҳазор сола ва тамаддуну фарҳанги бой мебошад, ин масъала нангин буда, боиси ташвиш мебошад…* (идома аз замимаҳои 7 ва 7А)

Пас аз маърӯза, Ҳуҷуми фикрҳо (пас аз 40 дақ.)

ОМӮЗГОР: *акнун мегуфтед, ки кадом гурӯҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ имрӯз дар минтақа фаъоланд?*

(дар ватман навишта мешаванд)

РӮЙХАТИ ТАВСИЯВӢ:

- ҳизби мамнуъи наҳзат;
- толибон;
- ДИИШ;
- Ҷабҳат ан-Нусра;
- Ҷайш-ал-ҳур (Лашкари озод);
- Ихвон–ал-Муслимин;
- Лашкари озоди Сурия;
- Ҳаракати исломии Ӯзбекистон;
- Ал-қоида.

Зимнан, ОМӮЗГОР ба таклифҳои иштирокчиён дар асоси рӯйхати тавсиявӣ ислоҳ даровардa, аҳамиятнокии онҳоро тавзеҳ медиҳад.

**12. Мавзуъ: БАРНОМАҲОИ МАҚСАДНОКИ РУШДИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН**

**Вазифа:** додани маълумот ба иштирокчиён оид ба барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ва накши онҳо дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон

**Давомнокӣ**: 30 дақиқа

**Усули таълим**: маърӯза

**Мавод**: матни маърӯза, рӯнамо (замимаи 8)

ОМӮЗГОР: *дар шароити рушди ҷомеаи муосир яке аз усулҳо ва ё механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон, зимнан бартарафсозии проблемаҳои рӯзмарраи ҷавонон ин барномасозии муносибатҳо мебошад. Яъне, татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон тавассути санадҳои зерқонунӣ, ба мисли консепсиҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди мақсаднок....* (идома аз замимаи 8)

Пас аз танаффус

**13. Мавзуъ: РОҲУ УСУЛҲОИ ТАҲИЯ, ҚАБУЛ ВА АМАЛИСОЗИИ ЛОИҲАҲО ВА Ё БАРНОМАҲОИ МАҚСАДНОКИ РУШДИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР САТҲИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО ВА ДЕҲОТ**

**Вазифа:** ба иштирокчиён омӯзонидани роҳу усулҳои таҳия, қабул ва амалисозии барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва деҳот

**Давомнокӣ**: 60 дақиқа

**Усули таълим**: маърӯза

**Мавод**: матни маърӯза, рӯнамо (замимаи 9)

ОМӮЗГОР: *пеш аз қабули қарор оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди мақсаднок дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон зарур аст, ки вобаста ба роҳу усулҳои таҳия ва амалисозоии барномаҳо маълумоти саҳеҳ дошта бошем. Тибқи таҳлилҳо яке аз сабабҳои асосии камсифатии барномаҳо ва ё умуман вуҷуд надоштани онҳо ин паст будани сатҳи дониш ва малакаи субъектҳо вобаста ба таҳия ва амалисозии онҳо ба шумор меравад....* (идома аз замимаи 9)

### 14. Мавзуъ: ТАҲИЯИ ЛОИҲА / БАРНОМА ОИД БА РУШДИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР САТҲИ ҶАМОАТИ ДЕҲОТ

**Вазифа:** озмоиши иштирокчиён ва маҳорати онҳо оид ба таҳияи барномаи маҳаллии рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи ҷамоати деҳот

**Давомнокӣ**: 60 дақиқа

**Усули таълим**: кор дар гурӯҳҳои хурд

**Мавод**: ватман, қалам

ОМӮЗГОР: *ҳоло ба мо зарур аст, ки ба 4 гурӯҳ ҷудо шавем; марҳамат то шумораи 4 бо навбат мешуморем.*

*Ташаккур, акнун ҳар нафаре, ки рақами 1-ро номбар карда ба кунҷи рости боло, рақамҳои 2 ба кунҷи чапи боло, рақмҳои 3 ба кунҷи рости поён ва рақамҳои 4 ба кунҷи чапи поён тақсим мешавем!*

***Вазифаи гурӯҳҳо**: Таҳияи барномаи маҳаллии рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи ҷамоати деҳот.*

Сипас, ОМӮЗГОР тартиби кор дар гурӯҳҳои хурдро аз рӯи мавзӯи алоқаманди ҳамин дастурамал (ниг. ба мундарича) ба гурӯҳҳо мефаҳмонад ва **худ низ, аз рӯи он амал менамояд**.

Пас аз хӯроки нисфирӯзӣ

### 15. Мавзуъ: РОҲУ УСУЛҲОИ МУСОИДАТ БА ИШТИРОКИ ФАЪОЛИ ҶАВОНОН ДАР ҶАРАЁНИ ҚАБУЛИ ҚАРОРҲО ДАР САТҲИ МАҲАЛ

**Вазифа:** омӯзонидани субъектҳо оид ба роҳу усулҳои мусоидат ба иштироки фаъоли ҷавонон дар ҷараёни қабули қарорҳо дар сатҳи маҳал

**Давомнокӣ**: 30 дақиқа

**Усули таълим**: маърӯза

**Мавод**: матни маърӯза (замимаи 9А)

ОМӮЗГОР: *Дар вазъияти ҷаҳонишавӣ мебояд мавқеи кишвар дар соҳаи сиёсати дохилӣ, тақсими ҷаҳонии меҳнат, илми ҷаҳонӣ, фарҳанг ва технология, фароҳам овардани шароит барои рушд ва татбиқи имконияти шахсӣ, кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, самарабахшии идоракунии давлатӣ, таъмини сатҳи зарурии қобилияти мудофиавии кишвар таҳким ёбад. Ҳалли самарабахши ин вазифаҳои дурнамо бе иштироки ҷавонон дар ин раванд имконнопазир аст... (идома аз замимаи 9А)*

## 16. Мавзуъ: ТАРЗУ УСУЛҲОИ МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲИИ ФАЪОЛИЯТ, ҲАМЧУНИН БАРГУЗОРИИ ТАҲЛИЛУ ОМӮЗИШҲО ВА ПАЙДО КАРДАНИ МУШКИЛОТ

**Вазифа:** ба иштирокчиён оид ба тарзу усулҳои мониторинг ва баҳодиҳии фаъолият, ҳамчунин баргузории таҳлилу омӯзишҳо ва пайдо кардани мушкилот маълумот дода мешавад

**Давомнокӣ**: 60 дақиқа

**Усули таълим**: маърӯза

**Мавод**: матни маърӯза, рӯнамо (замимаи 10)

ОМӮЗГОР: *дар шароити рушди ҷомеаи муосир ва тақозои самранокии фаъолият яке аз фишангҳои таҷрибашуда ин мунтазам баргузор намудани таҳлилу омӯзишҳо ва мониторинг ба ҳисоб меравад. Барои ин зарур аст, ки малакаи тарзу усулҳои мониторинг ва баҳодиҳии фаъолият, ҳамчунин баргузории таҳлилу омӯзишҳоро омӯзем ва иҷрои ин талаботро таъмин намоем.....* (идома аз замимаи 10)

Пас аз танаффус

## 17. Мавзуъ: ТАҲИЯИ НАҚШАИ БАРГУЗОРИИ ТАҲЛИЛУ ОМӮЗИШҲО ВА МОНИТОРИНГИ ЧАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ МАҚСАДНОКИ РУШДИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ЧАВОНОН ДАР МАҲАЛ

**Вазифа:** озмоиши иштирокчиён ва маҳорати онҳо оид ба баргузории таҳлилу омӯзишҳо, пайдо кардани мушкилот ва баррасии роҳи ҳалли онҳо, аз чумла таҳияи нақшаи баргузории таҳлилу омӯзишҳо ва мониторинги чараёни татбиқи барномаҳои мақсадноки рушди сиёсати давлатии чавонон дар маҳал

**Давомнокӣ**: 30 дақиқа

**Усули таълим**: кор дар гурӯҳҳои хурд

**Мавод**: ватман, қалам

ОМӮЗГОР: *ҳоло ба мо зарур аст, ки ба 4 гурӯҳ чудо шавем; марҳамат то шумораи 4 бо навбат мешуморем.*

*Ташаккур, акнун ҳар нафаре, ки рақами 1-ро номбар карда ба кунчи рости боло, рақамҳои 2 ба кунчи чапи боло, рақмҳои 3 ба кунчи рости поён ва рақамҳои 4 ба кунчи чапи поён тақсим мешавем!*

***Вазифаи гурӯҳҳо***: Таҳияи нақшаи баргузории таҳлилу омӯзишҳо ва мониторинги чараёни татбиқи барномаҳои мақсадноки рушди сиёсати давлатии чавонон дар маҳал.

Сипас, ОМӮЗГОР тартиби кор дар гурӯҳҳои хурдро аз рӯи мавзӯи алоқаманди ҳамин дастурамал (ниг. ба мундарича) ба гурӯҳҳо мефаҳмонад ва **худ низ, аз рӯи он амал менамояд**.

## 18. Мавзуъ: САНЧИШИ САТҲИ ДОНИШ

**Мавод**: саволномаи тестӣ (замимаи 2)

**Муҳлати пур кардани саволнома**: 15 дақиқа

ОМӮЗГОР: *ташаккури зиёд барои фаъолнокӣ, акнун ба шумо саволномаи тестӣ барои муайян кардани сатҳи дониши гирифта дар натичаи семинар пешниҳод мегардад.*

Эзоҳ: саволномаҳоро чамъ намуда, дар муҳлати хеле зуд баҳогузорӣ кардан лозим мегардад.

## 19. ҶАМЪБАСТИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ

**Вазифа**: ҷамъбасти семинар, тақдими сертификат, акси хотиравӣ

**Мавод**: сертификатҳои омодашуда, дастгоҳи суратгирӣ

ОМӮЗГОРОН: *иштирокчиёни гиромии курси омӯзишӣ, ду рӯз аст, ки якҷо оид ба роҳу усулҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди ҷавонон омӯзиш гузашата истодаем. Ҳоло бошад, ба интиҳои ин чорабинӣ расидем. Зарур аст, ки ҳар як мавзӯи баррасишударо дар хотира маҳкам намуда, аз маводҳои ба шумо дастрасшуда босамар истифода намоем. Аз ҷумла, тавсияҳои пешниҳодгардидаро ва уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро ба ҳар яки мо нисбат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон фаъолона иҷро намоем...*

**Эзоҳ**: ба ҳар як иштирокчи сертификат тақдим карда шуда, дар интиҳо бо ҳамаи иштирокчиён акси гурӯҳӣ гирифтан лозим мегардад.

## Замимаи 1. ШАКЛИ РӮЙХАТИ ШУНАВАНДАГОН

| № | Ному насаб | Суроғаи ҷойи зист | Рақами телефон | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| 4. | | | | |
| 5. | | | | |
| 6. | | | | |
| 7. | | | | |
| 8. | | | | |
| 9. | | | | |
| 10. | | | | |
| 11. | | | | |
| 12. | | | | |
| 13. | | | | |
| 14. | | | | |
| 15. | | | | |
| 16. | | | | |
| 17. | | | | |
| 18. | | | | |
| 19. | | | | |
| 20. | | | | |

## Замимаи 2. Пурсишномаи тестӣ барои шунавандгони курси омӯзишӣ

*Пурсиши мазкур бо мақсади санҷиш ва тақвияти сатҳи дониш ва малакаи иштирокчиёни семинар омода гардида, дар ду марҳила – дар оғоз ва интиҳои семинар гузаронида мешавад. Натиҷаи пурсишнома дар сертификати хатм оварда мешавад.*
*Бинобар ин, зимни интихоб кардани тариқаҳо (ҷавобҳо) ва давоми аз худ кардани маводҳои курси омӯзишӣ бодиққат бошед!*
*Аз тариқаҳои (ҷавобҳои) пешниҳодшуда дурусташро ☑ интихоб намоед*

СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

1. Ҷавонон кистанд?
   - ☐ шахсони синни аз 14 то 30-сола
   - ☐ шахсони то 30-сола
   - ☐ шахсони синни аз 18 то 30-сола

2. Шахси ҷавон кист?
   - ☐ шахси синни аз 14 то 30-сола
   - ☐ шахси то 30-сола
   - ☐ шахси синни аз 18 то 30-сола

3. Сиёсати давлатии ҷавонон чист?
   - ☐ низоми ягонаи тадбирҳо, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари неруи зеҳнии онҳо ба манфиати ҷамъият татбиқ мегардад;
   - ☐ маҷмӯи тадбирҳо, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари неруи зеҳнии онҳо ба манфиати ҷамъият татбиқ мегардад;
   - ☐ низоми ягонаи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари

неруи зеҳнии онҳо ба манфиати ҷамъият татбиқ мегардад.

4. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҷавонон кадом ташкилот аст?
   - ☐ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - ☐ Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - ☐ Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон.

5. Субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон киҳо / чиҳо ҳастанд?
   - ☐ иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар доираи ваколатҳои худ дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон иштирок менамоянд
   - ☐ ҷавонон, оилаҳои ҷавон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон иштирок менамоянд
   - ☐ ҷавонон, оилаҳои ҷавон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар доираи ваколатҳои худ дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон иштирок менамоянд.

6. Ташкилотҳои кор бо ҷавонон чи гуна аст?
   - ☐ шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқие, ки дар соҳаи ҷавонон фаъолият менамоянд
   - ☐ шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо), новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқие, ки дар соҳаи ҷавонон фаъолият менамоянд.
   - ☐ иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо), новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқие, ки дар соҳаи ҷавонон фаъолият менамоянд

7. Иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон чи гуна ташкилот аст?

- ☐ Ташкилоти давлатӣ аст
- ☐ Ташкилоти сиёсии идеологӣ аст
- ☐ Ташкилоти иҷтимоии идеологӣ аст

ФАЪОЛИЯТИ ИДЕОЛОГӢ

8. Мавқеи конститутсионии давлат вобаста ба идеологияҳои сиёсӣ ?
   - ☐ Идеологияи ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои алоҳида метавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад
   - ☐ Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад.
   - ☐ Идеологияи ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои алоҳида наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад

9. Сиёсати давлатии ҷавонон соҳаи афзалиятнок аст!?
   - ☐ Сиёсати давлатии ҷавонон яке аз шаш самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мебошад.
   - ☐ Сиёсати давлатии ҷавонон соҳаи афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат буд
   - ☐ Сиёсати давлатии ҷавонон самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат мебошад

ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

10. Ватандӯстӣ чист (тибқи қонунгузорӣ)?
   - ☐ Дӯст доштани Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва содиқона хизмат кардан
   - ☐ Садоқат ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан
   - ☐ Муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан.

/

11. Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон масъулияти ки аст?
   - ☐ Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва оила
   - ☐ Ҳар як шаҳрванди ватандӯст
   - ☐ Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон.

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ВА МАФКУРАВӢ

12. Мавқеи конститутсионии давлат вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ
   - ☐ Таъмини бехатарӣ ва дастрасии иттилоот вобаста ба ҳимояи манфиатҳои шахс
   - ☐ Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.
   - ☐ Таъмини бехатарӣ ва дастрасии иттилоот вобаста ба ҳимояи манфиатҳои шахс кафолат дода мешавад

13. Дар шароити имрӯза кадом шакли таҳдидҳо нисбатан хатарнок ба ҳисоб меравcovered?
   - ☐ Аслиҳа ва яроқи ҳастаӣ (атомӣ)
   - ☐ Василаҳо, воситаҳо ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.
   - ☐ Восита ва техникаҳои ҳарбӣ, ки барои ҳимояи марзи давлатӣ равона мегарданд

14. Кадоме аз ҳадафҳои (мундариҷаи) Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2023 ба таҳкими неруи мафкуравии ҷомеа нигаронида шудааст?
   - ☐ Тоҷикистон дар соли 2030
   - ☐ Таҳдидҳо ва имкониятҳо барои рушд
   - ☐ Рушди сармояи инсонӣ.

ҲАРАКАТҲОИ ИФРОТИЮ ИРТИҶОӢ (ЭКСТРЕМИСТИЮ ТЕРРОРИСТӢ)

15. Эстремизм чист (тибқи қонунгузорӣ)?

- ☐ Фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст
- ☐ Ифодаи мафкура, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст
- ☐ Ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст.

16. Терроризм чист?

- ☐ Сиёсат, бар асоси истифодаи мунтазами террор.
- ☐ Фаъолият, бар асоси истифодаи мунтазами террор
- ☐ Амал, бар асоси истифодаи мунтазами террор

17. Ваколати Ҷамоат дар самти барномасозии фаъолият оид ба татбиқи сиёсати ҷавонон чи гуна аст?

- ☐ Амалисозии барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр / ноҳия
- ☐ Таҳия ва тасдиқи барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрак ва деҳот.
- ☐ Таҳия ва тасдиқи барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр / ноҳия

18. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ чи гуна ташкилот аст ва чи мақсад дорад?

- ☐ Иттиҳодияи ҷамъиятии ихтиёрии беузвияти шаҳрвандон буда, мақсади он ҳал намудани масъалаҳои гуногуни иҷтимоиест, ки дар ҷои зисти шаҳрвандон пайдо мешаванд.

- ☐ Ташкилоти давлатӣ буда, мақсади он ҳал намудани масъалаҳои гуногуни иҷтимоиест, ки дар ҷои зисти шаҳрвандон пайдо мешаванд
- ☐ Иттиҳодияи тиҷоратии шаҳрвандон буда, мақсади он ҳал намудани масъалаҳои гуногуни иҷтимоиест, ки дар ҷои зисти шаҳрвандон пайдо мешаванд

19. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар самти барномасозии фаъолият оид ба татбиқи сиёсати ҷавонон чи гуна иштирок мекунад?
    - ☐ Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи маҳалли зист муроҷиат менамояд
    - ☐ Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи маҳалли зист ёрӣ мерасонад.
    - ☐ Ба ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи маҳалли зист ёрӣ мерасонад
    - ☐

20. Зимни таҳия лоиҳа ва ё барномаи рушди мақсаднок аз кадом қисмтҳо бояд иборат бошад?
    - ☐ Мақсад ва вазифаҳо, натиҷаҳои интизорӣ, буҷет
    - ☐ Асоснокӣ, таҳлили вазъият, мақсад ва вазифаҳо, усулҳои амалисозии вазифаҳо, нақшаи чорабиниҳо (тақвимӣ)
    - ☐ Асоснокӣ, таҳлили вазъият, мақсад ва вазифаҳо, усулҳои амалисозии вазифаҳо, нақшаи чорабиниҳо (тақвимӣ), натиҷаҳои интизорӣ, буҷет

## Замимаи 3. Мафҳумҳои ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” маҳумҳои зерин муқаррар гардидаанд:

1) **ҷавонон** - шахсони синни аз 14 то 30-сола мебошанд;
2) **сиёсати давлатии ҷавонон** - низоми ягонаи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари неруи зеҳнии онҳо ба манфиати ҷамъият татбиқ мегардад;
3) **мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҷавонон** - мақоми давлатие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, сиёсати давлатиро дар соҳаи кор бо ҷавонон амалӣ менамояд;
4) **иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон** - иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии ҷавонон мебошад, ки онҳо дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳое муттаҳид гардидаанд, ки дар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон нишон дода шудаанд;
5) **оилаи ҷавон** - оилае, ки дар он зану шавҳар ё яке аз онҳо ба синни 30 нарасидаанд, ё ин, ки падар ё модари синни то 30-солае, ки дар танҳоӣ кӯдакро тарбия мекунад;
6) **субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон** - ҷавонон, оилаҳои ҷавон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар доираи ваколатҳои худ дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон иштирок менамоянд;
7) **ташкилотҳои кор бо ҷавонон** - шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо), новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқие, ки дар соҳаи ҷавонон фаъолият менамоянд;
8) **ҷавонони болаёқат, фаъол ва ташаббускор** - ҷавононе, ки қобилияти муносиб, майлу рағбат ва масъулияти баланди шаҳрвандӣ ба корҳои ҷамъиятӣ дошта, иштироккунандаи фаъоли чорабиниҳои оммавӣ мебошанд ва ё дар таҳсил, шуғл ё меҳнат рафтори намунавӣ доранд.

## Замимаи 4. Нақши ҷавонон ва́ сиёсати давлатии ҷавонон дар пешрафти давлат ва ҷомеа – ҷавонон ҳамчун пешоҳанги идеологияи (мафкураи) миллӣ

Зарурати амалишавии сиёсати давлатии ҷавонон вобаста ба вазъияте ба амал бароварда шудааст, ки ҷавонон ҳангоми оғози ҳаёти мустақилона, ба даст овардани ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ дар назди ҷомеа бо он рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар айни замон системаи муносибатҳои байналмилалӣ, роҳу равиши ҳалли масъалаҳои сиёсии дохилӣ, стратегияи ноил шудан ба дастовардҳои иқтисодӣ тағйир ёфта, ҷаҳонбинӣ ва асосноксозии рафтори ҳам шахсони алоҳида ва ҳам дар маҷмӯъ дар ҷомеа дигаргун гаштааст.

Таҷрибаи даҳсолаҳои охир собит месозад, ки танҳо он кишварҳо ба дастовардҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ноил мегарданд, ки ба ҷавонон таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамоянд ва он ҷомеа рушди устуворро таъмин месозад, ки системаи маъмулии ақидаро нисбат ба насли ҷавон, нисбат ба системаи муносибати байниҳамдигарии наслҳо ва моҳияти он барои рушди сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ такмил медиҳад.

Аз ин рӯ ба афзалияти стратегӣ он давлат ё ҷомеае ноил мегардад, ки аз нерӯи инсонӣ, дар навбати аввал нерӯи созандаи рушд, ки заминагузори он ҷавонон мебошанд, самаранок истифода барад.

Тоҷикистон аз раванди глобалии сиёсӣ ва иқтисодӣ дар канор намебошад. Вазифаи таъмини пешрафти Тоҷикистон бо мақсади ноил шудан ба рақобатпазирии миллии кишвар дар раванди ҷаҳонии глобализатсионӣ, ҳамгироӣ, баланд бардоштани накш ва эътибори кишвар дар арсаи ҷаҳон рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти миллӣ, таассури самарабахш, муассир ва шабеҳро нисбат ба ситеза ва таҳдидҳои замона тақозо менамояд.

Дар чунин вазъ бояд мавқеи кишвар дар соҳаи сиёсати дохилӣ, тақсими ҷаҳонии меҳнат, илми ҷаҳонӣ, фарҳанг ва технология, фароҳам овардани шароит барои рушд ва татбиқи имконияти шахсӣ, кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, самарабахшии идоракунии давлатӣ, таъмини сатҳи зарурии қобилияти мудофиавии кишвар таҳким ёбад. Ҳалли самарабахши ин вазифаҳои дурнамо бе иштироки ҷавонон дар ин раванд имконнопазир аст.

**Беш аз 70 дарсади аҳолиии Тоҷикистонро шахсони ҷавон ташкил медиҳанд. Ин нерӯи созандаву пешбарандаи ҷомеа дар солҳои аввали бадастории истиқлолияти давлатӣ бо ифодаи ифтихори миллӣ ва шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатӣ талошу ташаббусҳои наҷибу ватандӯстона нишон дод.**

**Дар дилхоҳ давлату миллат ояндаро дар симои ҷавонон мебинанд. Зеро, ҷавонон нисбат ба дигар табақаи ҷомеа бештар фаъолтар буда, умеду такягоҳ ҳастанд.**

**Зимни ироаи Паёми хеш Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.01.2015)** қайд карданд, ки: «Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида,

ба ин неруи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунад, кишварро ободу зебо мегардонад ва номи ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардорад, ҳамеша такя менамояд».

Воқеан ҳам сатҳи тараққиёт ва нуфузи ҳар кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чӣ андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ ва ихтисосу дониши муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.

**Даврони истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеа, фаъолгардонии мақоми онҳо дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар тадбирҳои амалӣ андешида истодааст. Дар ин муддати кӯтоҳ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон, ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷавонон, инчунин татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон яккатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла,** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон қабул гардиданд, ки татбиқи онҳо боиси хеле боло гардидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид.

Дар баробари ин санадҳои соҳавӣ як қатор қонунҳо, консепсия ва барномаҳо дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ қабул ва амалӣ мегарданд, ки бевосита ва ё бавосита барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат менамоянд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикстон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мисоли равшанӣ ин гуфтаҳо мебошад.

Муссалам аст, ки таваҷҷӯҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин қишри ҷомеа рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Зеро дар замони бархӯрди тамаддунҳо ва муқовимат ба даъвату тазодҳои ҷаҳони муосир, насли ҷавон ягона василаи устувор ва сарватест, ки метавонад дар ин раванд ба муваффақият ноил гардад.

Дар воқеъ имрӯз ҷавонони кишвар дар марҳилае кору зиндагӣ доранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, мушкилоти зиёде низ сади роҳи зиндагии онҳо гаштааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшишу талош маҳз барои бартараф сохтани ин мушкилоти ҳаётии ҷавонон ва мусоидат ба мутобиқшавию рушду такомули онҳо ба харҷ медиҳад.

Дар баробари ин, иштироки ҷавонон дар арҷ гузоштан ва пос доштани арзишҳои миллӣ ва муқадассоти Ватан, тарбияи онҳо дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстӣ, дарки баланди масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва инсондӯстӣ, ба шуғли муносиб, тарзи ҳаёти солим, азхудкунии касб ва илмомӯзӣ ҳидоят сохтани насли ҷавон, қонеъ гардонидани талаботҳои  иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳо ва мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар ҳаёти рӯзмараи ин насл хело муҳим арзёбӣ мегардад.

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир ва ҷаҳонишавии кишвар самти нав ва мубрам дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фарох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд ва ғайраро фаро мегирад. Иштироки ҷавонон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаи устуворро барои иқтидори идорӣ ва кадрӣ ташкил медиҳад.

Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон вобаста ба самтҳои афзалиятноки зерин ба роҳ монда мешавад:

- иштироки ҷавонон;
- шуғлнокии ҷавонон;
- таъмини тарзи ҳаёти солим;
- таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;
- таъминоти иҷтимоии ҷавонон;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;
- мустақилияти иқтисодии ҷавонон;
- тарбияи ватандӯстии ҷавонон;
- ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон;
- заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон.

1. Иштироки ҷавонон

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир самти нав ва мубрам дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фарох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд, дастрасӣ ба грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, таъсиси ташкилотҳои мустақил ва кафолати таъмини адолати ҳуқуқиро фаро мегирад.

Фаъолгардонии сиёсии ҷавонон, ки онро ҷомеаи муосир тақозо менамояд барои Тоҷикистон аз лиҳози мавқеъи иқтисодӣ ва демографии он бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин росто барои ба таври мунтазамӣ бо кадрҳои ҷавон таъмин намудани ҳар се шохаи ҳокимияти идории кишвар (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) тариқи додани бартарият (муқаррар намудани квота) мувофиқи мақсад мебошад.

Чӣ тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, сатҳи маълумотнокии қисми зиёди масъулони мақомоти марказӣ ва маҳалӣ доир ба татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон паст мебошад, ки бар ин васила баргузор намудани силсила чорабиниҳои омӯзишӣ ва иттилоотӣ барои онҳо тақозо мегардад.

Дар самти иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам ҷалб намудани онҳо дар таҳия ва амалигардонии барномаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии алоқаманд мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон вобаста ба васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон тавассути талқин додани фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба воситаи ҳаракатҳои ҷавонон, аз ҷумла марказҳои ҷавонон бояд ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ташаккул ва рушди ҳаракати волонтёрӣ ва муқаррар сохтани механизмҳои ҳавасмандгардонии шахсони волонтёр дар чорчӯбаи қонунгузории ҷорӣ бояд тадбирҳо андешида шаванд.

2. Шуғлнокии ҷавонон

Қисми зиёди аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки мутаносибан теъдоди зиёди шахсони дорои қобили меҳант ба ин қишри ҷомеа рост меояд.

Боиси зикр аст, ки шуғлнокии ҷавонон на танҳо ба фарогирии онҳо бо меҳнат алоқамандӣ дорад, балки шуғлмандӣ ба амали муташаккиле (тамрини варзишӣ, таҳсил, хизмати ҳарбӣ, такмили дониш ва малака, сайёҳат ва ғайра) рабт дода мешавад.

Ба шуғл фаро гирифтани ҷавонон ҳамчун нишондиҳандаи беҳ будани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ маҳсуб мегардад ва ин амал фаъолияти мувофиқашудаи мақомоти давлатиро бо ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати ба кор фаро гирифтани ҷавонон, бахусус кӯдакони ятим, шахсони ҷавони имкониятașон маҳдуд, ҷавонони аз маҳали иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд, тақозо менамояд.

Дар шароити ҷомеаи муосир таваҷҷӯҳи беш ба гирифтани таҳсилоти касбӣ дода мешавад. Чунончӣ маълум аст, рушди имконот дар самти таъмини таҳсили муассир, сифатнок ва рақобатпазир дар ҷомеа метавонад ба ташаккули системаи тамоюлнокии касбии ҷавонон мусоидат намояд. Фарогирии ҷавонон ба таҳсил ва фароҳам овардани шароити мусоид, бахусус васеъ намудани имконоти хадамоти хусусӣ оид ба таҳсили ҷавонон боис мегардад, ки сатҳи маърифатнокии ҷавонон тақвият ёбад ва бар ин васила системаи ҳавасмандгардонии ҷавонони фаъол ва соҳибистеъдод ташаккул ёбад.

Муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон дар таносубнокӣ ба талаботи бозори меҳнати хориҷӣ дар ҳоли афзоишёбӣ қарор дорад, ки дар ин росто муқовиматнокӣ ва рақобатпазирии қобилияти меҳнатии онҳо мавриди фаъолият дар хориҷи кишвар то андозае устувор мегардад. Дар баробари ин, зарур аст, ки қувваи меҳнатии кишвар дар дохили мамлакат ба таври самаранок истифода гардад. Бо дарназардошти бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ баррасӣ ва аз нав таҳия кардани барномаҳои таълимии хонандагон ва донишҷӯён мувофиқи мақсад буда, дар таъмин намудани ҷавонон ба шуғли дастрас мусоидат менамояд.

Мусаллам аст, ки омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ яке аз омилҳои муассир дар танзими масъалаҳои шуғли аҳолӣ буда, дар маҷмӯъ рушди бемайлони иқтисодии ҳар кишвар аз шумораи аҳолии машғули кор ва самаранокии фаъолияти онҳо иборат аст, ки ин дар навбати худ ба сатҳи малакаи касбии аҳолии шуғлнок, аз ҷумла ҷавонон ва истифодаи босамари ин малакаи касбӣ бевосита иртибот дорад.

Дар ҳамин радиф, ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба касбҳои коргарии рақобатпазир дар бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ва дар заминаи ин коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон нақши муҳим дорад.

Таъсири сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ бо дарназардошти имконоти минтақавӣ бояд фаъолона пеш бурда шавад. Зарур аст, ки барои фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ ҷиҳати беҳбуди вазъи иқтисодӣ, боло бурдани сатҳи даромаднокии ҷавонон ва оилаҳои ҷавон ба воситаи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ё муқаррар кардани

имтиёзҳо барои соҳибкорони ватанӣ, бахусус аз ҳисоби соҳибкорони дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда, дар ташкили коргоҳҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ барои ҷавонон тадбирҳои зурурӣ андешида шавад.

Дар шароити ҷомеаи муосир касбӣ кунонидани хизмати ҳарбии ҷавонон бо дарназардошти имконоти баробари иштирок яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи маърифати иқтисодӣ ва соҳиб гардидан ба касби муносиб миёни ҷавонон хело паст мебошад. Дар ин радиф фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати касбомӯзии сарбозон ҳангоми хизмат дар сафи Қувваҳои Муссаллаҳ тавассути роҳандозӣ намудани марказҳои омӯзиши касбӣ ва тарбияи меҳнатии онҳо боиси дастгирӣ мебошад.

Яке аз роҳҳои самарабашх дар рушди имконоти фарҳангу фароғат ва худтакмилдиҳии ҷавонон ин дастгирии театрҳо, китобхонаҳо, марказҳои фарҳангии ҷавонон, иншооти варзишӣ, муассисаҳои таълимии берун аз мактабӣ ва ғайритаълимӣ, интишори адабиёти таълимӣ, бадеӣ ва методӣ, таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ мебошад. Махсусан васеъ гардонидани шабакаи марказҳои ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо ба ҷавонон имконият медиҳад, ки чорабиниҳои зиёди маърифатӣ, ба монанди тренингҳои омӯзишӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, озмунҳо, маҳфилҳои фарҳангию эҷодӣ ва ғайра бо иштироки бевоситаи худи ҷавонон доир гарданд, ки ин иқдом метавонад ҷавононро ба корҳои манфиатнок ва фоидабахш машғул намуда, аз оворагардию бекорӣ ва даст задан ба падидаҳои номатлуб эмин нигоҳ дорад.

3. Таъмини тарзи ҳаёти солим

Саломатии ҷавонон ояндаи солими кишвар ва омили муҳими рушди ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Дилхоҳ шахс танҳо дар ҳолати комилан солим будан метавонад ба қуллаҳои баланди зиндагӣ, муваффақият ва ба комёбиҳо ноил гардад.

Чӣ тавре маълум аст, дар баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мушкилоти гуногуни ҳаётӣ мардуми Тоҷикистонро фаро гирифт, аз ҷумла мушкилоти марбут ба ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон мубрам боқӣ мемонад. Дар чунин вазъ бояд ташкили мунтазами чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва варзишию оммавӣ оид ба тарғиб ва ҷалби ҷавонон ба таъмини тарзи ҳаёти солим ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон оид ба устувор гардонидани хадамоти таълимии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар сатҳи тамоми муассисаҳои таҳсилотӣ тадбирҳо андешида шавад.

Барои шуғлмандӣ ва ҳавасмандии ҷавонон ба варзиш ба таври васеъ барои истифода пешниҳод намудани имконоти фароҳамгардидаи муассисаҳои таҳсилотии кишвар марбут ба хадамоти варзишӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Самти дигари тарғиби тарзи ҳаёти солим ин ташаккул додани системаи ҳавасмандгардонӣ дар ташкили хадамоти варзишӣ тавассути муқаррар сохтани имтиёзҳои системавӣ мебошад. Дар ҳолати муқаррар гардидани имтиёзҳо имконоти рушд ва устувор гардонидани системаи варзиши касбӣ васеъ мегардад ва кафолати таъминоти иҷтимоӣ ба варзишгарон таъмин карда мешавад.

4. Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон

Ҳифз ва рушди нерӯи зеҳнӣ ва эҷодии ҷомеа, фароҳам овардани шароит барои худтатбиқнамоии ҷавонон таҳияи тадбирҳои маҷмӯиро оид ба ҳавасмандгардонии иқтисодии корхонаю муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, фондҳои хайрия ва дигар ташкилотҳо ва шаҳрвандони алоҳида, ки бояд ҷавонони болаёқатро дастгирӣ кунанд, тақозо менамоянд. Ҳамзамон муқаррар намудани мукофотҳо, стипендияҳо ва кӯмакпулиҳо барои шаҳрвандони ҷавони эҷодкор, расонидани кӯмаки давлатӣ ба ҷавонон ва фаъолияти инноватсионии онҳо ба рушди самти таҳсилоти сиёсати давлатии ҷавонон метавонад мусоидат кунад.

Сиёсати давлатии рушд ва дастгирии ҷавонони боистеъдод ҳамчун сиёсати умумии рушди захираҳои инсонӣ амалӣ мегардад. Дар ҳамин радиф фароҳам овардани шароит ҷиҳати таъмини таҳсили муассир ва сифатнок ба ҷавонон вобаста ба тақозои ҷомеаи муосир бояд ба роҳ монда шавад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз зарурати ташаккул ва рушди системаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва иловагии ҷавонон ба миён омадааст, ки амалигардонии чунин иқдом метавонад барои ҳавасмандгардонии ҷавонон дар таҳсил ва баланд гардидани сатҳи маърифатнокии онҳо мусоидат намояд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки танҳо ҳамон кишварҳо ба дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, техникӣ ва эҷодӣ ноил мегарданд, ки ҷавонони он соҳибкасб ва соҳибмаълумот бошанд. Вобаста ба тамоюлнокии ихтисосмандӣ ва касбии ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа имконот мавҷуд аст, аммо ташаккул додани системаи мазкур бо ҳамоҳангсозии тамоми сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ ба манфиати давлат мебошад.

Дар замони мусоир яке аз ҳадафҳои асосӣ ин маърифатнок гардонидани аҳолӣ, алалхусус ҷавонон тавассути ташаккули хадамоти таҳсилоти ғайрирасмӣ бо ҷалби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва истифодаи усулҳои навтарин, ба монанди таҳсилоти фосилавӣ, таълими интерактвӣ ва ғайра метавонад дар рушди маърифатнокӣ ва нерӯи зеҳнии ҷавонон мусоидат намояд.

Дар самти ҳавасмандгардонии давлатии ҷавонони ҷоизадор ва соҳибистеъдод солҳои охир камфаъолии ҷомеа эҳсос мегардад, чун дар ин ҷодда танҳо институтҳои давлатӣ тадбирҳои имконпазирро меандешанду халос, дар кишварҳои ғарб бошад, баракс барои дастгирии соҳибистеъдодон ҷомеа ва соҳибкорон бештар талош меварзанд. Дар ҳамин асно васеъ гардонидани амалҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷавонони соҳибистеъдод ба мақсад мувофиқ мебошад.

Такмил ва азнавсозии ҳаракатҳои хонандагон ва донишҷӯён дар заминаи муассисаҳои таълимӣ тавассути ташаккули ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва волонтёрӣ аз манфиат холӣ нест. Бояд идора ва ҳамоҳангсозии системаи тарбиявии наврасон ва ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ ба мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон вобаста карда шавад, чун айни замон бинобар сабаби ҷой доштани манфиатпазирии дохилиидоравӣ ин система дар ҳоли танназулёбӣ қарор дорад. Дар даврони Шӯравӣ вобаста гардидани ташкилоти пионерӣ ба ташкилоти комсомолӣ низ бо ҳамин мақсад буд.

5. Таъминоти иҷтимоии ҷавонон

Системаи кӯмаки иҷтимоӣ ва дастгирии ҷавонон қонеъгардонии эҳтиёҷоти аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳимро дарбар мегирад, аз ҷумла вазъи ногувору

пурихтилофи ҷавонон, барқарорсозии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароитеро, ки онҳо тавонанд минбаъд дар фаъолияти ҳаётан муҳими ҷомеа иштирок намоянд, пешбарӣ менамояд.

Давлат вобаста ба паст кардани сатҳи шиддатнокии иҷтимоӣ байни ҷавонон, таҳкими системаи хизматрасонии дастрас ва муносиб дар тамъини нафақа, кӯмаки тиббию равонӣ, таҳсил ва таъмини манзил барои ҷавонони маъюб, бепарастор, оворагард, ҷабрдида ва осебпазир, инчунин мубориза алайҳи нашъамандӣ, майпарастӣ, ҷинояткорӣ, хариду фурӯши одамон ва хурофотпарастӣ байни насли наврас ва ҷавонон тадбирҳои таъхирнопазир меандешад. Дар ин росто ташаккули системаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва машваратӣ, васеъ гардонидани шабакаҳои мавҷудаи хадамоти иҷтимоӣ барои фаъолияти онҳо дар самти ташкили фароғат, гирифтани маълумот, ҳалли проблемаҳои муошират дар оила, мактаб, коллектив, интихоби самтҳои пешбурди зиндагӣ ва мутобиқат ба ҷомеа бояд ба роҳ монда шавад.

Дар самти татбиқи сиёсати иҷтимоии ҷавонон, ки яке аз принсипҳои он ба муҳайё сохтани шароити мусоид барои бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани ҷавонон асос меёбад. Дар ҳоли рушди имкониятҳо, бахусус истифода аз технологияҳои иттилоотӣ усулҳои гуногуни ташкили бозори ҷойҳои кории холӣ мавҷуд аст, ки дастарсӣ, каммасрафӣ, истифодаи самараноки вақт ва шафофиятро таъмин менамояд.  Дар заминаи татбиқ яке аз ин усулҳо бояд, ки дар сатҳи кишвар Бозори рақамии меҳнат дар шакли сомонаи интернетӣ ва маҳзани махсуси иттилоотӣ роҳандозӣ гардад. Бозори рақамӣ бояд дар ду самт фаъолият кунад (на дар як самти муқаррарӣ, ки танҳо кор бо ташкили ҷойи корӣ аст), яке самти муқаррарӣ, ки ҳамаи мо онро медонем, ин ташкили ҷойи кории холӣ ва самти дигар ин самти муосир, яъне ташкили маҳзани нерӯи меҳнатӣ – аз ҳисоби мутахассисон, коршиносон ва машваратчиён аст.

Мушкилоти дигар ва мубраме, ки дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд дорад ин паст будани сатҳи тахассус, касб, дониши ҳуқуқӣ, маърифати баланди шаҳрвандӣ, надонистани забонҳои хориҷӣ байни ҷавонон ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондану ба таври дуруст надонистани талаботи бозори меҳнат дар кишварҳои ба қувваи корӣ ниёз дошта мебошад. Дар ин радиф баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути ташкили мулоқотҳо, вохӯриҳо, семинарҳо ва озмунҳо, аз ҷумла чорабиниҳо дар мавзӯҳои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ, эмин будан аз шомилшавӣ ба ҳарактҳои иртиҷоӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, нашъамандӣ ва нашъаҷалобию ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи мақсад мешуморем.

Масоили дигарие, ки то имрӯз роҳи ҳалли худро пурра наёфтааст ин дастгирии оилаҳои ҷавон ва мутахассисони ҷавон оид ба таъмини манзили истиқоматӣ мебошад. Тибқи таҳлилҳои мавҷудбуда, чун дигар кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои оилаҳои ҷавон дар Тоҷикистон қарзҳои навъи ипотекӣ барои харидорӣ ва ё сохтмони манзили истиқоматӣ дастрас нестанд. Бо дарназардошти мушкилоти мавҷудбуда, зарурати таҳия ва амалигардонии механизми дастгирии оилаҳои ҷавон ва мутахассисони ҷавонон оид ба таъмини манзили истиқоматӣ, ҳамчунин ҷалби ташкилотҳои молиявӣ ва бонкӣ дар

амалисозии қарзҳои ипотекии имтиёзнок барои оилаҳои ҷавон ҷиҳати харидорӣ ва сохтмони манзили истиқоматӣ ба миён омадааст.

6. Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон

Сиёсати давлатии ҷавонон ба он асос меёбад, ки ҳама гуна ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва шахсии шаҳрванди ҷавон, ки мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда муқаррар гардидааст, эътироф карда шавад. Ин пеш аз ҳама дар амал татбиқ гардидани тамоми ҳуқуқ ва манфиатҳое, ки дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат қонунгузор нисбат ба насли ҷавон муайян кардааст, дар назар дорад.

Дар ҳамин радиф баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон оид ба маълумотнок гардидан ва истифода намудани ҳақу ҳуқуқҳои худ бештар бояд корҳои самаранок ва сифатнок амалӣ карда шаванд.

Бо мақсади ҳифзи самарабахши ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон бояд системаи адлияи ювеналӣ бо дарназардошти тарбияи ислоҳшавӣ ва сипас таъини ҷазо ташкил карда шавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти ҷавонон ин танзим ва банақшагирии оила ва пешгирии никоҳи барвақтӣ мебошад. Дар баробари бурдборӣ оилаи ҷавонро дар шароити ҷомеаи муосир мушкилоти гуногуни ҳаётӣ пеш омадааст, ки дар натиҷа сатҳи пасти иқтисодӣ, серфарзандӣ, ҷой доштани низоъ байни хонадорон ва ҷудошавӣ ҳамасола зиёд гардида истодааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барномаҳои мусоидаткунанда ба мустақилияти комили ҷавонон дар интихоби ҳамсар ва хонадоршавию фарзандоршавӣ роҳандозӣ гардад ва дар он ҳар як мушкилот дар алоҳидагӣ омухта шуда, мавриди бартараф намудани он тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон масоили ҳалталаб дар тамоми соҳа зиёд аст, махсусан дар таъмини таҳсилот барои духтарон ва оворагардон поймолшавии ҳуқуқ ва манфиатҳо ҷой дорад. Бо дарназардошти бартарафнамоии ин ва дигар мушкилоти ҷавонон аз ҳама гуна ҳолатҳои номатлуб, мувофиқи мақсад аст, ки шабакаи хадамоти машваратӣ оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон ташкил ва рушд дода шавад.

Дар сатҳи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на дар ҳама ҳолатҳо ҳуқуқҳои шаҳрвандии ҷавонон таъмин карда мешавад, ҳолатҳои поймол кардани ҳуқуқҳо ва муносибатҳои дурушт нисбат ба онҳо ҷой доранд, ки дастгирии ҳамагуна фаъолияти ташкилотҳо ва хадамот оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон ва баррасии муроҷиату даъвоҳои нисбат ба онҳо бояд тадбирҳои саривақтӣ дар ин радиф андешида шавад.

Воқеъист, ки дар ин синнусол шахси ҷавон бештар ба фароғат майл дорад ва яке аз воситаҳои осони дастрасии фароғат тариқи (маблағ кор кардан ва ҳаловат бурдан аз беназоратӣ) рафторҳои номуташаккилона ва ё номатлуб сурат мегирад. Аз ин рӯ, бояд коркарди механизми танзими фаъолият дар шакли маҳдудсозии ҳуқуқи ҷавонон барои ворид гардидан ба маконҳои фароғатӣ дар нимашабҳо роҳандозӣ гардад.

Пӯшида нест, ки қисми муайяни наврасону ҷавонон аз сабаби паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ шомил мегарданд. Ҷиҳати бартараф сохтани ин мушкилот таҳия ва амалисозии

механизми муосири устувор гардонидани нерӯи кадрии сохторҳои марбутаи идеологӣвобаста ба расонидани мӯҳтавои сиёсати давлат тавассути ташкили мунтазами чораҳои таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Вобаста ба васеъ гардонидани имконот дар ҷараёни таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон зарур аст, ки иштироки намояндагони мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ва ташкилотҳои алоқаманд дар баррасии муроҷиату даъвоҳо дар мақомоти судӣ таъмин карда шавад. Ин ташаббус имконият медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон, инчунин баланд бардоштани маърифати умумии ҳуқуқӣ дар ҷомеа, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром гузоштан ба қонунҳо ва ғояҳои бунёдии рушди давлатдорӣ тақвият ёбад.

7. Мустақилияти иқтисодии ҷавонон

Дар даврони соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ дигаргуниҳои амиқи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба амал омадаанд, ки дараҷаи шуғлнокӣ ва некуаҳволии мардуми кишварамон, аз ҷумла ҷавононро сифатан дигаргун намуданд. Дар натиҷаи ин, сатҳи бекорӣ зиёд гардида, бахши ғайрирасмии иқдисодиёт ва муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳисоби қувваи қобили меҳнат, махсусан ҷавонон ба суръат афзоиш ёфта истодааст.

Маълум аст, ки сатҳи маърифатнокӣ ва ё маълумотнокии иқтисодии ҷавонон дар муқоиса ба талаботи ҷомеаи муосир хело паст аст. Қисми зиёди волидон дар баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии иқтисодии фарзандон бетарафӣ зоҳир мекунанд, чун худи онҳо ба таври комил аз ҷабҳаҳои иқтисодии ҳаёт бархурдор нестанд. Дар ин самт бояд омӯзиши волидони ҷавон вобаста ба тарбияи иқтисодии фарзанд ба таври мунтазамӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон ҳавасмандгардони ҷавононро ҷиҳати ташкили хоҷагиҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ бо дастрасии қарзҳои бонкию давлатӣ ва таъмини макони фаъолият бояд мусоидат кард.

Яке аз ҳадафҳои асосии рушди соҳибкорӣ ва ба кор таъмингардӣ миёни ҷавонон, ин ташаккул додани механизми нави дастгирии барномаҳои тиҷоратии соҳибкорон ва хоҷагидорони ҷавон мебошад. Маълум аст, ки қисмати зиёди ҷавонон дар деҳот маскан гирифтаанд ва имконоти дастгирӣ намудани фаъолиятҳои гуногун, аз қабили таъсиси хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ ба монанди ангурпарварӣ, картошкапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, мурғпарварӣ ва дигар корҳои кишоварзӣ метавонад дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ байни ҷавонон мусоидат намояд.

Ҳамчунин, бо мақсади ҳавасманд сохтани соҳибкорҷавонони оянда ташаккули системаи дастгирӣ ва омодасозии соҳибкорони ҷавонро ҳануз аз айёми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба мақсад муовфиқ мешуморем. Дар давоми таҳсил метавон ҷавонони соҳибистеъдод ва майли соҳибкорӣ доштаро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, бо онҳо барои ташкили коргоҳҳо ва ба роҳ мондани фаъолияти муассири соҳибкорӣ кор бурд.

Мусалам аст, ки барои ба ҳадафҳои худ дар ҷодаи соҳибкорӣ ноил гардидани ҷавонон, ин пеш аз ҳама истифода бурдани тамоми имкониятҳои дар дохили кишвар буда ва ҳамчунин ҷалби сармояи хориҷӣ ба мақсад мувофиқ

мебошад. Бо ин мақсад зарурати рушд додани грантҳо ва фармоиши иҷтимоии давлатӣ барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва хоҷагидории ҷавонон ба миён омадааст, ки он метавонад дар самти бо кор таъмингардии ҷавонон тавассути рушди соҳибкории хурду миёна таҳовулоти муассир ба вуқӯъ биёрад.

8. Тарбияи ватандӯстии ҷавонон

Дилхоҳ давлати мутамаддин дар асоси рӯҳияи баланди ватандӯстии шаҳрвандонаш тараққӣ меёбад ва воқеъист, ки дар ин раванд тавваҷӯҳи беш ба насли ҷавон дода мешавад.

Дар ин раванд баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон, равнақи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихории миллии онҳо дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат яке аз омилҳои таҳкиму тақвият бахшидани истиқлолият ва муҳимтарин фишанги ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷомеа мебошад.

Вобаста ба таблиғи ғояҳои асосии миллӣ аз қабили садоқат ба Ватан, ифтихор аз гузаштаи бошарафона, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои истиқлолият, бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини шаҳрвандӣ байни ҷавонону наврасон мунтазам ташкили чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ мувофиқи мақсад аст.

Яке аз асостарин омилҳое, ки мавқеи ҷавононро дар ҷомеаи имрӯза нисбат ба Ватан муқаррар мекунад, ҳамасола маъракаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ мебошад. Дар ин самт баргузории конференсияҳои илмию методӣ ва ҳавасмандсози ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳияи филмҳо ва барномаҳои театрии дорои хусусияти ватандӯстона бояд ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон, муайян кардани имтиёзҳои гуногуни иҷтимоӣ барои ҷавонони адои хизмати ҳарбӣ карда боиси баланд гардидани нуфузи Қувваҳои Мусаллаҳ ва рафъи мушкилотҳои сунъӣ дар ин самт мегардад. Аз ҷумла, додани имтиёзҳо барои ҷавонони ихтиёрӣ ба монади додани рутбаи ҳарбӣ, дохилшавӣ ба мактабҳои касбӣ, ба кор қабул шудан (бахусус дар мақомоти қудратӣ), таъмини қитъаи замин барои сохтмони манзил ва ғайра боиси қаноъатмандии омма метавонад гардад.

Чуноне, ки аз таҳлилҳо бармеояд, қисми зиёди сарбозон аз оддитарин меъёрҳои ҳуқуқӣ бехабаранд, оид ба Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунанда вобаста ба хизмати ҳарбӣ маълумоти пурра надоранд. Дар ин самт ташкили озмунҳо барои таҳияи асарҳо, мақолаҳо (бахусус, дар матбуоти даврӣ), китобҳо ва намоиши филмҳои ватандӯстона тариқи кинотеатрҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки таъсис ва дастгирии маҳфилҳои худфаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон бо иштироки бевоситаи нерӯҳои бохирад, аз ҷумла зиёиён муҳимтарин василае ҳаст, ки метавонад дар баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқукӣ ва омӯзиши асосҳои таъриху фарҳанги миллӣ мусоидат намояд.

9. Ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон

Аз саҳифаҳои таърих номи ҳар халқу миллат тавассути илму фарҳанг ва санъати ҳунари воломақомаш сабт мешавад. Дорои таъриху маданият ва санъату адабиёти бою қадима будани халқи тоҷик ба оламиён маълум аст.

Муҳимтарин василаи баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон ҳам ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи пурғановати миллати худ ба ҳисоб меравад.

Дар самти ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷавонон дар тамоми кишвар мунтазам баргузории чорабиниҳои умумҷумҳуриявӣ, аз қабили Фестивали "Ҷавонони Тоҷикистон", Озмун-фестивали ҷавонон "Ориён-Сомониён-Тоҷикистон", Моҳонаи ҷавонон дар доираи таҷлили санаҳои таърихӣ, озмунҳои "Маҳфили ҳозирҷавобон" ва "Маҳфили зарифон" бояд ба роҳ монда шавад.

Дар давоми соҳибистиқлолии кишвар дастгирӣ ва рушд додани барномаҳои консертии ситораҳои ҷавон дар дохил ва хориҷи кишвар ва бар ин васила муаррифӣ намудани соҳаи санъати миллӣ яке аз ҳадафҳои аслии сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Барои ин ҷиҳати рушд ва таъминоти моддии инфрасохтори фарҳанг – дастгирии театрҳо, китобхонаҳо, марказҳои фарҳангии ҷавонон, муассисаҳои таълимии беруназмактабӣ ва ғайритаълимии донишҷӯён, ки ба инкишофи фароғат ва манфиатҳои насли ҷавон мусоидат менамояд, кӯшишу талошҳои пай дар пайӣ ба харҷ дода шавад.

Самти муҳими тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ ва ватандӯстии ҷавонон бояд аз ҳимояи онҳо аз таъсири манфии моҷароҷӯӣ ва таассуби динӣ иборат бошад. Бо ин мақсад зарур аст, ки ҷиҳати роҳ наёфтани ақидаҳои моҷароҷӯиву динӣ дар байни ҷавонон механизмҳои ҳимоявӣ таҳия карда шавад.

Дар замони муосир соҳаи туризм яке аз бахшҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маҳсуб ёфта, ба рушди бемайлони иқтисодиёти мамлакатҳо ва равобити судманди байни мардумони кишварҳои мухталиф мусоидат менамояд. Вобаста ба ин ва бо назардошти захираҳои бойи табиӣ ва таърихию фарҳангии кишвар сатҳи ба сайёҳат фаро гирифтани наврасону ҷавонон дар ҷумҳурӣ дар сатҳи паст қарор дорад, ки насли ҷавон аз мавзеъҳои таърихии кишвар тамоман бархурдор нестанд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ин самт таҳия ва амалигардонидани барномаҳои мактабӣ ва донишгоҳии фароғатӣ ва сайёҳати наврасон ва ҷавонон ба мавзеъҳои таърихӣ бояд ҷорӣ карда шавад. Ҳамзамон, беҳтарин василаи ҷалби наврасону ҷавонон ба мавзеҳои таърихии кишвар ва огоҳонӣ аз ёдгориҳои миллӣ ин таҳия ва таъмини маводи иттилоотӣ ба аҳолӣ оид ба тарғиби сайру сайёҳат ва фароҳам овардани шароит ва ҳавасмандгардонии ширкатҳо дар ташкили сайёҳати дохилӣ мебошад.

Пӯшида нест, ки дар шароити имрӯзаи раванди ҷаҳонишавӣ майли ҷавонон ба ақидаҳои беасоси аҷнабӣ ва сарватҳои моддӣ афзуда истодааст. Қисми зиёди наврасону ҷавонон аз сабаби паст будани сатҳи маънавиёт шомил ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва ахлоқӣ мегарданд. Дар ҳамин радиф ҷалби ҷомеаи маҳаллӣ, бахусус раисони маҳаллаҳо, шахсони бонуфузи маҳаллаҳо ва ходимони динӣ дар ташкили мунтазами мулоқотҳо оид ба тарбия ва таълими насли наврас (бахусус духтарон), танзими оила ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз ҳама гуна омилҳои номатлуби иҷтимоӣ, ба монанди худкӯшӣ, ҷинояткорӣ, танфурӯшӣ, шомил шудан ба ҳаракатҳои иртиҷоӣ пеш омадааст.

10. Заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон

Сиёсати давлатии ҷавонон яке аз шаш самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон гардидааст.

Чун анъана ин соҳа ҳамчун мактаби кадрӣ шинохта мешавад ва мунтазам кормандони соҳа ба зинаҳои дигар ва болотари идораи давлатӣ мебароянд. Дар ҷаҳон сиёсати давлатии ҷавонон пурзур гардида истодааст ва онро ҳамчун соҳаи илм бо мафҳуми «Ювенология» ва ё илм дар бораи ҷавонон бисёр кишварҳо пазируфтааст.

Барои татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон ва расидан ба ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат зарур аст, ки заминаи илмию амалӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул дода шавад.

Тавре маълум аст, дар раванди идоракунии давлат вобаста ба шароити ҷомеаи муосир то ҳол мақоми таълимию методӣ оид ба тарбияи касбӣ, омодасозии кадрҳо - сарварони ҷавон мавҷуд намебошад, ки ин мушкилот дар тавсия нагардидан ва муқаррар нагардидани квотаҳо ҷиҳати дар ниҳодҳои мақомоти давлатӣ роҳ ёфтани кадрҳои ҷавон асос шуморида мешавад. Дар ин росто андешидани тадбирҳои муассир, аз қабили роҳандозӣ намудани ниҳоди махсусгардонидашуда дар самти пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳлилию иттилоотӣ мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ҷамъоварии иттилооти оморӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ механизми нав аз ҷониби мақомоти ҷамъоварикунандаи омор ҷорӣ карда шавад ва ин ташаббус имконият медиҳад, ки самаранокии кор дар сатҳи мақомоти давлатии кор бо ҷавонон таъмин гардад. Ҳамзамон, ташаккул ва устувор сохтани имконоти амалӣ ва техникии Омори сиёсати давлатии ҷавонон ба манфиати кор мебошад.

Тибқи талабот ва арзишҳои ҳастии инсонӣ шахс, бахусус эҷодкор ҳамеша ба дастгирӣ ва ҳавасмандгардонӣ ниёз дорад, вале ин талаботи ҳаётӣ то ҳадди имкон қонеъ гардонида намешавад. Дар ин самт таҳияи механизми ҳавасмандгардонии давлатии олимони ҷавон тавассути барномаҳои алоқаманди давлатӣ ба истифода гардидани имкони амалии соҳибистеъдодон ва эҷодкорон ба манфиати ҷомеа боис мегардад.

## ҶАНБАҲОИ ТАРБИЯИ ИДЕОЛОГИИ ҶАВОНОН

### 1) Идеология ва намудҳои он, идеологияи давлатӣ дар Тоҷикистон

Идеология бинобар дастрас будан ва хусусияти ҳадафрасӣ доштан дар муносибатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода мегардад ва арзиши хело баланд ва бисёрҷабҳа низ дорад.

Дастрасии идеология ба каммасраф будан дар истифода, ҷолибияти он барои ҷомеа ва усулҳои гуногуни идоранашавандаи амалисозӣ доштан асос меёбад.

Ҳадафрасии идеология ба он ифода меёбад, ки он бо нерӯи ақлонии инсон сару кор мегирад, василаҳои устувори таъсиррасони психологиро соҳиб

мебошад. Психология дар навбати худ, хусусиятҳои ботинӣ буда, одамонро аз якдигар фарқ мекунонад [1].

Идеология худ ба худ роҳнамо ва ё пулеро ташкил медиҳад, ки аҳли ҷомеаро ба сиёсати давлату ҳукумат пайваст мекунад, манфиатҳои сиёсии ҳукуматро ҳифз, пешбарӣ ва ба нафъи умум дар байни ҷомеа талқин месозад.

**Идеология** ин *маҷмӯи назарҳои бонизом ва ё батартибовардашуда буда, манфиатҳои синфҳои гуногуни иҷтимоӣ ва гуруҳҳои иҷтимоиро инъикос менамояд, ки бар асоси он муносибатҳои одамон ва умумияти онҳо нисбат ба воқеияти иҷтимоӣ дар умум ва ба якдигар эътироф ва баҳогузорӣ мегарданд ва ё шаклҳои муқарраргардидаи ҳокимият эътироф ё ин ки зарурати ислоҳот ва барҳам додани онҳо асоснок карда мешаванд* [2].

дар ҷаҳон то имрӯз идеологияҳои гуногуни умумиҷаҳонӣ амал мекунанд, ки бархе аз онҳо дар ҷомеаи мо низ ҳукмфармонӣ карда буданд ва доранд, ба монанди коммунизм, сотсиализм, либерализм ва консерватизм.

В.И.Ленин (декабри 1919) гуфта буд: «**Коммунизм** зинаи олии рушди сотсиализм аст – онгоҳ одамон бо андешае кор мекунанд, ки он ҳамчун зарурат баҳри нафъи умумӣ равона гардида бошад» [3, с. 355].

**Сотсиализм** ифодакунандаи омӯзишҳое мебошад, ки дар он ба сифати ҳадаф ва идеал принсипҳои амалисозии адолати иҷтимоӣ, озодӣ ва баробарӣ пеш бурда мешаванд. Инчунин, мақсади глобалии он сарнагун сохтани капитализм ва созгор додани ҷомеаи комил мебошад [4].

**Либерализм** - низоми сиёсие мебошад, ки дар он принсипи маҳдудсозии мудохилаи давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Либерализм ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як инсонро арзиши олӣ арзёбӣ намуда, изҳори озоди ақида, интихоби озоди дин, интихоби озоди намояндаи худ дар ниҳодҳои сиёсӣ ва амалӣ гардидани дигар рукнҳои демократиро тақозо менамояд [5].

**Консерватизм** – пайравии идеологӣ ба тартибот ва арзишҳои анъанавӣ, доктринаҳои иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. Ба сифати арзиши асосӣ нигоҳ доштани анъанаҳои ҷомеа, арзишҳо ва институҳои он қабул мегардад [6].

**Сотсиализми миллӣ** (Натсизм) баъди Ҷанги якуми ҷаҳон ҳамчун ҳаракати миллии кишварҳои Аврупо пайдо шуда, ба идеяҳои Ҳизби Сотсиализми Миллии Коргарони Олмон, ки зери роҳбарии Одолф Гитлер амал мекард, асос меёфт [7].

**Фашизм** шакли идории диктаторӣ буда, зидди коммунизм, либерализм ва унсурҳои деморкратӣ баромад менамояд[8].

Мамлакати мо, ки сохти давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеша кардааст, идеологияи сиёсии он ба идеологияи ҷаҳонии либералӣ ва каме омехта ба консервативӣ мувофиқат менамояд.

---

1 Психология человека, манбаъ- http://www.psychologos.ru/articles/view/psihologiya_cheloveka
2 Идеология, манбаъ-https://ru.wikipedia.org/wiki/Идеология
3 Б.А.Исаева. Теория политики: Учебное пособие. –СПб.: Питер, 2008. 464 с.
4 Социализм, манбаъ-https://ru.wikipedia.org/wiki/социализм
5 Либерализм, манбаъ-https://ru.wikipedia.org/wiki/либерализм
6 Консерватизм, манбаъ-https://ru.wikipedia.org/wiki/консерватизм
7 Националь-социализм, манбаъ-https://ru.wikipedia.org/wiki/Национал-социализм
8 Фашизм, манбаъ-https://ru.wikipedia.org/wiki/фашизм

Ин навъи идеология дар бисёр/ кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон (Россия, ИМА, Аврупо ва ғайра) дар амал қарор дорад.

- ✓ Ҷанбаҳои либералии идеологии давлатии Тоҷикистон дар Сарқонуни (Конститутсияи) он оварда шудааст, аз ҷумла:
  - o инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он ҳамчун арзиши олӣ муқаррар карда шудааст, ки **асоси идеологияро** ташкил медиҳад [9];
  - o инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ муайян шудааст [10];
  - o оварда шудааст,ки «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [11].

Ҷанбаҳои консервативии идеологияи давлатӣ ба озод будани дин ва он ки ҳар шахс метавонад мустақилона дини худро интихоб намояд ва дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд, асос меёбад [12].

- ✓ қисми зиёди ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ ба ҷанбаҳои ғоявии идеологияҳои либералӣ ва консервативӣ пайравӣ мекунанд, ки боиси дастгирӣ мебошад.
- ✓ идеологияи ҷамъиятӣ-давлатии Тоҷикистон - **дастури амал қарор додани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ, баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа, кафолати инкишофи мустақили иқтисодӣ ва ташаккулёбии шахсият, мустақилияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи Ватан ва арҷ гузоштан ба ягонагӣ ва дунявӣ будани Тоҷикистон ва мероси аҷдодию фарҳангӣ**.
- ✓ арзиши воқеии идеология дар ҳақиқат хело гарон буда, муайянкунандаи сатҳ, сифат ва самти ҳаёт ва фаъолияти халқҳо, миллатҳо ва давлату ҳукуматҳо арзёбӣ мегардад.

### 1) Ҷанбаҳои идеологии падидаҳои номатлуб дар ҷомеаи муосир

Идеология ба монанди дигар масъалаҳои ҳаётӣ паҳлуҳои хуб ва паҳлуҳои манфиро доро мебошад.

Чун идеологияи давлатӣ, ҷанбаҳои некхоҳи идеологияро идеологияи сиёсӣ низ меноманд ва он бештар дар ҷаҳон бо ҳамин мафҳум, яъне идеологияи сиёсӣ шинохта мебошад.

Идеологияи сисёсӣ дар навбати худ, метавонад ҳамчун идеологияи носолим, яъне бо назардошти хусусиятҳои манфии он истифода гардад ва шинохта низ шавад.

Идеологияи сиёсӣ наметавонад ҳамчун идеологияи давлатӣ ва ё солим шинохта шавад, он дар як вақт метавонад барои ҷамъият хусусиятҳои мусбӣ дошта бошад ва дар вақти дигар хусусиятҳои манфӣ.

Ҳамин тариқ:

- o Идеологияи солим – идеологияи давлатӣ ва идеологияи сиёсии ҳизбҳои расман пазируфташуда;

---

9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 5
10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 8
11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12
12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 26

- Идеологияи носолим – идеологияи ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва идеологияи сиёсии зиддиҷамъиятӣ.

**Идеологияи носолим дар навбати худ, ҳамчун талқиндиҳанда ва ё ангезишдиҳандаи падидаҳои номатлуб дар байни ҷомеа, бахусус ҷавонон баромад менамояд**

Падидаҳои номатлуб дар байни ҷавонон худ аз худ пайдо намешаванд, дар ин роҳ сабабу омилҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ба ҷавонон дар ҷараёни бавоярасӣ, аз ҷумла дар ташаккули муносибатҳо дар оила, ҷамъият ва мактаб-таълимгоҳ пешорӯ мегарданд. Ҳамзамон, ҳолатҳои зиёди рафтору кирдорҳои номатлуби шахси ҷавон ба шахсияти ӯ аз назари психологӣ рабт дода мешавад.

Вазъи демографӣ - тибқи маълумоти расмӣ 70%-и аҳолиро шахсони ҷавони то 30 сола ташкил дода, шумораи аҳолӣ ҳамасола 2% ва ё 180 ҳазор нафар зиёд мегардад, ин дар ҳолест, ки шуғлмандии солона дар иқтисодиёт 52 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар ҳамин росто, 82% аҳолии фаъоли иқтисодӣ ва ё захираи меҳнатии кишварро ҷавонон ташкил дода, ҳамасола ба бозори меҳнат ҳудуди 170 ҳазор нафар мебароянд [13].

Талабот ба шуғлмандӣ ва хизматрасонӣ, аз ҷумла баргузории чорабиниҳои маърифатӣ зиёд мебошад - 74%-и ҷавонон дар деҳот зиндагӣ доранд [14, с. 9], ки ба хизматрасонии коммуникатсионии фарохи муосир дастрасӣ надоранд;

Афзоишёбии бекорӣ аз ҳисоби паст будани сатҳи маълумоти ҷавонон мебошад - дар соли 2013 58,6%-и бекоронро шахсони дорои маълумоти миёнаи нопурра ташкил додааст, дар ҳоле, ки 60,6%-и бекорон ба ҷавонони 15-29 сола рост меоянд [15, с. 76].

Муҳоҷирати меҳнатӣ барои кишвари мо дар баробари манфиати иқтисодӣ мушкилоти зиёди иҷтимоӣ ба бор овардааст - ҳудуди 56,8%-и муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷавонон рост меояд [16], ки бинобар надоштани касбу ихтисос ва дониши зарури зери азобу машаққат мебошанд.

Теъдоди ҷавонони дар Сурия дар сафи ҳаракати бо ном «Давлати исломии Ироқу Шом» беш аз 500 нафарро ташкил медиҳад.

Дар дохили кишвар бо истифода аз дини мубини Ислом ҳаракатҳои гуногуни иртиҷоӣ фаъолият намуда, ҷавононро барои амалисозии мақсадҳои ғаразнок истифода бурда истодаанд.

- дини мубини Ислом ба экстремизму терроризм ягон ҳамбастагӣ надорад, он танҳо барои амалӣ сохтани ҳадафҳои ғаразнок аз ҷониби ҳаракатҳои гуногуни экстремистӣ истифода мегардад [17].
- дини мубини Ислом одамкушӣ, ғоратгарӣ ва фаҳшу зуровариро маҳкум месозад, ки ин дар Қуръони карим инъикоси худро чунин

---

13 Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2014 "Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҶТ", Омори Вазорати маориф ва илми ҶТ-2013, Омори сиёсати давлатии ҷавонон-2014.

14 Маҷмӯи омории «Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2014». – Душанбе, 2014. – 49 с.

15 Маҷмӯи омории «Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ-декабр». – Душанбе, 2014. – 139 с.

16 Тоҷикистон дар рақамҳо.//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013

17 Сомонаи расмӣ, манбаъ - http://president.tj/node/9481

ёфтааст *"Ва муъминро насазад, ки муъминеро бикушад, магар ба хато"*. Яъне, қасдан куштани шахси ҳамдин манъ карда шудааст, ҳатто барои ин амали номатлуб дар ояти дигар *"Ва ҳар ки муъминеро ба қасд бикушад, пас, ҷазои ӯ дузах аст, дар он ҷовид бошад; ва Худо бар ӯ хашм гирифтааст ва ӯро лаънат кардааст ва азоби бузург барои ӯ омода сохтааст"* ҷазо муқаррар карда шудааст.

- Пас ҳаракатҳои экстремистию террористӣ, ба монанди Давлати Исломии Ироқу Шом ва аъзои он, ки дар роҳи анҷом додани ҳадафҳои худ ҳамаро, асосан мардуми мусулмонро ба марг мебаранд, ҳаракатҳои зиддиисломӣ мебошанд ва дар баробари ин, онҳо аз ҷониби Худованди карим лаънат хонда шудаанд. Лаъин дар таълимоти динӣ хоси иблис (шайтон) мебошад ва ҳар касе пайрави иблис (ғайри роҳи муъмин) аст, ҷойи ӯ дӯзах мебошад [18, с. 93, 87, 88, 97].

Хулоса, дар баробари идеологияи давлатӣ идеологияи носолим, ки онро ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ истифода менамоянд, дар саросари ҷаҳон нуфуз пайдо карда истодааст. Аз ҷумла, талқини идеологияи носолим бештар дар байни ҷавонон, қишри заифи ҷомеа ба роҳ монда шудааст, ки давлату ҳукуматро дар роҳи истодагарӣ бар зидди ин омили номатлуб, устувор гардонидани идеологияи давлатиро, бахусус механизмҳои муосири таблиғию маърифатноксозиро водор месозад.

18 Қуръони карим. – Душанбе, «Ирфон», 2007. – 616 с. (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ)

# Замимаи 5. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи кор бо ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон (асосӣ)

**РӮНАМО**

## САНАДҲОИ АСОСӢ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”
2. Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон
4. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон
5. Барномаи рушди саломатии ҷавонон
6. Барномаи тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонон

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН”

Асоси меъёрию ҳуқуқии татбиқи сиёсати ҷавононро дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” ва дигар қонунҳои соҳавӣ ташкил медиҳад.

Қонуни мазкур то имрӯз дар ду таҳрир, таҳрири соқитшуда – 15 июли соли 2004 (бо тағйироту иловаҳо солҳои 2011 ва 2014) ва дар таҳрири нав - 23 декабри соли 2021, №1830 қабул гардидааст.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ташаккулу камолоти ҷавононро дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон пешбинӣ карда, истифодаи самараноки неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳоро ба манфиати ҷомеа муайян менамояд.

Қонуни мазкур аз 5 боб ва 33 модда иборат буда, дар маҷмӯъ аксари масъалаҳои алоқаманд ба ҳаёту фаъолияти ҷавононро фаро гирифтааст.

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН "ДАР БОРАИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН"

Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон:

*1) тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии онҳо;*

*2) ташаккули мафкураи миллӣ бо роҳи тарбия намудани ҷавонон дар самти шинохти бештари манфиатҳои миллӣ ва ҳисси оштинопазир ба терроризму экстремизм, коррупсия, нашъаҷалобӣ ва намудҳои дигари ҷинояткорӣ;*

*3) ташаккули ахлоқи ҳамидаи ҷавонон, фаъол намудани онҳо дар самти анҷом додани корҳои ихтиёрии ҷамъиятӣ (фаъолияти волонтёрӣ) ва баланд бардоштани ҳисси эҳтироми ҷавонон ба фарҳанги миллӣ;*

*4) таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо;*

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН "ДАР БОРАИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН"

Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавононро чунин муқаррар кардааст.

*5) таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон;*

*6) таъмини ҳифзи саломатӣ, тарзи ҳаёти солим ва рушди ҷисмонии ҷавонон;*

*7) фароҳам овардани шароит ҷиҳати гирифтани таҳсилоти сифатнок барои ҷавонон ва таъмини рушди ихтироъкорию эҷодкории онҳо;*

*8) таъминоти иҷтимоии ҷавонон, таъмини онҳо ба шуғли пурмаҳсул ва ҷойи кори муносиб;*

*9) таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон, рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон, ҷалби онҳо ба ҳоҷагидорӣ ва ҳунармандӣ;*

*10) омодасозӣ ва дастгирии мутахассисони ҷавон ҷиҳати пешниҳод намудани мутахассисони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда.*

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН”

Моддаи 8-и Қонун ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон чунин муқаррар кардааст.

*1) таъмини татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳал;*

*2) тасдиқ ва маблағгузорӣ намудани барномаҳои мақсадноки маҳаллии рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон;*

*3) маблағгузорӣ намудани соҳаи кор бо ҷавонон аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва аз ҳисоби сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст;*

*6) ба роҳ мондани фармоиши иҷтимоии давлатӣ вобаста ба амалисозии самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон;*

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН”

Дар моддаи 9 ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар карда шудааст, ки дар шароити рушди демократия хеле аҳамиятнок аст.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

*1) таъмини татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот;*

*2) тасдиқ ва амалӣ намудани нақшаҳои мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот;*

*3) таъсис додани ҷоизаҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии ҷавонон дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот;*

*4) мусоидат кардан барои таъсис, таъмир ва бозсозии иншооти ҷавонон;*

*5) иштирок кардан дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни ҷавонон;*

*6) мусоидат кардан ба фаъолияти субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳудуди дахлдор.*

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН”

Мутобиқи моддаи 10-и Қонуни мазкур иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолияти худро тибқи оинномаи худ ба роҳ мемонад.

Қонунгузори имконият додаст, ки фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон ҳамчун шарики иҷтимоӣ дар амалисозии самтҳои афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо роҳи амалисозии фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, ташкили чорабиниҳои мақсадноки рушди ҷавонон дастгирӣ карда шавад.

Яъне, яке аз субъектҳои асосӣ дар самти амалисозии фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ ин иттиҳодияҳои ҷамъияти ҷавонон муқаррар карда шудааст, ки бо ин метавон ба худфаъолии ҷавонон ва рушди институти ҷомеаи шаҳрванди низ, мусоидат намуд.

Илова бар ин, муқаррар гардидаат, ки барои дастгирии фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон грантҳои давлатӣ таъсис дода мешаванд.

## КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Консепсияи миллии сиёсати чавонон дар Чумхурии Точикистон аз ғоя ва принсипхои бунёдии Конститутсияи Чумхурии Точикистон, Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи чавонон ва сиёсати давлатии чавонон», Эъломияи хукуки башар ва дигар санадхои хукукии байналмилалӣ, ки Чумхурии Точикистон эътироф намудааст, асос мегирад

Яке аз шартхои асосхои татбики Консепсияи мазкур аз таъмини хукукии механизмхои ташкилӣ ва иктисодии сиёсати давлатии чавонон, пеш аз хама такмили конунгузории Чумхурии Точикистон иборат мебошад, ки мустақиман ин ё он муносибатро бо иштироки чавонон, ташкилотхои чавонон ва кӯдакон танзим менамояд

## КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таркиби Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

I. Нақши ҷавонон дар рушди кишвар, таъмини рақобатпазирӣ ва амнияти миллии он

II. Мақсади асосии сиёсати давлатии ҷавонон

III. Принсипҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон

V. Механизмҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

VI. Натиҷаҳои мунтазира вобаста ба татбиқи Консепсия

## КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**IV. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон**

иштироки ҷавонон;

шуғлнокии ҷавонон;

таъмини тарзи ҳаёти солим;

таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;

таъминоти иҷтимоии ҷавонон;

таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;

мустақилияти иқтисодии ҷавонон;

тарбияи ватандӯстии ҷавонон;

ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон;

заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон.

## КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Иштироки ҷавонон**

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир самти нав ва мубрам дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фаррох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд, дастрасӣ ба грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, таъсиси ташкилотҳои мустақил ва кафолати таъмини адолати ҳуқуқиро фаро мегирад.

Фаъолгардонии сиёсии ҷавонон, ки онро ҷомеаи муосир тақозо менамояд барои Тоҷикистон аз лиҳози мавқеъи иқтисодӣ ва демографии он бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин росто барои ба таври мунтазамӣ бо кадрҳои ҷавон таъмин намудани ҳар се шохаи ҳокимияти идории кишвар (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) тариқи додани бартарият (муқаррар намудани квота) мувофиқи мақсад мебошад.

## СТРАТЕГИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон ҷавобгӯи афзалиятҳои асосии Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад

Таркиби Стратегия:

1. Муқаррароти умумӣ
2. Зарурати қабули Стратегия
3. Мақсад ва принсипҳои татбиқи Стратегия
4. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон
5. Тадбирҳо барои татбиқи Стратегия
6. Механизми татбиқи Стратегия
7. Шароите, ки барои татбиқи Стратегия зарур аст
8. Натиҷаҳои татбиқи Стратегия, мониторинг ва баҳодиҳии самарабахшии он
9. Муқаррароти хотимавӣ

## СТРАТЕГИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

16) Барои ноил гардидан ба мақсадҳои Стратегияи мазкур ҷорӣ намудани механизмҳои таъсири мустақим ба ҷавонон талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, самтҳои афзалиятноки Стратегияи мазкур лоиҳаҳоеро пешбинӣ менамояд, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ татбиқ карда мешаванд.

20) Чорабиниҳо оид ба татбиқи Стратегия аз сарчашмаҳои асосии зайл амалӣ карда мешаванд:

- буҷети ҷумҳуриявӣ;
- буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- маблағҳои ғайрибуҷетӣ.

22) Натиҷаи асосии татбиқи Стратегия бояд аз беҳтар намудани вазъи ҷавонон дар ҷомеа иборат буда, ба афзоиши саҳми насли ҷавон дар рушди кишвар мусоидат намояд.

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Пешгуфтор
2. Таҳлили вазъият
3. Заминаи меъёрию ҳуқуқии қабул ва татбиқи Барнома
4. Ҳадафҳо ва самтҳои афзалиятноки Барнома
5. Вазифаҳои Барнома
6. Нақшаи чорабиниҳои Барнома
7. Механизми маблағгузории Барнома
8. Механизми ҳамоҳангсозии татбиқи Барнома
9. Натиҷаҳои ниҳоии Барнома

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Вазифаҳои Барнома

- ташаккули заминаҳо барои рушди кадрии ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон;
- таъмини иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба ин васила васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон тавассути пешоҳангаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ;
- мусоидат дар устуворгардонии шабакаи марказҳои ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо барои хизматрасонии маҷмӯӣ ба ҷавонон;
- ба таври мунтазам ҷалб намудани доираи васеи ҷавонон дар таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва амалигардонии барномаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба ҳаёту фаъолняти онҳо алоқаманд;
- рушди фаъолияти ҳаракатҳои ҷамъиятии ҷавонон ва тақвият бахшидани ҳамкории онҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ба воситаи ташаккул ва рушди ҳаракати ихтиёрӣ дар кишвар;
- рушди имконоти ҷавонон ҷиҳати ба шуғл фарогирии онҳо ва рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат;

ва ғара

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

8. Механизми ҳамоҳангсозии татбиқи Барнома

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорати корҳоро оид ба татбиқи Барнома амалӣ менамояд. Тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Барнома бо дарназардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии мавҷуда пешниҳод манзур намуда, назорати истифодаи мақсадноки маблағҳоро таъмин менамояд.

Идора намудани ҷараёни татбиқи Барнома аз ҷониби Комиссия оид ба танзим ва ҳамоҳангсозии Барнома, ки онро Ҳайати мушовараи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида таъсис медиҳад, сурат мегирад.

Ҳамоҳангсозӣ ва маблағгузории Барнома дар сатҳи вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи имкониятҳои воқеи бевосита ба роҳ монда мешавад.

Татбиқи Барнома дар сатҳи маҳалҳо бояд бо дарназардошти ҳадаф, соҳаҳои афзалиятнок ва Нақшаи чорабиниҳои Барнома мутобиқи шароити маҳал бо пешбинӣ намудани маблағгузории чорабиниҳои Барнома таъмин карда шавад.

## Замимаи 6. Фаъолият ва аҳамиятнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷамоатҳо ва кумитаҳои маҳаллаву деҳот: имкониятҳо ва саҳми онҳо дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон

**Заминаҳои назариявии ҷомеаи шаҳрвандӣ**

Шарикии иҷтимоии фарогирандаи бевоситаи манфиатҳои хусусии одамон буда, масъалаҳои марбут ба беҳдошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодиро баррасӣ менамояд. Ҳамин манфиатҳо низ хоси манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ мебошад, яъне дар ин ҷо ҳамгироии муносибатҳо барои дастёбӣ ба як гуруҳои мақсадҳо ифода меёбад. Дар ин росто шарикии иҷтимоӣ бо (тибқи) муносибатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда мешавад, ки дар ин ҷо ба сифати субъектҳои муносибатҳои шарикӣ гуруҳҳои иҷтимоӣ, қишрҳо, ассотсиатсияҳо ва ғайра баромад менамоянд.

Чун Тоҷикистон давлати демократӣ аст, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ аз рукнҳои муҳими давлатдорӣ маҳсуб мегардад.

Мебояд иброз намуд, ки назари олимон нисбат ба мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ гуногун аст, вале мутобиқи мафҳуми умумиқабулшуда **ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин доираи худизҳории (худфаъолиятии) шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ихтиёран ташкилёфтаи ғайритиҷоратӣ, мустақил аз мудохилаи бевосита ва батартибоварии озод (беасос) нисбат ба ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорон мебошад.**

Д.Истон ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун обполои (филтри) талабот ва дастгирии ҷомеа нисбат ба низоми сиёсӣ маънидод намудааст.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ - ин ҷомеаест, ки дар он шакли инкишофёфтаи муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ байни аъзоёни он ба назар мерасад ва он бе дахолати давлат, вале бо ҳамоҳангии он амалӣ мегардад.

Дар воқеъ яке аз институтҳои демократия ин рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ё сектори (соҳаи) сеюм муқаррар гардидааст, яъне **демократияи идеалиро бе ҷомеаи шаҳрвандии рушдёфта тасаввур кардан номумкин аст**.

Дар навбати худ тавлиди ҷомеаи муосири шаҳрвандӣ ва демократӣ аз якдигар ҷудонашавандаанд, зеро ҳарду ҷараён ба маҳдудкунии ҳокимияти мутлақ сарбаста мебошанд.

Ду нуқтаеро мебояд иброз намуд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ соҳаи муҳим дар роҳи демократисозии ҷомеа маҳсуб мегардад. **Аввал**, ин ки ҷомеаи шаҳрвандӣ майдоне мебошад, ки дар он ташкилотҳои мустақил амал мекунанд, **дигар**, ин ки он майдони амалиёбии ҷараёнҳои демократӣ ҳисоб мегардад. Ин ифодакунандаи он аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар як варақ буда, амалисозандаи унсурҳои демократия ва дар ин роҳ пешбарандаи якдигар мебошанд.

Умуман **аввал**, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар низоми идоракунӣ на ҳамчун васила ва ё воситаи амалисозии вазифаҳои муайян, балки ҳамчун зарурат барои татбиқ ва таҳкими муносибатҳои демократии ҷамъиятӣ, яъне дар роҳи ташаккули заминаҳои идоракунии демократии ҷомеа ба вуҷуд омадааст. **Дуюм**, ташкилдиҳандаи асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ институтҳо ё ин ки ҳокимияти

давлатӣ мебошад, на ҷомеа. Давлат барои ҳал намудани низоҳо ва ихтилофоти мутақобила бо ҷомеа ба хулосае меояд, ки дар ҷараёни таҳия, баррасӣ, қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бояд намояндагони ҷомеа аз ҳисоби шаҳрвандон иштирок намоянд. Мувофиқан дар раванди амалисозии ин робитаҳо ташаккули муносибатҳои ташкилию ҳуқуқӣ пеш меоянд, ки он ба пайдо гардидани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ дар симои иттиҳодияҳо, ташкилотҳо, ҳизбҳо ва ғайра пеш меоянд. **Сеюм**, ин ки принсипи демкоратикунонии муносибатҳо худ ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун институти фаъол ва қисми ҷудонопазир тақозо менамояд, зеро демократия ин иштироки бевосита ва бавоситаи шаҳравандон дар идоракунии давлат мебошад, пас, ҷомеаи шаҳрвандӣ ин василаи таъмикунанда ва ё татбиққкунандаи иштироки шаҳрвандон дар ин ҷараён арзёбӣ мегардад. Яъне, демократия наметавонад бидуни ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дошта бошад; дар кадом мамлакате ва ҷамъияте демократия ҳукмфармо бошад, пас, дар ҳамон мамлакат ҷомеаи шаҳрвандӣ ногузир ҷой дорад.

**Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ-таҳкимбахши шарикии иҷтимоӣ**

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар навбати худ дорои институтҳои гуногун, аз қабили оила, муассисаҳои хоҷагӣ, иттифоққҳои касаба, ҳимоячиёни ҳуқуқ, муассисаҳои эҷодӣ, марказҳои тадқиқотӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори умум ва ғайра мебошад.

Дар ин ҷо барои маълумотнокӣ, яке аз институҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ - иттиҳодияи ҷамъиятиро ҳамчун василаи муносиб дар таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз институтҳои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ - иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳама муносибатҳо дар қатори мақомоти давлатӣ ҳамчун масъул оварда шудааст. Яъне, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд баробар ба мақомоти давлатӣ фаъол бошанд ва дар ҳаёти ҷомеа ширкат варзанд.

Дар ҷомеаи тозаистиқлоли мо саволу пурсишҳои зиёде мавҷуданд, ки фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро зери шӯбҳа мегузоранд, гарчанде мутобиқи маълумоти боло рушди фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ барои давлати демократӣ хело муҳим арзёбӣ мегардад. Бо ҳамин мақсад дар поён кушиш мекунем, ки ба масъалаҳои гузошташудаи баҳсталаб, албатта дар алоқамандӣ ба иштироки ин ҳаракат дар тарбияи ҷавонон посух биёбем.

Нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар баробари ҳизбҳои сиёсӣ дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат ногузир арзёбӣ мегардад. **Иттиҳодияи ҷамъиятӣ ин пулест (гузаргоҳест) байни мардум ва ҳокимияти давлатӣ ё ин ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои мардум василае мебошад, ки татбиқи мушкилоти рузмараро бо ҳамоҳангӣ ва иштироки мақомоти давлатӣ таъмин созад.**

Тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ одамон дар шакли гурӯҳи идорӣ метавонанд дар амалисозии мушкилоти ҳамарӯзаи худ бевосита ва мустақил аз давлат иштирок намоянд, барои пешбурди вазъи зиндагӣ ва навовариҳо ба ҳокимияти давлатӣ ташаббусҳои худро пешниҳод намоянд ва албатта ҷараёни дастгирии онҳоро назорат созанд. Дар ин раванд иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

мустақил мебошанд, яъне аз мақомоти давлатӣ гирифтани иҷозат зарурат надорад (ба ҷуз ҳолатҳое, ки мувофиқа ва ё маълумотноксозӣ талаб менамоянд).

Ҳамзамон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки тибқи қонунгузорӣ аз гурӯҳи одамон иборат мебошанд, бо ташаббуси бевосита метавонанд ҳамчун иҷрокунанда дар татбиқи вазифаҳои махсуси давлатӣ ширкат варзанд, аз ҷумла баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ободонӣ, ниҳолшинонӣ ва обгузаронӣ дар маҳалҳо, бартараф сохтани ҳолатҳои фавқуллода, кӯмак ба гурӯҳҳои осебдида ва ғайра. Дар умум масъалаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба онҳо дасти мақомоти ҳокимияти давлатӣ намерасад ва одатан аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешаванд. Албатта ҳамаи ин муносибатҳо дар доираи қонунгузории муайян танзим карда мешаванд, ки чунин шароит дар Тоҷикистон маҳфуз гардонида шудааст.

**Манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз истифодаи потенсиали ташкилотҳои ҷамъиятӣ**

Бо истифода аз потенсиали иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ масъулияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла сохторҳои идеологии кишвар тариқи бозравонии вазифаҳо сабук мегардад, дастрасии хизматҳо ба шаҳрвандон таъмин мегардад, механизми амалии расонидани кӯмакҳо ва хизматҳои унвонӣ ба қишри эҳтиёҷманд ташаккул меёбад, ҳазорҳо ҷойҳои корӣ ташкил мегарданд, сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҷомеа баланд мегардад, тарзи ҳаёти солими шаҳрвандон равнақ меёбад ва як қатор дигар масъалаҳо, ки хусусияти ҷамъиятӣ доранд, имкони дар сатҳи хуб татбиқ шудан пайдо мекунанд. Яъне, нишондиҳандаҳои муҳими иҷтимоӣ, ки айни замон татбиқи онҳо бинобар тангдастӣ номукаммал аст, таъмин мегарданд.

Ҳамзамон, истифодаи потенсиали иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имконият фароҳам меорад, ки субъектҳои андозсупоранда ва ба ин васила маблағи андоз зиёд гардад, сармоя ва маблағҳои грантӣ ба кишвар ба даҳҳо баробар зиёд ворид гарданд, низоми эҳсонкории соҳибкорон ташаккул ёбад ва бо ин роҳ маблағҳои барои эҳсонкорӣ равонагардидаи буҷетӣ сарфа карда шаванд, маърифати иқтисодии доираи соҳибкорон баланд гардад ва лоиҳаҳои зиёди хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодидошта амалӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, истифодаи потенсиали иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳам ба нафъи иқтисодӣ ва ҳам ба нафъи иҷтимоии давлат ва ҷомеа мебошад, ҳамзамон он имкон медиҳад, ки нуфузи Тоҷикистон ҳамчун кишвари татбиққунандаи принсипҳои демократӣ дар арсаи ҷаҳонӣ баланд гардад.

**Иштироки соҳибкорон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ**

Дар шароити идоракунии муосир яке аз масъалаҳои ҷолиб ва муҳим ин худпарастӣ ва тангфаъолиятии соҳибкорон дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи шаҳравндӣ ҳамон ниҳодест, ки қобили тағйир додани чунин муносибатҳои қолабӣ ва маҳдудшударо ба самти фарох ва ҳамгироии иҷтимоӣ мебошад. Ин тағйирдиҳӣ дар навбати худ, имкон медиҳад, ки соҳибкорон ба низоми шарикии иҷтимоӣ ворид гарданд ва бо ин васила на танҳо иштирокчии ҷараёнҳои иҷтимоӣ дар кишвар бошанд, балки потенсиали иқтисодии худро бо роҳи баланд бардоштани маданияти ташкилӣ ва маданияти муттаҳидии идоракунии худ таҳким бахшанд. Дар ин раванд мақсад саҳеҳии (дуруст кардани) арзишҳо ва муқаррароти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи

шартномаи ҷамъиятӣ аз ҷониби ҳукумат ва соҳибкорон мебошад, ки ин **яке аз принсипҳои** муҳими шарикии иҷтимоӣ марбут ба меъёрҳои иҷтимоии амалҳои мутақобилаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

## ИСЛОҲОТ ВА РУШДИ ИМКОНОТИ ИДОРИИ МАҚОМИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар шароити ҷомеаи муосир, ки тамоми фаъолиятҳо муносибатҳо ва амалҳои нав, муқовиматнок ва тобишоварандаро нисбат ба тазодҳои ҷомеа тақозо менамояд, рушду такомули мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар шароити Тоҷикистон, ки аксариятро (73,6%) аҳолии деҳот ташкил медиҳанд, рушди имконоти мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар мадди аввал истад, чун маҳз ҳамин институтҳои идорӣ метавонанд ба тағйирёбии кулли ҳаёти ҷомеа таъсиррасон бошанд [1,2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии пазируфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Яъне, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароити ҳуқуқӣ ҷиҳати рушду такомули мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фароҳам оварда шудааст, гарчанде истифодаи самараноки он беҳбудиро талаб мекунад.

Воқеъист, ки бо дарназардошти принсипҳои ҷомеаи демократӣ тамоми фаъолияти шаҳрвандон озодона дар чорчӯбаи қонунгузорӣ сурат мегирад ва ҳамин тавр ҳам ҳаст, вале айни ҳол бештар дар стаҳи назариявӣ.

**Мувофиқи қонунгузории ҷорӣ мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ аз ҷониби шаҳрвандони маҳал интихоб мешавад ва ӯ ҳамчун «Ҷамоат» ифода мегардад. Роҳбар, яъне Раис ва Дастгоҳи Ҷамоат аз ҷониби вакилони Ҷамоат ва раису раёсати кумитаҳои маҳалла/деҳа аз ҷониби сокинони маҳалла/деҳа интихоб мегарданд, ҳамчунин тамоми шаклҳои ҳуқуқӣ, идорӣ, молӣ ва ташкилии фаъолияти онҳо аз ҷониби интихобкунандагон бояд муайян гардад. Вале дар шароити имрӯза чунин муносибат ва риояи тартибот дар сатҳи маҳалҳо ба таври возеҳ эҳсос карда ва ё дида намешавад, ки мухолифи принсипҳои идорӣ ва асноди ҳуқуқии қабулгардида мебошад. Барои мисол: Вақте, ки ба дилхоҳ шаҳрванд бо саволи «Раиси ҷамоатро ки интихоб ва ё таъин менамояд?» муроҷиат мекунем, аксаран посух медиҳанд, ки «Раиси ноҳия», яъне шаҳрвандон ҳатто оид ба интихобӣ на таъинӣ будани роҳбарияти ҷамоат иттилооти пурра надоранд.**

Сабаби асосии ин муносибат ягона аст, - камфаъолии шаҳрвандон, дар бисёр ҳолатҳо, бетарафӣ ва беаҳамиятӣ ба имкону тақдири худ, тақдири оила, ҳамсоя, деҳа ва кишвари худ.

Яке, аз сохторҳои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад, дар сатҳи маҳалҳо қариб ки фаъолият надоранд, қисми зиёди онҳо дар шаҳрҷойҳо кор мебаранд. Тибқи маълумотҳои тарҳрезигардида, ҳамагӣ 14-15% ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо фаъолият доранду халос [4].

Камфаъолии шаҳрвандон асосан ба каммаълумотӣ ва тангдастии онҳо ба қонунгузории ҷумҳурӣ ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ асос меёбад, ки дар инҷо, агар аз як тараф серталабӣ ва арзёбии шаҳрвандон лозим бошад, аз тарафи дигар фароҳам овардани шароит ҷиҳати дастрасӣ ва таъмини шаҳрвандон ба иттилоот аз ҷониби мақомоти алоқаманд зарур аст.

Дар баробари ин, интизорӣ ва таҳлилу баррасии тадбирҳои андешида ва амалигардонидаистодаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шаҳрвандон ба ҳукми анъана даромадааст. Яъне, қисми зиёди аҳолӣ мавқеъи интизориро касб кардаанд ва интизоранд, ки кай Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои онҳо шароити беҳтари зисту зиндагонӣ фароҳам меорад. Аммо мутаассифона **дарк намекунанд, ки принсипҳои ҷомеаи демократӣ худфаъолӣ ва иштироки шаҳрвандонро дар идораи давлатӣ талаб мекунад.** Яъне, дар баробари тадбирҳои андешидаи мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон ба сифати мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ё мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ, шахси воқеъӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ тадбирҳои алоқмандро вобаста ба шароити маҳалли худ андешанд ва амалӣ гардонанд.

Тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ва приниспҳои демократии идораи ҷамоаи маҳаллӣ, Ҷамоат, ҳамчунин Кумитаи маҳалла / деҳа дар таъсиси буҷет ва ҷамъоварии маблағ мустақил буда, имкони васеъи татбиқи ин амалро доранд. Ин маънои онро дорад, ки Ҷамоат ва Кумитаи маҳалла / деҳа метавонанд вобаста ба дилхоҳ масъалаи беҳбуди ҳаёти шаҳрвандон ва ободонии маҳал таъсир ва имкони кофии молӣ дошта бошанд. Ҳамчунин, Ҷамоат имкон дорад, ки мавриди зарурат вобаста ба масъалаҳои афзалиятнок, аз ҷумла татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳамкории зич бо ҷомеаи шаҳрвандӣ фондҳои махсус таъсис дода, маблағи заруриро чи аз ҳисоби имконоти дохилии маҳал ва чи аз берун ҷамъоварӣ намуда, амалӣ гардонад.

Вале, мутаассифона дар ин самти фаъолият низ, ноустувории мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври возеҳ айён аст. Бисёре аз Ҷамоатҳо на танҳо барои ободонии маҳал маблағи зарурӣ надоранд, балки вобаста ба зиёд кардани маоши кормандон норасоии маблағӣ доранд.

Дар шароити ҷомеаи мусоир ва иқтисоди бозоргонӣ мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ мувофиқи мақсад аст. Дар маҳалҳо то ҳол на ҳамаи роҳбарон/масъулон манфиати воқеъии ин амалҳоро дарк кардаанд. Ҳатто, бисёре аз масъулон бинобар сабаби каммаълумотӣ барои ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ ва ё соҳибкории шаҳрвандон монеаҳо эҷод мекунанд,

гарчанде ҳар як субъекти иловагӣ ба маҳал имкони иловагӣ ва манфиати маблағиву шароити корӣ фароҳам меорад.

Дар самти рушди соҳибкорӣ Ҷамоатро зарур аст бо соҳибкорон ва сармоягузорон ҳамкории зич дошта бошад ва мунтазам бо соҳибкорони маҳаллӣ мулоқотҳо ташкил намуда, иштирок ва саҳмгузории онҳоро ба дастгирии қишрҳои ниёзманди аҳолӣ ва ободонии маҳал таъмин намоянд.

Мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандиро месазад дар самти таъминоти кадрӣ ва корҳои ташкилию амалии маҳал фаъол бошанд. Дар бисёр мавридҳо корҳои ташкилӣ ба таври вертикалӣ ва стихиявӣ сурат мегиранд, яъне масъулон интизор мегарданд, то аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дархости дахлдор ворид гардад, сипас то мӯҳлати наздик омадани ин ва ё он чорабинӣ онро кашол медиҳанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар навбати худ дархости дахлдори Ҷамоатро интизор мегардад.

Тибқи приниспҳои идорӣ Ҷамоатро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ чорабиниҳои ба маҳал хосро новобаста аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таррҳрезӣ ва амалӣ гардонанд, яъне ба таври горизонталӣ фаъолият намоянд на ба таври вертикалӣ. Чун, Ҷамоат мушкилот, эҳтиёҷот ва имкони маҳалро хуб медонад на мақомоти ноҳиявӣ.

Масъалаи таъминоти кадрӣ низ дар сатҳи Мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ нигароникунанда аст. Яке аз мушкилоти ин самт, кам муқаррар гардидани маоши моҳона мебошад, ки он ҳам ба камаҳаииятии роҳбарияти Ҷамоатҳо хос аст. Дар боло ишора шуда буд, ки имконоти молиявии Ҷамоатҳо васеъ буда, ба дилхоҳ фаъолият басанда аст. Дар ин ҷодда низ роҳбарияти мақомоти худидоракунандаи маҳаллиро мебояд маоши моҳона ва ҳавасмандии кормандонро зиёд намуда, мутахассисонро мунтазам ба такмили ихтисос равона созанд. Чун, сарчашмаи устувории дилхоҳ фаъолият мутахассис/кадр аст, аз ҷумла дар шароити ҷомеаи муосир, ки аз ҳар мутахассис ҳамасола такмил додани ихтисосро тақозо менамояд.

Қисми зиёди чорабиниҳо дар сатҳи маҳалҳо хусусияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад. Чун Тоҷикистон дар шароити гузариш қарор дорад, масъалаҳои иҷтимоидоштаи ҷомеа хело зиёд аст ва татбиқи онҳо иштирок ва саҳмгузории фаъоли мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо менамояд.

Вале имрӯзҳо тадбирҳои аз ҷониби мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ андешидашаванда ками дар кам ба назар мерасад. Аслан дар ин ҷодда, бо дарназардошти таваҷҷӯҳи бевоситаи Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, бахусус дастгирии қишрҳои ниёзманди ҷомеа тадбирҳои алоқаманд аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ андешида мешаванд. Ҷамоатҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, дар ин самт камфаъоланд, ҳатто ба дастгирии оилаҳои камбизоат имкон надоранд, гарчанде масъалаҳои иҷтимоӣ, аз қабили таъминоти иҷтимоӣ, кӯмакпулӣ, тандурустӣ, дастгирии маъюбон ва бепарасторон ва оилаҳои камбизоат, беҳдошти вазъи мактабҳо, таҳсилоти духтарон ва ғайра таваҷҷӯҳи зиёд, аз ҷумла дастгирии доимӣ талаб мекунад.

Масъалаи баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ низ аз ҷониби мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ нигароникунандааст, гарчанде онҳо имкони ба даст овардани маблағ ҳам дошта бошанд. Ҳатто, ҳолатҳое шунида мешаванд, ки мавриди баргузории баъзе чорабиниҳо масъулон аз шаҳрвандон маблағ ҷамъ кардаанд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти таҳлилҳои боло ва бо мақсади татбиқи босамари принсипҳои идоракунии ҷомеаи маҳаллӣ ва қонунгузории ҷорӣ дар раванди ташаккули имконот ва рушди мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст, ки тадбирҳои зерин ба таври муташаккилона андешида шаванд:

1. Ҷиҳати боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ ва сатҳи маълумотнокии шаҳрвандон оид ба принсипҳои асосии ҷомеаи демократӣ дар самти идораи мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои дахлдор, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии ватанӣ ва байналмилалии дахлдор чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ ва фаҳмондадиҳӣ андешида шавад;
2. Ташкилёбии ҳарчи беши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо дастгирӣ карда шавад ва барои фаъолияти пурсамари онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои тиҷоратию байналмилалии дахлдор шароити мусоид фароҳам оварда шавад;
3. Фаъолнокии шаҳрвандон мавриди иштирок дар интихоб ва идораи , мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ҳавасманд гардонида шавад;
4. Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати иқтисодии кормандони /мутахассисони мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ташкили буҷет ва идораи самараноки он мунтазам давраҳои (курсҳои) такмили ихтисос ташкил карда шаванд;
5. Барои рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳалҳо ва бо иштироки фаъоли мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ, методӣ ва амалӣ ташкил карда шаванд;
6. Ба мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба татбиқи масъалаҳои иҷтимоӣ, аз қабили таъминоти иҷтимоӣ, кӯмакпулӣ, тандурустӣ, дастгирии маъюбон ва бепарасторон ва оилаҳои камбизоат, беҳдошти вазъи мактабҳо, таҳсилоти духтарон ва ғайра аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дастурҳои методию амалӣ таъмин карда шавад.

## АДАДБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»
2. Омори сиёсати давлатии ҷавонон
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2010
4. Развитие молодежной политики в Таджикистане на рубеже XXI века: К.Миралиев, Душанбе, 2009
5. Баренбойм П. Д. Правовое государство как партнер гражданского общества: К 150-летию опубликования концепции «Государство как произведение искусства» // Законодательство и экономика. 2010. № 9
6. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
8. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
9. Политические партии Таджикистана [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://www.quickiwiki.com/ru/
10. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
11. Тилли, Ч. Демократия [Матни аслӣ]. – М.: 2007. – 263 с.
12. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.
13. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

## Замимаи 7. Муқовимат бо падидаҳои экстремистию тундгаро ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳӣ

Ҳамчунин, аз замимаи 7А истифода бурдан лозим аст!

Пеш аз ҳама, чанд нуқтаро мебояд иброз намуд, ки ба маводи мазкур равшанӣ меандозад.

1. **Сиёсат** ба **дини** мубини **Ислом** ягон робита надорад.
2. **Ислом**, ин таслим шудан, қабул доштани ягонагии Худованд ва Офардигори осмонҳову замин ва он чӣ дар ин ду миён аст, будани Ӯ мебошад.
3. **Дини** мубини Ислом бар боварӣ, эътиқоди фард ба Худованд асос ёфта, шахсро ба роҳи рост, — бидуни ҳокимиятхоҳӣ, идоракунии дигарон, маҷбурсозӣ / зуроварӣ ва дигар амалҳои худситоишӣ — равона месозад.
4. **Сиёсат**, ин идоракунии давлат / ҳокимият, ҷамъият ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ бо роҳу усулҳои гуногун, аз ҷумла маҷбурсозӣ / зуроварӣ мебошад. Инчунин, сиёсат ифодакунандаи муносибатҳои мутақобилаи ҷамъият тавассути мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва андешидани тадбирҳои идеологӣ мебошад.
5. **Идеология** — чаҳорчӯбаи муносибатҳо ва амалҳоест, ки ба фард ғизои маънавӣ дода, талаботи иттилоотии иҷтимоии ӯро дар ҷомеа ва нисбат ба ҷомеа ва давлат қонеъ мегардонад.
6. **Давлат** — дастгоҳ, низоми сиёсӣ ва идоракуниест, ки аз ҷониби ҷамъият ва барои идораи ҳамин ҷамъият ташкил меёбад. Давлат дар шакли мамлакат дорои ҳудуд, миллатҳо, халқият, қонунгузории хоса ва сиёсати идоракунии мушаххас мебошад.

Ҳамин тариқ, дини Ислом, ки доштани ҳудуд, миллат, низоми идоракунии хос, сиёсати идеологӣ, ҳокимиятдорӣ ва дигар амалҳои худситоишдиҳандаро талқин намесозад, ба сиёсат ҳамбаста намебошад.

Дар ҷамъият тақвият ёфтани идеологияи илмӣ, назария, дидгоҳ ва ҷаҳонбиниҳо, ки манфиатҳои аслии давлати миллӣ - таъмини амният, фароҳам сохтани шароити мусоид барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд, зарурат дорад. **Ҳамчунин** “Маҳз шуур, ба тарзи мақсаднок муносибати инсонро бо ҷамъият ва муҳити атроф - табиат ва ҳақиқати иҷтимоӣ, ба танзим медарорад” (**С. Ятимов «Идеология ва манфиати миллӣ», Душанбе, 2014)**[19]

19 Сомонаи расмӣ, манбаъ -http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=16877

**Асоси идеологияи давлатӣ миллӣ ва яке аз бахшҳои муқаддасоти миллӣ дар Конститутсия — Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки худ давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад (**Ёрмаҳмад НИЁЗОВ, корманди Академияи илмҳои ҶТ)**20**

Идеология — маҷмӯи мулоҳизот, ғоя ва назарияҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, этикӣ ва эстетикию фалсафӣ, таъбиркунандаи воқеияти объективӣ аз мавқеи манофеи гурӯҳҳои сиёсӣ, синфҳо ва афроди ҷудогона (**Маҳмадшариф ШАРИФОВ дар тақвият ба рисолаи С. Ятимов «Идеология ва манфиати миллӣ»).**21

Ҳар як давлати соҳибихтиёр бояд ғояи миллӣ дошта бошад ва дар чаҳорчӯбаи он манофеи миллиро роҳандозӣ намояд. **(Шодиён Муҳаммад, ректори Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав)**22

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки арзишу ғановати суннатии халқҳоро ба нестӣ бурдан мехоҳанд, идеяи миллӣ нақши калидӣ бозида метавонад. Он дорои қудрату тавоноиест, ки ҳокимияти давлатиро бо мардум пайванд месозад. (Аъзам Муосев, рӯзноманигор)23

Идеология бинобар дастрас будан ва хусусияти ҳадафрасӣ доштан дар муносибатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода мегардад ва арзиши хело баланд ва бисёрҷабҳа низ дорад.

**Дастрасии** идеология ба каммасраф будан дар истифода, ҷолибияти он барои ҷомеа ва усулҳои гуногуни идоранашавандаи амалисозӣ доштан асос меёбад.

**Ҳадафрасии** идеология ба он ифода меёбад, ки он бо нерӯи ақлонии инсон сару кор мегирад, василаҳои устувори таъсиррасони психологиро соҳиб мебошад. Психология дар навбати худ, хусусиятҳои ботинӣ буда, одамонро аз якдигар фарқ мекунонад [24].

Идеология худ ба худ **роҳнамо** ва ё пулеро ташкил медиҳад, ки аҳли ҷомеаро ба сиёсати давлату ҳукумат пайваст мекунад,

---

20 Сомонаи расмӣ, манбаъ -http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=16024
21 Сомонаи расмӣ, манбаъ -http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=17991
22 Сомонаи расмӣ, манбаъ -http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=20698
23 Сомонаи расмӣ, манбаъ -http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=29703
24 Сомонаи расмӣ, манбаъ -http://www.psychologos.ru/articles/view/psihologiya_cheloveka

манфиатҳои сиёсии ҳукуматро ҳифз, пешбарӣ ва ба нафъи умум дар байни ҷомеа талқин месозад.

**Идеология** ин *маҷмӯи назарҳои бонизом ва ё батартибовардашуда буда, манфиатҳои синфҳои гуногуни иҷтимоӣ ва гуруҳҳои иҷтимоиро инъикос менамояд, ки бар асоси он муносибатҳои одамон ва умумияти онҳо нисбат ба воқеияти иҷтимоӣ дар умум ва ба якдигар эътироф ва баҳогузорӣ мегарданд ва ё шаклҳои муқарраргардидаи ҳокимият эътироф ё ин ки зарурати ислоҳот ва барҳам додани онҳо асоснок карда мешаванд* [25].

Дар ҷаҳон то имрӯз идеологияҳои гуногуни умумиҷаҳонӣ амал мекунанд, ки бархе аз онҳо дар ҷомеаи мо низ ҳукмфармонӣ карда буданд ва доранд, ба монанди коммунизм, сотсиализм, либерализм ва консерватизм.

В.И.Ленин (декабри 1919) гуфта буд: «**Коммунизм** зинаи олии рушди сотсиализм аст – онгоҳ одамон бо андешае кор мекунанд, ки он ҳамчун зарурат баҳри нафъи умумӣ равона гардида бошад» [26, с. 355].

**Сотсиализм** ифодакунандаи омӯзишҳое мебошад, ки дар он ба сифати ҳадаф ва идеал принсипҳои амалисозии адолати иҷтимоӣ, озодӣ ва баробарӣ пеш бурда мешаванд. Инчунин, мақсади глобалии он сарнагун сохтани капитализм ва созгор додани ҷомеаи комил мебошад [27].

**Либерализм** - низоми сиёсие мебошад, ки дар он принсипи маҳдудсозии мудохилаи давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Либерализм ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як инсонро арзиши олӣ арзёбӣ намуда, изҳори озоди ақида, интихоби озоди дин, интихоби озоди намояндаи худ дар ниҳодҳои сиёсӣ ва амалӣ гардидани дигар рукнҳои демократиро тақозо менамояд [28].

**Консерватизм** – пайравии идеологӣ ба тартибот ва арзишҳои анъанавӣ, доктринаҳои иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. Ба сифати арзиши асосӣ нигоҳ доштани анъанаҳои ҷомеа, арзишҳо ва институҳои он қабул мегардад [29].

**Сотсиализми миллӣ** (Натсизм) баъди Ҷанги якуми ҷаҳон ҳамчун ҳаракати миллии кишварҳои Аврупо пайдо шуда, ба идеяҳои

---

25 Идеология, манбаъ - https://ru.wikipedia.org/wiki/Идеология

26 Б.А.Исаева. Теория политики: Учебное пособие. –СПб.: Питер, 2008. 464 с.

27 Социализм, манбаъ - https://ru.wikipedia.org/wiki/социализм

28 Либерализм, манбаъ - https://ru.wikipedia.org/wiki/либерализм

29 Консерватизм, манбаъ - https://ru.wikipedia.org/wiki/консерватизм

Ҳизби Сотсиализми Миллии Коргарони Олмон, ки зери роҳбарии Одолф Гитлер амал мекард, асос меёфт [30].

**Фашизм** шакли идории диктаторӣ буда, зидди коммунизм, либерализм ва унсурҳои деморкратӣ баромад менамояд[31].

Мамлакати мо, ки сохти давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеша кардааст, идеологияи сиёсии он ба идеологияи ҷаҳонии либералӣ ва каме омехта ба консервативӣ мувофиқат менамояд.

- ин навъи идеология дар бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон (Россия, ИМА, Аврупо ва ғайра) дар амал қарор дорад.
- Ҷанбаҳои либералии идеологии давлатии Тоҷикистон дар Сарқонуни (Конститутсияи) он оварда шудааст, аз ҷумла:
- инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он ҳамчун арзиши олӣ муқаррар карда шудааст, ки **асоси идеологияро** ташкил медиҳад [32];
- инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ муайян шудааст [33];
- оварда шудааст,ки «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [34].

Арзиши воқеии идеология дар ҳақиқат хело гарон буда, муайянкунандаи сатҳ, сифат ва самти ҳаёт ва фаъолияти халқҳо, миллатҳо ва давлату ҳукуматҳо арзёбӣ мегардад.

Идеологияи носолимро дар мисоли кишварҳои Афғонистон, Ливия, Ироқ ва Украина ба таври возеҳ метавон назар кард. Маҳз ҳамин кишварҳо қурбони идеологияи носолим гардида (вуруди идеологияи носолим), нуфуз ва мустақилияти томи худро аз даст додаанд, ҳаёти осоиштаи аҳли ҷамъияташон ба беамнӣ, низоҳои пай дар пайӣ, таҳдиду зуроварӣ табдил ёфтааст, фарҳангу арзишҳои миллию сунатиашон аз байни рафта истодааст ва одамон на зиндагӣ, балки талош ба зинда мондан доранд.

Дар истилоҳоти илмию амалӣ чунин як мафҳуми “идеологияи носолим” кам ба назар мерасад ва қариб, ки мавриди истифода қарор надорад.

30 Национал-социализм, манбаъ - https://ru.wikipedia.org/wiki/Национал-социализм
31 Фашизм, манбаъ - https://ru.wikipedia.org/wiki/фашизм
32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 5
33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 8
34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12

Идеология ба монанди дигар масъалаҳои ҳаётӣ паҳлуҳои хуб ва паҳлуҳои манфиро доро мебошад.

Чун идеологияи давлатӣ, ҷанбаҳои некхоҳи идеологияро идеологияи сиёсӣ низ меноманд ва он бештар дар ҷаҳон бо ҳамин мафҳум, яъне идеологияи сиёсӣ шинохта мебошад.

Идеологияи сисёсӣ дар навбати худ, метавонад ҳамчун идеологияи носолим, яъне бо назардошти хусусиятҳои манфии он истифода гардад ва шинохта низ шавад.

Ҳамин тариқ:

- Идеологияи солим – идеологияи давлатӣ ва идеологияи сиёсии ҳизбҳои расман пазируфташуда;
- Идеологияи носолим – идеологияи ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва идеологияи сиёсии зиддиҷамъиятӣ.

**Идеологияи носолим дар навбати худ, ҳамчун талқиндиҳанда ва ё ангезишдиҳандаи падидаҳои номатлуб дар байни ҷомеа, бахусус ҷавонон баромад менамояд**

Падидаҳои номатлуб дар байни ҷавонон худ аз худ пайдо намешаванд, дар ин роҳ сабабу омилҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ба ҷавонон дар ҷараёни бавоярасӣ, аз ҷумла дар ташаккули муносибатҳо дар оила, ҷамъият ва мактаб-таълимгоҳ пешорӯ мегарданд. Ҳамзамон, ҳолатҳои зиёди рафтору кирдорҳои номатлуби шахси ҷавон ба шахсияти ӯ аз назари психологӣ рабт дода мешавад.

Вазъи мураккаби геополитикии ҷаҳони муосир ва паҳншавии зуҳуроти номатлубу даҳшатовар дар мисоли терроризм ва экстремизм, ки барои ҷомеаи башар, сулҳу субот, амнияти давлат ва рушди устувори ҷомеа таҳдиди бевосита менамояд, на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки сайёраро ба ташвиш овардааст. Таҳлилҳо собит сохтаанд, ки терроризм яке аз ҷиноятҳои хатарнок буда, дар содир намудани кирдорҳои бадқасдона, аз қабили таркиш, оташ задан, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон, нобуд кардани молу мулк, халалдор сохтани амнияти давлат, ҷамъият, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, ба таҳлука андохтани аҳолӣ, таҷовуз ба ҳаёт ва расонидани зарари ҷисмонӣ ба аъзои ҷамъият ё намояндаи ҳокимият бо мақсади заиф кардани асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат ва дигар кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, зоҳир мегардад.

Агар ба таърихи зиндагию рӯзгори инсоният назар афканем, мебинем, ки дар баробари рушду пешрафти ҷомеа ва падидаҳои

гуногуни иҷтимоӣ, ҳамчунин омилҳои хатарзо ҳам арзи ҳастӣ кардаанд ва дар шаклу усулҳои гуногун содир мешуданд. Аммо дар охири асри XX дар қатори дигар мушкилот, терроризм ва экстремизм ба зуҳуроти хатарноки умумибашарӣ табдил ёфтаанд. Болотар дар бораи терроризм зикр кардем, вале дар радифи ин зуҳуроти манфии ҷомеа экстремизм низ яке аз ҷиноятҳои хавфнок мебошад ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мафҳуми экстремизм ба тариқи зайл шарҳ дода шудааст: «Экстремизм – ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст».

Хабару гузоришҳои дар воситаҳои ахбори омма ба нашр расида, шаҳодат медиҳанд, ки тайи солҳои охир амалҳои террористиву экстремистӣ харакатери нав касб карда боз ҳам даҳшатовару бераҳм гардида, паёмадҳои хатарзоро ба раванди зиндагии мардум ва асосҳои сохтори конститутсионии кишварҳои ҷаҳон ба вуҷуд овардаистодаанд.

Бо дар назардошти чунин омилҳо, ки ба амнияту давлати ҳар як давалт таъсири манфи мерасонад, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва баъди сари қудрат омадани фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти мамлакат дар радифи дигар масъалаҳои муҳими ҷомеа доир ба зуҳуроти манфӣ, аз ҷумла терроризм ва экстремизм пайваста ҳушдор медоданд. 20 сол муқаддам Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ 22 апрели соли 2002 чунин таъкид намудаанд: «Мехоҳам таваҷҷуҳи Шуморо ба масъалаҳое ҷалб созам, ки зарурати ҳалли онҳоро ҳаёт беш аз пеш тақозо менамояд. Ин масъалаҳои ҳалталаб терроризми байналмилалӣ ва экстремизм дар ҳамаи шаклҳо зуҳуроти онҳо мебошанд. Дар баробари ҳифзи манфиатҳои миллӣ, сохти конститутсионӣ ва истиқлолияти кишвар мубориза бар зидди ин зуҳуроти фалокатбор вазифаи муҳимтарини ҳар як сохтори давлатӣ ва тамоми ҷомеа гардидааст. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 70- 80-уми асри гузашта баъзе мамлакатҳо ба арсаи амалиёти ҷинояткоронаи дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ табдил ёфтаанд. Дар амали чунин дастаҳо ва гурӯҳҳо самти дақиқи террористию даҳшатафканӣ ба назар мерасид. Мо хеле барвақт диққати ҷомеаи ҷаҳонро ба ин проблема ҷалб карда, ҳанӯз

дар Вена дар Конгресси даҳуми Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирӣ намудани ҷинояткории трансмиллӣ мафҳуми дақиқ ва фарогири терроризмро пешниҳод намуда будем. Вале на созмонҳои байналмилалӣ ва на кишварҳои гуногун то ҳол ба мафҳуми терроризм назари ягона надоранд».

Тавре ишора кардем Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба экстремизм ва терроризм, ки имрӯз хусусияти ба истилоҳ «интернатсионалӣ» пайдо кардаанд, на танҳо дар дохили кишвар балки берун аз он низ пайваста изҳори назар менамоянд ва барои решакан кардани ин зуҳуроти манфӣ, ҳамкориҳои байнидавлтию байналмилалиро тақозо кардаистодаанд.

Тибқи таҳлили коршиносон терроризм яке аз воситаҳои амалӣ кардани мақсадҳои сиёсии гурӯҳҳои муташаккил мебошад, ки бо ин роҳ мехоҳанд харитаи иқтисодию сиёсии сайёраро ба манфиати худ мувофиқ созанд. Мақсади асосии терроризми байналхалқӣ дар ин ё он давлат сарнагун кардани низомҳои конститутсионӣ ва барпо кардани ақидаҳои иртиҷоии ҷаҳолатпеша ва бештар ба идеологияи экстремистӣ асосёфта мебошад.

Мутаасифона дар баробари хатарҳои мудҳишу манфури терроризм, ки дар ҷаҳони муосир афзоиши хатари байналхалқии он бештар гардидааст, проблемаи дигари он, ки боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳони гардидааст, ин бо шиорҳои бофтаю сохтаи исломӣ пардапӯш гардидани ин падида мебошад. Бо вуҷуди он, ки дини ислом бо терроризм ва экстремизм ягон робитае надорад ва баръакс таълимоташ зидди ин зуҳуроти хатарнок нигаронида шудааст, вале гуруҳхои манфиатҷӯ барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ, аз он сӯиистифода мекунанд.

Дар асри 21, ки асри илму технологияи муосир ном бурда мешавад, рӯйи кор омадани воситаҳои гуногуни техникаю технология ва дастрасии оммаи васеи мардум ба фановариҳои замони нав, дар баробари пешравиҳою сабукиҳо дар рӯзгор, мутаасифона доманаи амалҳои хатарзоро низ бештар кард. Албатта ин ба маънои он нест, ки аз дигаргуниҳои олами технология ҳаросамонро бештар созем ва аз истифодаи онҳо, ки кору зиндагиро садҳо маротиба осон намудааст, рӯ гардонем. Баръакс дар шароити имрӯз аз он бояд ба таври васеъ истифода барем ва манфиати бештар ба даст биёварем. Вале мушоҳидаҳо собит месозанд, ки бо таъсири интернет, шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иттилоотӣ, иддае аз ҷавонони сустиродаву ноогоҳ ба доми гуруҳҳои

манфиатҷӯ афтида, ба миллату Ватани худ хиёнат менамоянд. Таҳлили равандҳое, ки тайи солҳои гузашта ба вуқӯъ пайваст ва иддае аз ҷавонони тоҷик шомили ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро дар хориҷи кишвар гардиданд, нишон медиҳад, ки қисми бештари онҳо маҳз тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ ба доми маккоронаи ин гуна ташкилотҳо афтида, оқибат натанҳо пушаймон, балки қурбонӣ гардидаанд.

Тибқи назари коршиносон терроризм ва экстремизм дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа, махсусан миёни ҷавонон яке аз муаммоҳои меҳварии ҳаёти башарият буда, оқибат бесуботӣ ва вайронкорӣ меорад. Ҳарчанд солҳои охир пас аз талошҳои зиёд ва анҷоми корҳои фаҳмондадиҳӣ, шумораи онҳое, ки ноогоҳона қасди пайвасатан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротагроро доранд, коҳиш ёфтааст, аммо ин ҳолат то ҳанӯз наметавонад хатари ин зухуроти манфиро аз байн бурда бошад. Чунки ҳамарӯз вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳоли тағийр ёфтан асту равандҳои мураккаб ва печидатаре дар ҳоли ба вуҷуд омадан қарор доранд.

Тавре Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни пешниҳоди Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 таъкид намуданд: «Амалҳои даҳшатноки террористӣ, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯзҳо ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст. Инсоният дар симои терроризми байналмилалӣ бо душмани бераҳму шафқат ва маккоре рӯ ба рӯ омадааст, ки тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсониро поймол карда, барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ягон ваҳшоният рӯй намегардонанд. Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд. Аз ин лиҳоз, сохтору мақомоти марбутаро зарур аст, ки дар роҳи ташвиқу тарғиби тундгароии динӣ садди устувор гузошта, ҷавононро ба ҳушёриву зиракӣ ҳидоят кунанд ва онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд».

Воқеан чунин таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат шаҳодат аз он медиҳанд, ки мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм

вазифаи танҳо хадамоти махсус ва давлатҳои алоҳида набуда, балки вазифаи тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мёбошад. Аммо новбаста аз ин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм қарор дошта, онро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ ва ҷаҳон медонад. Дар ин баробар шарти муҳими ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт мебошад.

Мавриди зикр аст, ки ҳифзу нигаҳдошти тинҷию осудагии ҷомеа ва дур будани шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонону наврасон аз амалу кирдорҳои номатлуб, хусусан терроризму экстремизм ва сатҳи огоҳии онҳо аз оқибатҳои ногувору даҳшатбори он, барои ҳар фард, аз ҷумла масъулини ниҳодҳои қудратӣ мебояд дар madди аввал бошад. Зеро рушд ва нуфузи ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чӣ андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ ва ихтисосу дониши муосир мебошанд. Онҳо нисбат ба равандҳои ҷаҳони муосир ва зухуроти манфии он то куҷо бохабаранд ва ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.

# Замимаи 8. Барномаҳои мақсаднoки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон

**РӮНАМО**

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон (қаблан “Барномаи миллии “Ҷавонони Тоҷикистон”) муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқӣ барои ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир буда, барои дастгирӣ ва инкишофи ҳаматарафаи ҷавонон муносибатҳои маҷмуиро дар бар мегирад.

Барномаи мазкур ҳамчун механизми татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон бори аввал соли 1999 барои давраи миёнамӯҳлат – пас 7 соли қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардида, дар ин давра нақши худро бозид, ҳамчун таҳкурсӣ барои дар амал татбиқ намудани сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон мусоидат намуд

Барномаи мазкур дар муайян намудани самти ояндаи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон ҳамчун таҷрибаи амалӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон нақши муҳим бозид ва аз ин рӯ, натиҷаҳои он ҳалкунанда дониста шудаанд. Тасмими муҳимме, ки дар ин давра гирифта шуд, ин таҳия ва татбиқи Барнома дар тамоми вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо буд, яъне ҳар як минтақа бояд барномаи ҷавононро дар маҳалҳо қабул ва амалӣ намоянд

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар саросари ҷумҳурӣ Барномаи мазкур барои давраи оянда (2001-2003) қабул гардид. Аз рӯи миқдор ин як, балки 73 барномаро дар сатҳҳои ҷумҳиярвӣ, минтақавӣ ва маҳҳли ташкил медиҳад.

Тибқи ин принсип татбиқи Барномаи ҷавонон 9 давраро дар бар мегирад: солҳои 1999–2000, 2001–2003, 2004–2006, 2007–2009, 2010–2012, 2013–2015, 2016–2018 ва 2020–2026. Мутаносибан, ҳадафҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо ва дигар ҷузъҳои Барнома дар заминаи ниёзҳои ҷавонон ва субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон давра ба давра тағйир ёфта, ҳадафи умумӣ, яъне пешниҳоди як қатор хизматрасониҳои зарурӣ барои ҷавонон, бетағйир монд.

Дар муқоиса бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон Барномаи мазкур муваффақ буда, дар байни ҷавонон натиҷаҳои назаррас дорад. Дар айни замон Барномаи мазкур ягона механизми нисбатан устуворест, ки робитаи ҷавононро ҳамчун объект ва ҳамзамон субъект бо дигар субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, махсусан бо мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин менамоянд.

/

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз ҷузъҳои муҳимми Барнома маблағгузории он мебошад, ки асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ пешбинӣ шудааст. Дар маҷмӯъ, ин нишондодро метавон саҳми бевоситаи Ҳукумат дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва маблағгузории тамоми бахшҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавононро саҳми мустақим ва ғайримустақим арзёбӣ кард.

Маблағгузорӣ барои иҷрои Барнома давра ба давра афзоиши муътадил дорад ва ин вазъияти воқеиро инъикос мекунад

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Чуноне ки аз расми 9 дида мешавад, маблағгузории Барнома барои ҳар як давра афзоиш ёфта, аз давраи чорум якбора зиёд мешавад, ки ин аз таваҷҷуҳи бештари субъектҳо ба рушди сиёсати давлатии ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Бояд гуфт, ки маълумоти дар боло зикршуда танҳо ба сатҳи ҷумҳуриявӣ дахл дорад ва агар ҳамаи сатҳҳо ба инобат гирифта шаванд, пас онҳоро 1,5 баробар зиёд кардан лозим аст, зеро дар асл ҳиссаи маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми умумии маблағгузорӣ якуним баробар зиёд карда мешавад (30-35%).

Бо вуҷуди ин, ҳаҷми маблағгузории Барнома барои ҳар як нафар ҷавон дар як сол 0,12-0,38 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба дигар кишварҳо кам аст, вале дар шароити рушди кишвар афзоиши устувор дорад.

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар баробари ин, сарфи назар аз он, ки Барнома устувортарин воситаи идеологӣ ба ҳисоб меравад, механизми амалигардонии он таҷдиди назар тақозо мекунад. Айни замон натиҷаҳои Барнома асосан хусусияти миқдорӣ доранд, зеро иқтидори субъектҳои соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла мақоми ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои сифатӣ хеле заиф аст.

Аввал инки, механизми идоракунии мақсаднок, банақшагирӣ, татбиқ, мониторинг ва арзёбии Барнома вуҷуд надорад, ки ин талаботи асосии барномасозӣ мебошад.

Дуюм, иқтидори кадрии мақомоти кор бо ҷавонон, яъне хизматчиёни давлатӣ мутаносибан заиф мебошад. Дар баробари ин, хизматчии давлатӣ барои бевосита амалӣ намудани чорабиниҳои барнома салоҳият ва имкониятҳои маҳдуд дорад, яъне дастрасӣ надора (бинобар шумори кам будани онҳо ва паст будани сатҳи маҳорати касбӣ).

Сеюм, кормандони соҳаи кор бо ҷавонон мутахассисони соҳибихтисос нестанд, зеро ҷунин ниҳоди таълимӣ барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон – касби «Кори ҷавонон», аз ҷумла шахсони дорои малакаи банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ҳоло вуҷуд надорад.

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Чорум, хам макомоти ваколатдори давлатӣ ва хам макомоти махаллии кор бо чавонон бо иттиходияхои чамъиятии чавонон хамкории суст доранд, яъне меъёрхое, ки дар конунгузории сиёсати давлатии чавонон мукаррар кардааст, пурра амалӣ намегарданд.

Панчум, дар аксари шахру нохияхо татбики Барнома бо назардошти хамаи сохахои афзалиятноки ва вазифахо таъмин карда намешавад. Тачриба ва иктидори зехнии кормандони макомоти махаллии кор бо чавонон ва дигар субъектхо, аз чумла чамоатхо ва иттиходияхои чамъиятӣ хеле заиф буда, дар баробари ин дар система норасоии кадрхо хеле зиёд ба назар мерасад.

Хулоса, Барномаи миллӣ ҳамчун модели татбиқи ҳамаҷонибаи сиёсати давлатии ҷавонон ҷорӣ карда шудааст. Аммо принсипи иҷрои он ба ғайр аз сатҳи ҷумҳуриявӣ дар дигар сатҳҳо (вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо) вайрон карда мешавад. Дар баъзе минтақаҳо он ҳамчун барномаи маҳаллӣ ва дар дигар минтақаҳо ҳамчун нақшаи чорабиниҳо амалӣ карда мешавад; нишондиҳандаҳои он амалан нотамом мемонанд ва ин мушкилот доманадор боқӣ мондааст.

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Пешгуфтор
2. Тахлили вазъият
3. Заминаи меъёрию хукукии кабул ва татбики Барнома
4. Хадафхо ва самтхои афзалиятноки Барнома
5. Вазифахои Барнома
6. Накшаи чорабинихои Барнома
7. Механизми маблағгузории Барнома
8. Механизми хамохангсозии татбики Барнома
9. Натичахои нихоии Барнома

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Вазифаҳои Барнома

- ташаккули заминаҳо барои рушди кадрии ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон;

- таъмини иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба ин васила васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон тавассути пешоҳангаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ;

- мусоидат дар устуворгардонии шабакаи марказҳои ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо барои хизматрасонии маҷмӯӣ ба ҷавонон;

- ба таври мунтазам ҷалб намудани доираи васеи ҷавонон дар тахия, ҳамоҳангсозӣ ва амалигардонии барномаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба ҳаёту фаъолняти онҳо алоқаманд;

- рушди фаъолияти ҳаракатҳои ҷамъиятии ҷавонон ва тақвият бахшидани ҳамкории онҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ба воситаи ташаккул ва рушди ҳаракати ихтиёрӣ дар кишвар;

- рушди имконоти ҷавонон ҷиҳати ба шуғл фарогирии онҳо ва рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат;

ва ғаЙра

## БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

8. Механизми ҳамоҳангсозии татбиқи Барнома

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорати корҳоро оид ба татбиқи Барнома амалӣ менамояд. Тибқи тартиби муқарраргардида ба Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Барнома бо дарназардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии мавҷуда пешниҳод манзур намуда, назорати истифодаи мақсадноки маблағҳоро таъмин менамояд.

Идора намудани ҷараёни татбиқи Барнома аз ҷониби Комиссия оид ба танзим ва ҳамоҳангсозии Барнома, ки онро Хайати мушовараи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида таъсис медиҳад, сурат мегирад.

Ҳамоҳангсозӣ ва маблағгузории Барнома дар сатҳи вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи имкониятҳои воқеи бевосита ба роҳ монда мешавад.

Татбиқи Барнома дар сатҳи маҳалҳо бояд бо дарназардошти ҳадаф, соҳаҳои афзалиятнок ва Нақшаи чорабиниҳои Барнома мутобиқи шароити маҳал бо пешбинӣ намудани маблағгузории чорабиниҳои Барнома таъмин карда шавад.

## БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

Давраҳои қабул: 2018-2022, 2023-2027

Ҳадафи асосии барнома ин фароҳам овардани шароити мусоид, имконоти муассир ва ташаккули механизмҳои амалӣ ҷиҳати тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, ҳудогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ мебошад

Амалишавии барномаи мазкур барои тавсеа бахшидани эҳсоси худшиносӣ, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷавонон мусоидат менамояд.

## БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

Самтҳои афзалиятноки (вазифаҳои асосии) Барнома:

- заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурдиҳӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон;

- тарбияи фарҳангӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии ватандӯстии ҷавонон;

- тарбияи ҷисмонӣ, варзишӣ ва ҳарбию ватандӯстии ҷавонон, омодагии дифои онҳо;

- асосҳои иттилоотӣ, тарғиботӣ, бадеӣ ва оммавӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонон;

- тарбияи маърифатӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва эстетикии ҷавонон.

## БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

### 6. ИШТИРОКИ ВАЗОРАТУ ИДОРАҲО ДАР АМАЛИСОЗИИ НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ БАРНОМА

Вазорату идорахо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барномаҳои соҳавии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавононро барои солҳои 2018-2022 қабул карда, дар доираи имкониятҳои буҷетӣ чорабиниҳоро амалӣ менамоянд.

Ҳамзамон, оид ба натиҷаҳои амалишавии барнома ҳар сол то моҳи ноябр ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор пешниҳод менамоянд.

## БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

### 7. МЕХАНИЗМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

Маблағгузории чорабиниҳо оид ба амалишавии Барнома дар доираи маблағҳои пешбинишавандаи буҷети давлатӣ барои мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дар амалишавии барнома иштироккунанда, ҳамчунин аз ҳисоби ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешавад.

Маблағгузории барнома бо ин роҳҳо амалӣ мегарданд:

- бевосита. Маблағҳои барнома бевосита тавассути воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон амалӣ гардонида мешаванд. Дар ин ҳолат ҷараёни маблағгузорӣ тартиби махсус ва ё мувофиқаи иловагиро талаб намекунад ва он бевосита аз ҷониби субъектҳои зикршуда амалӣ мешавад;

- бавосита. Маблағҳои барнома ба воситаи ташкилотҳои система, марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар маҳал амалӣ гардонида мешаванд

## Замимаи 9. Усулҳо ва ё тартиби (модели) таҳия ва амалисозии лоиҳаҳо / барномаҳо дар самти сиёсати ҷавонон

***ҚИСМАТИ МЕТОДӢ-АМАЛӢ***

**Мақсад**: баланд бардоштани сатҳи дониш ва маълумотнокии гурӯҳҳои мақсаднок оид ба роҳу усулҳо ва тартиби ташкили ҳар як чорабинӣ ва ё лоиҳа ҳамчун низоми алоҳида.

**Гурӯҳҳои мақсаднок**: масъулон ва мутахассисони соҳаҳои кор бо ҷавонон, занон, дин, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорони соҳаи тарбиявӣ ва беруназсинфии системаи маориф, мутахассисони иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва масъулони корхонаву ташкилотҳои азим.

**Нақша**:

1) Мафҳуми чорабинӣ/лоиҳа ва амал;
2) Модели ташкили чорабинӣ ҳамчун низоми умумӣ барои ташкил, банақшагирӣ, амалисозӣ ва натиҷагирии ҳар як чорабинӣ/лоиҳа дар самти таъмини сифати амалҳои идеологӣ.

### 1. Мафҳуми чорабинӣ/лоиҳа ва амал

То ин мавзуъ ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ, асосноккунӣ, зарурӣ, таҳлилӣ, таҷрибавӣ, тавсиявӣ, озмоишӣ ва то андозае методию амалии мавод мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуданд, ки дар умум татбиқи бомароми онҳо **низоми устувори амалисозии чорабиниҳои идеологи**ро ташкил медиҳанд.

Ҳар як чорабинӣ дар навбати худ, хусусият ва таркиби (сохти) хоси худро соҳиб мебошад. Аз ин рӯ, агар то ин замон роҳу усулҳои системаи баргузории чорабиниҳои идеологӣ баррасӣ ва муайян гардида бошанд, пас ин ҷониб **тартиби ташкили ҳар як чорабинӣ ва ё лоиҳа** мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Яъне, чорабинӣ ва ё лоиҳа ҳамчун низоми алоҳида омӯхта мешавад, зеро он низ аз бандҳои гуногун, аз ҷумла банақшагирӣ, таҳиясозӣ, амалисозӣ, натиҷагирӣ, маблағгузорӣ, баҳодиҳӣ ва ғайра иборат мебошад.

Дар ин ҷо чорабинӣ на ҳамчун амалӣ яккарата ва ё муваққатӣ, балки ҳамчун маҷмӯи амалҳо ва ё лоиҳаи комил баррасӣ мегардад. Умуман дар ҷомеаи муосир чорабинӣ ҳамчун маҷмӯи амалҳо дониста шуда, одатан дар шакли лоиҳа иборат аз якчанд бандҳо ташкил ва амалӣ гардонида мешавад. Ё ин ки **чорабинӣ - амали мутташакил ва ё маҷмӯи амалҳое, ки барои татбиқи мақсад(ҳо)и муайян равона гардидаа(нд)ст**. Яъне, чорабинӣ ин як амалӣ хурд нест, ки асосан (дар муносибатҳо—имрӯз) чунин шуморида мешавад. Ин муносибат ва ё нофаҳмӣ чаро пайдо шудааст? Посухи ин савол дар боло оварда шуда буд – чорабиниҳое, ки имрӯзҳо амалӣ мегарданд, мутаассифона ба ҷузъ нақша ва ҷамъи иштирокчиён дигар чизе надоранд, ва мувофиқан аз низоми муносиби натиҷагирӣ, идоракунӣ, ҳамоҳангсозӣ ва таъсирбахшӣ маҳрум мебошанд.

Бо ибораи дигар, чорабинӣ имрӯз ҳамчун як амалӣ яккаратаи камтаъсир фаҳмида мешавад ва он бо чунин нақш, на танҳо дар байни ҷомеа, балки дар фаҳмиши масъулон низ ҷой гирифтааст. Яке аз сабабҳои калидии ноустувории

низоми чорабиниҳои идеологӣ маҳз дар ҳамин нокомӣ – *фарқ нагузоштан байни чорабинӣ ва амал ва ба ин васила риоя нагардидани тартиботи бевоситаи (банақшагирӣ, амалисозӣ, натиҷагирӣ ва ғайра)* - асос меёбад.

Чорабинӣ калимаи мураккаб буда, асосан аз ду қисм «чора» ва «бинӣ» иборат буда, маънои дидан, андешидан ва амалӣ сохтани чораҳоро ва ё амалҳоро дорад. Дидан дар навбати худ, ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегирад, яъне дидани чӣ, кадом чора, чӣ гуна, кай ва ғайра, ки посухи онҳоро мушаххасан бо тартиби зерин овардан мувофиқ мебошад:

· Чӣ ва ё кадом чора? - таҳлили вазъияти дахлдор, асоснокии ҳуқуқӣ ва муайян намудани зарурати баамаломада, натиҷагирӣ, нақшаи амалҳо;

· Чӣ гуна ва ё чӣ тарз? – роҳу усулҳои татбиқ, ҳамкории иҷтимоӣ, банақшагирӣ ва маблағгузорӣ;

· Кай? – нақшаи тақвимӣ, нақшаи мантиқӣ, натиҷагирӣ, мониторинг ва баҳодиҳӣ.

Яъне, барои амалӣ сохтани ҳар як чорабинӣ зарур аст, ки тамоми унсурҳои сохторӣ ва таркибии он ба инобат гирифта шаванд. Танҳо як мафҳуми «дидан»-и чора худ посухи якчанд саволро талаб менамояд, ки дар роҳи дарёфти он чандин амалҳоро мебояд ба анҷом расонид.

Дар баробари ин, таркиби чорабинӣ сохти лоиҳаро монанд мекунад ва дар воқеъ чунин ҳам мебошад. Ҳам сохти чорабинӣ ва ҳам сохти лоиҳа хусусият ва таркиби ягона доранд. Аммо лоиҳа метавонад аз якчанд чорабинӣ ва амалҳои дахлдор иборат бошад, дар ҳоле ки чорабинӣ метавонад танҳо аз амалҳо иборат бошад. Яъне, новобаста аз сохти ягонаи ташкилӣ, чорабинӣ дар як вақт метавонад зерлоиҳа бошад.

Ҳамин тариқ, дар поён Модели ташкили чорабинӣ ва ё лоиҳа (минбаъд “Модели чорабинӣ”) бо назардошти таркиби хоси он аз рӯи пайдарпайии сохт, мундариҷа ва талаботи сифат оварда мешавад.

**2. Модели ташкили чорабинӣ ҳамчун низоми умумӣ барои ташкил, банақшагирӣ, амалисозӣ ва натиҷагирии ҳар як чорабинӣ/лоиҳа дар самти таъмини сифати амалҳои идеологӣ.**

Модели мазкур ҳамчун **низоми умумӣ барои ташкил, банақшагирӣ, амалисозӣ ва натиҷагирии чорабинии/лоиҳаи** дилхоҳ таҳия мегардад ва онро метавон ҳам барои тадбирҳои идеологӣ ва ҳам дигар соҳаҳо истифода намуд.

Модели чорабинӣ ба таҳлил ва тавсияҳои боло ҳамбастагии зич дорад, мувофиқан дар сохтори он баъзан маводҳо бо иқтибос ва ишораҳои техникӣ оварда мешаванд.

Мақсад аз роҳандозии Модели мазкур ин мусоидат намудани ба субъектҳои татбиқкунандаи чорабиниҳои идеологӣ ҷиҳати:

- дарёфти роҳу усулҳои муносиби амалисозии чораҳо;
- таҳия ва банақшагирии чорабинӣ ва ё лоиҳаи дахлдор;
- амалисозии чорабинӣ ва ё лоиҳаи дахлдор бо дарназардошти таъмини сифат, таъсирбахшӣ ва ҳадафрасӣ;
- пайдо кардани манбаҳои муътамади маблағгузории чорабинӣ;

- амалисозии каммасрафи чорабинӣ;
- арзёбии натиҷаҳо, мониторинг ва баҳодиҳии амалҳо ва таъсирнокии онҳо ба вазъият.

Дар умум Модели чорабинӣ ҳамчун **василаи ташкилию амалӣ дар роҳи ташаккули система ва ё низоми устувори баргузории чорабини(ҳо)и идеологӣ дар байни ҷомеа ва ҷавонон** бо истифода аз имконият ва захираҳои фароҳамбуда омода мегардад.

Тартиби ташкили чорабинӣ/лоиҳа бо принсипҳои зерин асос меёбад:

- Ҳамчун низоми фаъолият истифода бурдани тартиби муайяншуда;
- Риоя намудани тамоми қадамҳо, қоидаҳо ва талаботи муайянгардида, агар дигар талабот аз ҷониби фармоишгар (маблағгузор) муқаррар нагардида бошад;
- Интихоби озод ва асосноки мавзуъ;
- Сари вақт ба анҷом расонидани бандҳои амалӣ;
- Мавриди амал қарор додани тавсияҳои тарҳрезигардида;
- Риояи пурраи шакли таҳияи лоиҳа/чорабинӣ, агар дигар шакл аз ҷониби фармоишгар (маблағгузор) муқаррар нагардида бошад.

## 2.1 ҚАДАМҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛИ ЧОРА-БИНӢ ЛОИҲА

Модели чорабинӣ (лоиҳа) аз якчанд қисмҳо иборат мебошад ва бо мақсади фаҳмо ва дастрас гардидан, онҳо дар поён бо қадамҳо ҷудо карда мешаванд. Риоя ва татбиқи ҳар яке аз қадамҳо аз ҷониби субъектҳои дахлдор муҳим арзёбӣ мегардад.

### *Қ*адами I. ИНТИХОБИ МАВЗУЪ

Интихоби мавзуъ қадами муҳими чорабинӣ буда, номгузорӣ, самт ва усулҳои фаъолиятро дар роҳи расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ муайян месозад. Асосан интихоби мавзуъ аз рӯи масъала ва ё мушкилоти муайян ташкил мегардад ва он хусусияти назариявӣ дорад.

Ҳангоми интихоби мавзуъ назари субъектҳо, бахусус гурӯҳҳои мақсаднок муҳим мебошад, ичунин мебояд назарияи иқтидорнокӣ ва қобилияти иҷрокунандагон дар робита ба андешидани тадбирҳои оянда ташаккул дода шавад.

Номи мавзуъ бояд ифодаи кӯтоҳ буда, умқ ва ё муҳтавои масъалаи (мақсади) интихобшударо дар як-ду ҷумла инъикос кунад.

*МИСОЛ: Яке аз масъалаҳое, ки ҷомеаи ҷаҳониро, ҳамчунин Тоҷикистонро ба ташвиш овардааст, ин афзоишёбии экстремизм дар байни шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон мебошад.*

*Пас, номи мавзуъ метавонад чунин интихоб карда шавад: "Пешгирии экстремизм дар байни ҷавонон".*

### *Қ*адами II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

Дар асоси мавзӯи интихобгардида барои самаранокии фаъолият ва муайян кардани сарҳадоти чорабинӣ зарур аст, ки вазъияти баамаломада мавриди

таҳлили васеъ қарор дода шавад.

Таҳлили вазъият одатан бо тарзу усулҳои гуногун ташкил мегардад, вале усули каммасраф ва мувофиқтар ин ҷамъоварии маълумот мебошад.

**Ҷамъоварии маълумот оид ба таҳлили вазъият**

Иттилоот дар ҷараёнҳои идоракунӣ, бахусус таҳияи лоиҳа нақши ҳалкунанда дорад, чун тамоми муносибатҳо маҳз аз ҳамин рукни ҳаётӣ манша мегирад. Дар ин росто гуфтори – *Касе дар ихтиёр иттилоот дорад, ҷаҳонро идора мекунад!* – мувофиқ аст, зеро дар воқеъ иттиллот калиди дари бисёр муамоҳо мебошад ва дар идоракунӣ мавриди таҳлил, баррасӣ, баҳогузорӣ, хулосабарорӣ, танзим ва пешбурди муносибатҳо ба таври васеъ истифода карда мешавад.

Дар амал усулҳои гуногуни ҷамъоварӣ ва ё ташкили иттилоот истифода мегарданд, ки дар ин ҷо 5 намуди мутаносибан маъмули онҳо манзур мегардад.

**Усули пурсиш**

Пурсиш усули нисбатан маъмул буда, бо роҳи **муроҷиати шифоҳӣ ва хаттӣ** ба гуруҳҳои мақсадноки одамон (мавриди тадқиқот қарор дошта) ва ё пурсидашавандагон аз рӯи масъалаҳои тадқиқотӣ ба амал баровcovarда мешавад.

**Усули мусоҳиба**

Мусоҳиба усули дигари ҷамъоварии иттилооти сотсиологӣ буда, дар шакли саволу ҷавоб амалӣ гардонида мешавад. Мусоҳиб-шахси соҳиби маълумоти махсус ва ё махсусан омӯзонидашуда тариқи шифоҳӣ савол медиҳад ва фард/гуруҳи мақсаднок ба саволҳои гузошташуда, посух пешниҳод меамояд. Рӯйхати саволҳо/ саволнома тибқи барномаи тадқиқотӣ қаблан омода карда шуда, сипас ба мусоҳиб барои гузаронидани пурсиш таъмин карда мешаванд.

**Усули мушоҳида**

Дар ин усул ҷараёнҳо, ҳодисаҳо ва падидаҳои муайян аз ҷониби тадқиқотчӣ бевосита мавриди мушоҳида қарор дода шуда, воқеаҳои мувофиқ ба қайд гирифта мешаванд. Бақайдгирии воқеаҳо ҳангоми мушоҳида дар шаклҳои гуногун: ҷадвали қайдҳо, навори видеоӣ, сабти аудиоӣ, расмгирӣ ва ғайра сурат мегирад. Яъне, тадқиқотчӣ ҳолатҳои дилхоҳро ба ҳисоб мегирад ва онро барои коркарди минбаъда пешниҳод менамояд.

**Усули таҳлили ҳуҷҷатҳо**

Дар ин намуди ташкили/ҷамъоварии иттилоот манбаи асосӣ ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ баромад менамоянд. Ба сифати ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, мактубҳо, рӯзномаҳо, ВАО, саҳифаҳои интернетӣ, адабиёт ва ғайра чӣ дар шакли хатӣ ва сабтӣ ва чӣ электронӣ истифода мегарданд.

*МИСОЛ: Мутобиқи маълумоти http://cyberleninka.ru/article/n/problema-profilaktiki-ekstremizma-v-molodezhnoy-srede зарур шуморида мешавад, ки дар роҳи мубориза ба зуҳуроти номатлуб ҷанбаҳои психологии синнусолӣ ва иҷтимоии ҷавонон ба инобат гирифта шаванд.*

*Бар асоси маълумоти расмӣ дар сафи ифротгароёни ба ном "Давлати исломии Шому Ироқ" 386 шаҳрвандони Тоҷикистон шомил мебошанд, ки аксарияташон ҷавононад (http://news.tj/ru/news/igil-v-tadzhikistane-priznana-terroristicheskoi).*

**Усули сотсиометрӣ**

Усули мазкур бо мақсади омӯзиши муносибатҳои дар байни гуруҳҳои хурд,

ба монанди оилаҳо, бахшҳои соҳавии ташкилотҳо, ақалиятҳо ва ғайра ҷараёндошта истифода мегардад. Омӯзиш тибқи ин усул бо роҳи ташкили тадқиқотҳои гуногун оид ба таҳқиқ ва баҳогузории низоми муносибатҳои байнишахсӣ ва байниаъзогӣ амалӣ карда мешавад.

Барои самаранокии фаъолият дар самти ҷамъоварии иттилоот тадқиқотчиро зарур мегардад, ки **нақшаи фаъолияти** худро бо фарогирии як ё якчанд усулҳои тадқиқотӣ ва вақти дахлдор тартиб диҳад. Дар ин нақша ҳамчунин мебояд гурӯҳҳо ва ё фарди мақсаднок муайян/интихоб карда шавад, то ин ки ҳангоми таҳияи усулҳои тадқиқотӣ имконият, шахсият ва иқтидорнокии онҳо ба инобат гирифта шаванд.

Интихоби усули ҷамъоварии маълумот аз мақсади гузошташуда ва натиҷаҳои интизорӣ вобастагӣ дорад, вале истифодаи мунтазамии манбаҳои мавҷуда тавсия дода мешавад.

Ҳангоми истифодаи маълумоти дастрасгардида нишон додани манбаъ зарур шуморида мешавад. Баён кардан ва ё овардани ҳар як масъала, иқтибос, вазъият ва ғайра ҳолатҳо дар сурате воқеӣ ва ё далелнок ҳисобида мешавад, агар манбаи он нишон дода шуда бошад.

**Ҳамкории иҷтимоӣ**

Пеш аз таҳияи чорабинӣ ва ё лоиҳа зарур аст, ки ҷанбаҳои амалии назарияи муайянгашта, иқтидорнокӣ ва қобилияти иҷрокунандагон баррасӣ карда шаванд. Бахусус таҳкими заминаҳои иқтисодии чорабинӣ, яъне ҷалби манбаҳои иловагии маблағгузорӣ ва ё саҳмгузорӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Барои ин зарур аст, ки сараввал манбаи асосии маблағгузорӣ муайян карда шавад. Албатта ҳануз ҳангоми интихоби мавзуъ ин манбаъ бояд интихоб/тахмин гардида бошад, вале барои пайдо кардани эътимод зарур мегардад, ки эҳтимоли маблағгузорӣ шудани чорабинӣ тақвият бахшида шавад.

Сипас, барои таъмини самаранокии фаъолият, таҳияи лоиҳаи каммасраф, вале таъсирбахш зарур мегардад, ки ҳамкорони иҷтимоӣ муайян карда шаванд. Дар ин зинаи фаъолият мебояд бо дарназардошти зарурати баамаломада (талаботи лоиҳа) бо теъдоди муайяни субъектҳо мавзуъ ва уҳдадориҳои ҳамкории оянда баррасӣ карда шаванд ва ризоияти хаттии онҳо гирифта шавад.

Акнун яке аз ҳамкорони иҷтимоиро бояд, ки ба сифати ҳамкори асосӣ ва ё кул интихоб кард. Вале бояд дар назар дошт, ки дар бисёр мавридҳо ба сифати ҳамкори асосӣ ҳамон ташкилоте интихоб карда мешавад, ки агар дар татбиқи чорабинӣ/лоиҳа саҳми бештар, ба монанди маблағгузории фаъолият дошта бошад.

*МИСОЛ: Барои амалисозии чорабинӣ дар самти пешгирии экстремизм дар байни ҷавонон ба сифати ҳамкорони иҷтимоӣ метавон кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва телевизион ва радио ва Вазорати маориф ва илмро интихоб намуд (ниг. ба банди б) қисми 1) фасли V.).*

*Ҳамин тариқ бо дарназардошти мувофиқати самти фаъолият ва имконияти нисбатан васеи маблағгузорӣ (дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон) Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ба сифати ҳамкори асосӣ интихоб мегардад.*

*Вазорати маориф ва илм бошад, барои таъмини толорҳо ва Кумитаи телевизион ва радио барои сабт ва пахши иттилоот аз ҷараёни чорабинӣ/лоиҳа ба*

*сифати ҳамкорон интихоб мегарданд.*

*Барои ташаккули заминаи устувори ҳамкориҳо бо ҳамкорони интихобшуда гуфтушунидҳои расмӣ (тариқи мукотиба ва вохӯриҳо) баргузор гардида аз рӯи уҳдадориҳо ва саҳмгузориҳо созишнома ба имзо расонида мешавад.*

**Қадами III. ТАҲИЯИ ЛОИҲАИ ДАРХОСТӢ**

Барои амалӣ намудани ҳар як чорабинӣ зарур аст, ки заминаи назариявию таҳлилӣ ва методии он дар шакли хаттӣ ташаккул (тартиб) дода шавад. Маҳз тарҳи хаттии чорабинӣ дар умум лоиҳа ном гирифта шуда, барои роҳандозии амалҳо ва бадастории ҳадафҳои гузошташуда, ҳамчун асос истифода бурда мешавад. Бо ибрози соддатар **лоиҳаи дархостӣ** ва ё тарҳи хаттӣ **шиносномаи чорабинӣ** буда, тамоми заминаҳои асосноксозӣ ва ташкилию ҳуқуқиро, аз қабили таҳлили вазъият, нишондиҳандаҳои асосӣ, мақсаду вазифаҳо, роҳу усулҳои татбиқ, нақшаи амалҳо ва маблағгузорӣ, натиҷагирӣ, мониторинг ва баҳодиҳӣ ва ғайра фаро мегирад.

Аз ин рӯ, дар ду даҳсолаи охир амалисозии чорабиниҳои гуногуни иҷтимоӣ дар асоси лоиҳаи қаблан омодакардашудаи дархостӣ ба ҳукми анъана даромада, ин собиқа дар тамоми системаҳои идоракунӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Лоиҳаҳои дархостӣ ва ё барномаҳо асосан шаклҳои гуногун дошта, аз сохтор ва ё тартиби муайяни инъикоскунандаи асоснокӣ, мақсад, вазифаҳо, маблағгузорӣ, натиҷагирӣ ва дигар нишондиҳандаҳо иборат мебошад. Шаклҳои лоиҳаҳо асосан аз ҷониби ташкилотҳои фармоишгар ва ё маблағгузор муайян карда мешаванд.

Дар инҷо бошад, барои истифодаи васеъ шакли умумиқабулшудаи лоиҳаи дархостӣ бо фарогирии тартибу сохтори зарурӣ оварда мешавад ва онро имкон дорад, ки дар ҳама ҳолат (барои амалӣ сохтани чорабинии дилхоҳ, аз ҷумла идеологӣ) истифода намуд.

**а) Нишонӣ (маълумотҳои умумӣ)**

Нишонӣ ва ё маълумотҳои умумии лоиҳаи дархостӣ дар саҳифаи якуми лоиҳа оварда шуда, аз номи лоиҳа (бояд ба чорабинӣ ва мавзӯи интихобшуда алоқамандӣ дошта бошад), номи ташкилоти дархостдиҳанда, номи роҳбари лоиҳа, суроғаи ташкилоти дархостдиҳанда, рақами телефон, почтаи электронӣ, маълумоти бонкӣ ва суроғаи он ва дигар маълумоти инъикоскунандаи иттилоотии аввалӣ иборат мебошад.

*МИСОЛ:*

*Дар ҳамбастагӣ ба мавзӯи дар боло интихобшуда нишонӣ чунин сурат мегирад:*

| | |
|---|---|
| *Номи лоиҳа:* | *Пешгирии эстремизм дар байни ҷавонон* |
| *Номи ташкилот:* | *Маркази «Намуна»* |
| *Номи роҳбари лоиҳа:* | *Намуна Х.* |
| *Муҳлати татбиқи лоиҳа:* | *12 моҳ* |
| *Суроғаи ташкилот:* | *ш.Душанбе, кӯч.Намуна ХХ* |

| | |
|---|---|
| *Рақами телефон:* | *111 1111 11111* |
| *Почтаи электронӣ:* | *namuna@namuna.tj* |
| *Маълумоти бонкӣ ва суроғаи он:* | *ОАО «Бонки Намуна», ш.Душанбе, кӯч.Намуна XX* |

**б) Асоснокӣ ва таҳлили вазъият**

Асоснокӣ бо фарогирии заминаҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор) ва зарурати татбиқи лоиҳа (чораҳои дар назар дошташуда), инчунин интизории умумӣ ва ё таъсирбахшии он оварда мешавад.

Таҳлили вазъият дар асоси маълумоти ҷамъовардашуда дар шакли баҳогузории ҳолати воқеӣ ва хулосаҳои дахлдор (мақсад ва вазифаҳои лоиҳа) таҳия карда мешавад. Ҳамзамон, дар ин қисмат вобаста ба ҳалли мушкилоти мавҷуда бо истифода аз тарзу усулҳои мувофиқ (мутобиқи лоиҳа), аз ҷумла саҳмгузории ташкилотҳои ҳамкор маълумоти умумӣ оварда мешавад.

Боиси зикр аст, ки аз асоснокӣ ва таҳлили вазъият заминаҳои мусоид ва муносибро барои дастгирӣ ёфтани лоиҳаи дархостӣ (дар оянда низ) аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузор фароҳам меорад. Аз ин рӯ, дар ин зина мебояд зиёдтар таваҷҷуҳ намуд.

*МИСОЛ: Мутобиқи маълумоти http://cyberleninka.ru/article/n/problema-profilaktiki-ekstremizma-v-molodezhnoy-srede зарур шуморида мешавад, дар роҳи мубориза ба падидаҳои номатлуб ҷанбаҳои психологии синнусолӣ ва психологии иҷтимоии ҷавонон ба инобат гирифта шавад.*
*Бар асоси маълумоти расмӣ дар сафи ифротгароёни ба ном Давлати исломии Шому Ироқ 386 шаҳрвандони Тоҷикистон шомил мебошанд, ки аксарияташон ҷавононанд (http://news.tj/ru/news/igil-v-tadzhikistane-priznana-terroristicheskoi).*
*Бо назардошти мувофиқати самти фаъолият ва имконияти нисбатан васеъ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ба сифати ҳамкори асосӣ интихоб гардидааст. Вазорати маориф ва илм барои таъмини толорҳо ва Кумитаи телевизион ва радио барои сабт ва пахши иттилоот аз ҷараёни чорабинӣ/лоиҳа бо Маркази «Намуна» ҳамкорӣ менамоянд.*
*Бо назардошти ин вазъият ва имкониятҳои ҳамкорӣ, тасмим гирифта шуд, ки барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонони кӯчаи X дар самти муқовимат ба экстремизм чораҳои маърифатӣ-иттилоотӣ гузаронида шаванд.*

**Диққат**: Дар ин зина маълумотҳои тибқи Қадами 2 ҷамъоварӣ шуда ва қарорҳои қабул гардида, истифода меградад.

**в) Мақсад ва вазифаҳо**

Сохтор ва таркиби лоиҳаи дархостӣ бо тамом ба якдигар вобастагӣ дошта, бо тартиби аз кул ба ҷуз ва тарзи кумулятивӣ маълумотҳои овардашуда мушаххас ва саҳеҳ дар шаклҳои хос коркард карда мешаванд.

Мақсади лоиҳа/чорабинӣ аз мавзӯи интихобшуда ва хулоса(ҳо)и дар банди б) ҳамин қадам овардашуда манша гирифта, дар як ҷумла, мушаххас, дастрас (бо

андоза ва вақти муайян) ва дар замони «оянда» таҳия карда мешавад.

Вазифаҳо дар навбати худ, аз мақсади лоиҳа манша гирифта, мушаххас аз ду ва зиёда ҷумлаҳои рақамгузоришуда иборат буда, бо нишон додани шакли чорабинӣ, вақт, андоза, гуруҳҳои мақсаднок, ҳамкорон (мавриди зарурат) таҳия карда мешаванд.

*МИСОЛ:*
***Мақсад***: *баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонони кӯчаи Х оид ба масъалаҳои марбут ба муқовимат ба экстремизм дар муҳлати 12 моҳ.*
***Вазифаҳои лоиҳа/чорабинӣ***:
*· Таъсиси гуруҳи корӣ ва таҳияи маводи иттилоотии дахлдор ва чопи он дар муҳлати 2 моҳ;*
*· Дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ҳамкор баргузории 40 мулоқотҳо дар байни ҷавонони гуруҳҳои ХХ оид ба маълумотноксозии онҳо атрофи масъалаҳои экстремизм дар муҳлати 10 моҳ;*
*· Мониторинг ва баҳодиҳии ҷараёни татбиқи чорабинӣ/лоиҳа ва таъсирбахшии он, ҳамзамон омода сохтани гузориш аз натиҷаи фаъолияти мониторингӣ.*

**г) Тарзу усулҳои татбиқи вазифаҳо**

Нисбат ба ҳар як вазифа тарзу усулҳои хоси татбиқ бо низоми муайян (давомнокии чорабинӣ, макони баргузорӣ, иштироккунандагон ва ғайра) оварда мешаванд.

Дар ин банд зарур аст, ки саҳми маблағгузори асосӣ, ташкилот ва субъектҳои ҳамкор мушаххас нишон дода шаванд, зеро дар оянда уҳдадориҳои тарафҳо аз он манша мегирад. Ҳамчунин, ин банд фарогири шакли ҳуқуқии фаъолият буда, он дараҷаи масъулияти субъектҳоро муайян месозад.

*МИСОЛ:*
*<u>Амалисозии вазифаи 1.</u>*
*Барои таҳияи маводи иттилоотӣ дар самти муқовимат ба экстремизм гуруҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳаҳои дахлдор таъсис дода мешавад. Фаъолияти гуруҳи корӣ дар бинои воқеъ дар суроғаи Х ба роҳ монда мешавад.*
*<u>Амалисозии вазифаи 2.</u>*
*Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонон оид ба падидаи экстремизм дар байни онҳо мулоқотҳо баргузор карда мешаванд. Дар баргузории мулоқотҳо, аз ҷумла таъмини толор ва дастгоҳи овозӣ бо ташкилотҳои Х созишнома ба имзо расонида мешавад. Мулоқотҳо 10 моҳ давом карда, ҳар моҳ 4 мулоқот дар ҷамоатҳои Х баргузор карда мешаванд. Маърӯзачӣёни мулоқотҳо тибқи озмун аз ҳисоби мутахассисони соҳаҳои дахлдор ҷалб карда шуда, бо онҳо шартнома ба имзо расонида мешавад.*
*<u>Амалисозии вазифаи 3</u>.*
*Ҷараёни татбиқи лоиҳа ва таъсирбахшии он мониторинг карда шуда, баҳодиҳӣ мегардад. Мониторинг дар ду шакл (фосилавӣ ва натиҷавӣ) ва якчанд давр аз ҷониби гуруҳи мустақил баргузор карда мешавад. Усулҳои мониторинг аз пурсиш ва кор дар фокусгуруҳ иборат мебошад. Аз натиҷаи мониторинг ва баҳодиҳӣ гузориш омода карда шуда, манзури ҳамкорон ва ташкилоти маблағгузор пешниҳод*

*мегардад. Гурӯҳи мониторингӣ аз оғоз то интиҳои лоиҳа фаъолият карда, амалҳои алоқаманди он дар доираи лоиҳа маблағгузорӣ мегардад.*

д) **Нақшаи тақвимӣ**

Нақшаи тақвимӣ ва ё нақшаи амалҳо ба бандҳои в) ва г) асос ёфта, дар шакли ҷадвал (замимаи 1) оварда мешавад. Ҷадвал аз якчанд сутунҳо, аз ҷумла «тартиби рақамгузорӣ», «номгӯи амалҳо», «муҳлат» (соат, рӯз, моҳ ва ё сол), «иҷрокунандагон», «мусоидаткунандагон» ва «эзоҳ» иборат буда, мушаххасоти доимоистифода-шавандаи лоиҳаро фаро мегирад. Нақша бо тартиби муайян ҳар як вазифаро бо амалҳои алоҳида ва нишондиҳандаҳои хос дар бар мегирад.

Бинобар оммафаҳм будани қисми зиёди мафҳумҳо, баъзеи онҳо тавзеҳот дода мешавад.

Дар сутуни «**иҷрокунандагон**» номгӯи ташкилот(ҳо)и асосӣ-иҷрокунанда(гон)и лоиҳа/чорабинӣ оварда мешавад. Инчунин, мумкин аст, ки дар ин сутун зерсохторҳо ва воҳидҳои ташкилот нишон дода шаванд, яъне ҳар ниҳоде, ки ба иҷрокунанда вобастагӣ дорад, оварда мешаванд.

Дар сутуни «**мусоидаткунандагон**» номгӯи ташкилотҳои ҳамкор ва ҳангоми зарурат зерсохторҳои онҳо оварда мешавад.

*МИСОЛИ Нақшаи тақвимӣ дар <u>замимаи 1</u> оварда шудааст.*

**е) Нақшаи мантиқӣ**

Нақшаи мантиқӣ ба бандҳои в) ва д) асос ёфта, дар шакли ҷадвал (замимаи 2) иборат аз якчанд сутунҳо, аз ҷумла «мақсади асосӣ», «вазифаҳои асосӣ», «натиҷа аз рӯи нишондиҳандаҳо», «натиҷа аз рӯи маҳсулнокӣ», «муҳлат», «таъсирбахшӣ», «таваккал» ва «воситаҳои бартарафсозии таваккал» буда, таҳияи он таваҷҷуҳи хоса ва ҳадди муайянро талаб мекунад.

Сутуни «**Мақсад ва вазифаҳо»** дар банди в) оварда шудаанд ва зарурати онҳоро дубора эҷод кардан нест. Ҷойкучонии онҳо бо мақсаде ба роҳ монда мешавад, ки қисматҳои ояндаи Нақша пай дар пай пурра карда шавад.

Сутуни «**Натиҷа аз рӯи нишондиҳандаҳо»** дастовардҳои наздик ва дидашвандаро фаро гирифта, бо ченакҳои муайян (рақам, фоиз ва ғайра) оварда мешаванд.

Сутуни «**Натиҷа аз рӯи маҳсулнокӣ»** дастовардҳои маҳсулноки лоиҳаро фаро гирифта, дар шакли умумӣ-маҳсулнокӣ оварда мешаванд, яъне маҳсули дидашаванда муайян карда мешавад.

Сутуни «**Таъсирбахшӣ»** натиҷаи умумӣ ва дури лоиҳа/чорабиниро фаро гирифта, сатҳи таъсирнокӣ ба гуруҳҳои мақсаднок ва ҷомеаро муайян месозад, яъне ба саволҳои «Дар умум чӣ ба даст оварда мешавад ва чӣ тағйир меёбад?» ҷавоб мегӯяд.

Сутунҳои **«Таваккал» ва «Воситаҳои бартарафсозии таваккал»** масъалаҳои марбут ба мавҷудияти монеаҳоро ва роҳу усулҳои бартарафсозии онҳоро фаро гирифта, заминаҳои устувори татбиқи лоиҳа/чорабиниро ташкил медиҳад. Яъне, албатта ҳар як амал метавонад дар ҷараёни татбиқ бо монеаҳои гуногун дучор шавад, ки танҳо дар ҳолати пешбинии онҳо метавон қаблан барои мубориза бо онҳо мусаллаҳ гардид.

*МИСОЛИ Нақшаи мантиқӣ дар <u>замимаи 2</u> нишон дода шудааст.*

**ж) Натиҷаҳои ниҳоӣ**

Натиҷаи ниҳоӣ одатан дар як шакл – натиҷаи бевосита ва ё наздик оварда мешавад, ки ба самранокии лоиҳа монеа эҷод менамояд, яъне дар ин ҳолат барои маблағгузор натиҷаи таъсирбахшии лоиҳа/чорабинӣ номуайян боқӣ мемонад. **Маҳз нишон надодани муҳлати таъсирбахшӣ ва ё натиҷанокии дури (дурнамои) лоиҳа дар айни замон боиси бенатиҷа баҳогузорӣ шудани чорабиниҳои идеологӣ гардидааст.**

Аз ин рӯ, дилхоҳ натиҷа аз ду қисмат наздик (бевосита) ва дур (дурнамо) иборат мебошад. Дар бисёр мавридҳо барои ҷамъбаст намудани қисматҳои ташкилии лоиҳа натиҷаҳои наздики он ба инобат гирифта мешванд. Барои дастрасии натиҷаи дур бошад, натиҷанокии лоиҳа ва ё чорабинӣ баъди муҳлати муайян баҳогузорӣ карда мешавад, ҳамзамон барои тақвият бахшидани натиҷаҳо мақоми лоиҳа, аз ҷумла тамдид додани он муайян карда мешавад.

Дар умум лоиҳа, ҳамчун идея умри кӯтоҳ надорад ва барои расидан ба мақсади гузошташуда зарур мегардад, ки он дар якчанд қадам дастгирӣ ва татбиқ карда шавад.

**i) Натиҷаҳои наздик**

Натиҷаҳои наздик бо тартиби муайян оварда шуда, бо ба инобат гирифтани сутунҳои «натиҷа аз рӯи нишондиҳандаҳо» ва «натиҷа аз рӯи маҳсулнокӣ»-и банди е) ба нақша гирифта мешаванд. Тартиби навишти натиҷа одатан, дар замони гузашта оварда мешавад.

*МИСОЛ:*

*· гурӯҳи корӣ иборат аз 10 нафар таъсис дода шуд;*

*· як намуд варақаи иттилоотӣ ва ду намуд варақаи деворӣ таҳия карда шуд;*

*· 40 мулоқот баргузор карда шуд;*

*· 8000 ҷавонон оиди экстремизм маълумотнок гардиданд.*

*ва ғайра бо ҳамин тартиб...*

**ii) Натиҷаҳои дур-таъсирбахш**

Натиҷаҳои дур ва ё дурнамо бо тартиби муайян оварда шуда, бо ба инобат гирифтани сутуни «таъсирбахшӣ»-и банди е) ба нақша гирифта мешавад. Тартиби навишти натиҷа одатан, дар замони гузашта оварда мешавад.

Ҳамзамон, дар инҷо эзоҳ мебояд дод, ки масъалаи дурнамо дар кадом муҳлат ва дар кадом шакл ба даст меояд ва ё зарурати дар ин роҳ татбиқи лоиҳаҳои иловагӣ (тамдиди лоиҳа) мавҷуд аст ва ё не, муқаррар карда шавад.

*МИСОЛ:*

*· сатҳи маълумотнокии гуруҳҳои амалӣ оид ба масъалаҳои марбут ба экстремизм баланд гардид;*

*· рафтору кирдори ҷавонон тағйир ёфта, эҳсоси ватандӯстии онҳо баланд гардид;*

*ва ғайра бо ҳамин тартиб...*

**з) Буҷет**

Буҷет қисми таркибии чорабинӣ/лоиҳа буда (минбаъд “Буҷет”), нишондиҳандаҳои маблағгузории лоиҳаро дар таносубнокӣ ба хароҷоти дахлдор ва иҷрои вазифаҳо (дар алоҳидагӣ) муайян месозад. Яъне, дар Буҷет

хароҷоти ҳар як вазифа (ҷузъи чорабинӣ дар алоҳидагӣ нархгузорӣ мегардад, ба ғайр аз баъзан қисматҳои умумӣ.

Буҷет дар шакли нақша (замимаи 3) тартиб дода шуда, аз сутунҳои «тартиби рақамгузорӣ», «номгӯи хароҷот/амалҳо», «воҳид/воҳиди ченак», «воҳид/воҳиди вақт», «нархи як воҳид» ва «ҷамъи маблағи умумӣ», инчунин аз ин «ҷамъи маблағи дархостӣ», «саҳми ташкилот» ва «саҳми ташкилоти ҳамкор» иборат мебошад. Инчунин, Буҷет ба якчанд қисмҳо ҷудо мешавад, аз ҷумла «ҳайати идорӣ», «иҷрои вазифаҳо», «хароҷоти идорӣ», «андози иҷтимоӣ», «дигар хароҷот» ва «хизматрасонии бонкӣ».

«**Тартиби рақамгузорӣ»** дар сутуни аввали Буҷет бо рақам ва ҳарфҳои римӣ ва арабӣ оварда шуда, бандҳои Буҷетро рақамгузорӣ ва гуруҳбандӣ менамояд. Маҳз ҳамин рақамгузорӣ минбаъд дар пешбурди амалиёти молиявӣ ва ҳисоботии лоиҳа/чорабинӣ ҳамчун асос истифода мегардад.

Сутуни «**Номгӯи хароҷот»** рӯйхати вазифаҳо ва амалҳоро бо назардошти хусусияти маблағгузории онҳо ва ё пардохти хароҷоти онҳо фаро мегирад. Яъне, дар ин сутун танҳо амалҳое нишон дода мешаванд, ки агар маблағ талаб кунанд (минбаъд “Амал(ҳо)”).

**«Воҳид/воҳиди ченак»** сутунҳое мебошанд, ки андозаи амалҳоро аз рӯи теъдод, шумора (ченак) муайян месозанд.

**«Воҳид/воҳиди вақт»** сутунҳое мебошанд, ки андозаи амалҳоро аз рӯи вақт (соат, рӯз, моҳ ва сол) муайян месозанд.

**«Нархи як воҳид»** нархгузории амалҳои хароҷотиро аз рӯи воҳиди теъдод ва вақт муайян менамояд.

Сутуни «**Ҷамъи маблағи умумӣ»** қимати/арзиши умумии ҳар як амалро аз рӯи нархи воҳид, вақт ва теъдод муайян менамояд.

Сутуни «**Ҷамъи маблағи дархостӣ»** қимати/арзиши умумии ҳар як амалро аз рӯи нархи воҳид, вақт ва теъдод дар таносубнокӣ ба андозаи маблағи лозимгардида муайян менамояд.

Сутуни «**Саҳми ташкилот»** қимати/арзиши умумии ҳар як амалро аз рӯи нархи воҳид, вақт ва теъдод дар таносубнокӣ ба андозаи маблағи мавҷуда ва ё ҷудонамудаи ташкилоти иҷрокунанда (дархостдиҳанда) муайян менамояд.

Сутуни «**Саҳми ташкилоти ҳамкор»** қимати/арзиши умумии ҳар як амалро аз рӯи нархи воҳид, вақт ва теъдод дар таносубнокӣ ба андозаи маблағ ва ё ҳаҷми кӯмаки пешбининамудаи ташкилоти ҳамкор муайян менамояд.

То ин қадам тафсири сутунҳои Буҷет оварда шуданд, акнун қисматҳои Буҷет, ки хусусияти умумт дошта, одатан истифода мегарданд, таҳлил карда мешаванд .

Қисмати «**Ҳайати идоракунӣ»** қисмати аввалии Буҷет буда, рӯйхати воҳидҳоро бо дарназардошти уҳдадориҳои (амалҳои) марбути татбиқи лоиҳа/чорабинӣ фаро мегирад. Ҳайати идоракунӣ метавонад иборат бошад аз: ҳамоҳангсоз ва ё роҳбари (директори, сардори) лоиҳа, масъули молиявӣ (муҳосиб), мутахассис оид ба мониторинг ва баҳодиҳӣ ва ғайра, ки заминаи асосии кадрии лоиҳаро/чорабиниро ташкил медиҳанд.

Андозаи (ҳадди) ҳақи хизмати (поддошпулӣ ё маоши) ҳайати идоракунӣ озод буда, дар асоси талаботи бозори муносибатҳо, таҷриба ё собиқаи қаблӣ ва ҳаҷми кори лоиҳа/чорабинӣ бештар аз рӯи соатбай, рӯзбай ва ҳолатҳои кам

моҳона муқаррар карда мешавад.

Эзоҳ: *Дар шароити кишвар ҳолатҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки аз ин қисмат сӯиистифода карда мешавад. Фармоишгар ҳаҷми маблағи барои ҳайати идоракунӣ пешбинигардидаро кам ва ё онро ихтисор мекунад, мувофиқан сатҳ ва сифати чорабинӣ паст мегардад, зеро норасоии ва номувофиқатии иқтидори кадрӣ ба вуфуд меояд. Дар асл воҳиди корӣ барои лоиҳа/чорабинӣ хело муҳим буда, он бояд ба таври ҳатмӣ маблағгузорӣ карда шавад,—чӣ тавре ки сатри моҳонапулии Буҷети давлатӣ тағйирнопазир аст— он бояд мавриди тағйирот ва ихтисорот қарор дода нашавад.*

Дар бисёр ҳолатҳо дар қисмати ҳайати идорӣ ОМӮЗГОРон, мутахассисон, коршиносон ва машваратчиён низ дохил карда мешаванд, ки нодуруст аст. ОМӮЗГОРон ва машваратчӣён иҷрокунандагони вазифаҳои махсуси лоиҳа/чорабинӣ буда, асосан бояд дар қисмати «иҷрои вазифаҳо» оварда шаванд.

Қисмати «**Иҷрои вазифаҳо»** номгӯи вазифаҳоро тибқи банди в) ва ё е) дар алоҳидагӣ дар бар гирифта, дар он амалҳои муайянгардида ҳамчун зервазифа ва ё банди алоҳидаи Буҷет оварда мешаванд. Яъне, аввал иҷрои вазифаи 1 ва нархгузории амалҳои он, сипас иҷрои вазифаи 2 ва нархгузории амалҳои дахлдори он ва ғайра пай дар пай оварда мешавад.

«Иҷрои вазифаҳо» қисмати таркибии Буҷет буда, амалҳои асосии лоиҳа/чорабиниро фаро мегирад, мувофиқан барои тартиб додани он диққати махсус лозим мегардад.

Қисмати «**Хароҷоти идорӣ»** номгӯи хароҷоти ҷории дахлдори идориро, ки барои амалисозии лоиҳа/чорабинӣ лозим мегарданд, ба монанди маводи дафтардорӣ, хизмати интернет, телефон ва ғайра фаро мегирад. Хароҷоти идорӣ, инчунин ҳаққи хизмати бевоситаи ташкилоти иҷрокунандаро, ҳамчун «фонди захиравӣ» (ба мисли хизматрасонии бонкӣ, воҳидҳои кории ташкилот ва ғайра) метавонад фаро гирад, вале қисми муайяни маблағгузорон (сармоягузорон), бахусус дар риштаи иҷтимоӣ ва гуманитарӣ (ғайритиҷоратӣ, ғайрисохтмонӣ ва ғ.) ин қисматро дастгирӣ наменамоянд, гарчанде маҳз ҳамин қисмат яке аз заминаҳои устуворсозии молиявии ташкилотҳои иҷтимоӣ баромад менамояд. Мутаносибан дар шароити бозоргонии муносибатҳо ва бо мақсади таъмини самаранокии фаъолият (лоиҳа/чорабинӣ) зарур аст, ки ин қисмат ҳаматарафа дастгирӣ ва маблағгузорӣ карда шавад. Андозаи ин амал бошад, дар таҷриба аз 5% то 15% маблағи умумии лоиҳа/чорабинӣ муақаррар гардидааст, ки истифодаи он ба субъектҳои идоракунӣ тавсия карда мешавад.

Боиси зикр аст, ки дар баъзе ҳолатҳо маҳз ҳамин қисмат ҳамчун саҳми ташкилоти иҷрокунанда ва ё дархостдиҳанда оварда мешавад, чунки ин навъи хизматрасониҳо хусусияти доимӣ дошта, ташкилотҳо таъмини онҳоро одатан дар тули сол фармоиш медиҳанд.

Қисмати **«Андози иҷтимоӣ»** хусусияти ҳатмӣ дошта, вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 25% аз даромади(маош, ҳавасмандӣ/гонорар ва ғ.) шахси воқеӣ (асосан аз ҷониби ташкилот) пардохт карда мешавад. Андози иҷтимоӣ аз ҳисоби қисмати «Ҳайати идорӣ» ва бандҳои дахлдори қисмати «Иҷрои вазифаҳо» (ОМӮЗГОРон, машваратчӣён ва ғ.) бароварда (ҳисоб карда) мешавад.

Ҳолатҳое мавҷуданд, ки андози иҷтимоиро бо андоз аз даромад омехта месозанд, яъне фарқ гузошта наметавонанд. Дар асл пардохти андози иҷтимоӣ асосан масъулияти ташкилоти иҷрокунанда буда, ба шахси воқеӣ бевосита алоқамандӣ надорад, андоз аз даромад бошад, баръакс масъулияти шахси воқеӣ буда, метавонад аз ҷониби худи шахси воқеӣ ва ё аз ҷониби ташкилот (кордиҳанда) пардохт карда шавад (ниг. ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Қисмати **«Дигар хароҷот»** амалҳоеро фаро мегирад, ки дар қисматҳои дигари буҷет оварда нашуда бошанд.

Одатан дар ин қисмат нархгузории амалҳо оварда нашуда, он ба таври умумӣ нишон дода мешавад, ки мақсад аз ин усул ин ба инобат гирифтани хароҷоти ғайричашмдошт ва номуайян (ҳангоми банақшагирӣ) мебошад. Новобаста аз ин, зарур аст, ки тамоми амалҳои талабкунандаи хароҷоти молиявӣ мушаххас нишон дода шаванд, ба ҷуз қисмати хароҷоти идоракунӣ ва ғайричашмодошт, ки дар шакли умумӣ овардани онҳо низ ба салоҳияти ташкилоти маблағгузор/фармоишгар вобаста мебошад.

Қисмати **«Хизматрасонии бонкӣ»** амали ниҳоии Буҷет буда, одатан ба андозаи 0,3-2% аз маблағи умумии лоиҳа/чорабинӣ ҳамчун хизмати бонкӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

*МИСОЛИ Буҷети лоиҳа дар замимаи 3 оварда шудааст.*

**Қадами IV. МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲА/ЧОРАБИНӢ**

Амали навбатӣ ба анҷом расонидани расмиёти дахлдорро барои маблағгузории лоиҳа - ҷудо (ҷалб) намудани маблағи муайянгардида фаро мегирад, ки онро метавон ба се зина ҷудо намуд: 1) маблағгузории чорабинӣ дар доираи имконятҳои худӣ ва ё мавҷуда, 2) маблағгузории чорабинӣ аз ҳисоби ташкилоту фондҳои маблағгузор ва 3) маблағгузории чорабинӣ бо ҷалби доираи васеи ҳамкорон/саҳмгузорон.

**1) Маблағгузорӣ дар доираи имконоти худӣ/мавҷуда**

Дар ҷумҳурӣ гуруҳи муайяни ташкилоту муассисаҳо, аз ҷумла мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барномаҳо ва лоиҳаҳои гуногуни дарозмуҳлат ва миёнамуҳлатро амалӣ месозанд, ки онҳо аз ҳисоби Буҷети давлатӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва манбаҳои ғайрибуҷетӣ маблағгузорӣ мегарданд. Дар навбати худ, ин навъи барномаҳо дар давраи татбиқ аз рӯи вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои муайян ба даҳҳо ва садҳо лоиҳаҳои хурду калон тақсим карда мешаванд. Ин тақсимбандӣ ном мегирад "лоиҳаҳо ва ё чорабиниҳои барномаҳо".

Дар шароити кишварҳои пешрафта бошад, дар баробари мақомоти давлатӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ ҳамчун татбиқкунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ лоиҳаҳои калони миёнамуҳлатро аз ҳисоби Буҷети давлатӣ амалӣ менамоянд. Яъне, яке аз манбаҳои асосӣ ва муътамади маблағгузории лоиҳа/чорабинӣ ин барномаҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад.

**2) Маблағгузорӣ аз ҳисоби ташкилоту фондҳои маблағгузор**

Дар бисёр кишварҳо дар самти беҳдошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маърифатноксозии аҳолӣ ташкилоту фондҳои гуногуни ватанию байналмилалӣ таъсис дода мешаванд, ки фаъолияти худро дар асоси ҷалби маблағҳо ва амалӣ намудани лоиҳаҳои гуногун ба роҳ мемонанд. Маблағҳои ин фондҳо асосан аз

ҳисоби аъзоҳақии давлатҳо ва саҳми соҳибкорону сарватмандони алоҳида (ширкатҳои бузурги соҳибкорӣ ва ҳукуматҳои мамлакатҳои тараққидошта) ҷалб ва ҷамъоварӣ карда мешаванд. Манфиати маблағгузорон ё ин ки сармоягузорон ва сарпарастон дар навбати худ, аз хайрхоҳӣ ва амалӣ гардонидани (ва ё фармоиш додани) ҳадафҳои муайян иборат мебошад.

Фондҳои мазкур маблағи ҷамъовардаро тақсимбандӣ намуда, тариқи озмун ба дигар ташкилотҳои махсусгардонидашудаи ҷамъиятӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои муайян равона месозанд.

Аз инҷо бармеояд, ки манбаи дигари маблағгузорӣ ин тибқи тартиби муқarrаргардида иштирок намудан дар озмунҳо ва пешниҳоди лоиҳа/чорабинӣ дар шакли дархост мебошад.

Ҳамзамон, зарур аст, ки дар ин марҳила, яъне дарёфт намудани манбаъ (ғолиб омадан дар озмун) тамоми муносибатҳо тариқи баимзорасонии шартномаҳо ҳуқуқӣ кунонида шаванд.

**3) Маблағгузорӣ бо роҳи ҷалби ҳамкорон ҳамчун саҳмгузор**

Дар ин қисмат корҳои дар банди б) қадами 2 оғозгардида идома дода шуда, ҳамкориҳо, аз ҷумла муносибатҳо вобаста ба саҳмгузорӣ ва маблағгузории лоиҳа/чорабинӣ тариқи гуфтушунидҳо ва баимзорасонии шартномаҳо бо субъектҳои потенсиалӣ ҳуқуқӣ кунонида мешаванд. Субъектҳои потенсиалӣ гуруҳи ташкилоту муассисаҳо ва мақомоте мебошанд, ки имконияти фаррохи саҳм гузоштанро дар чорабинӣ аз ҳисоби иқтидорҳои мавҷуда доранд.

Дар боло нишон дода шуда буд, ки кадом гуруҳҳои ташкилотҳо метавонанд ҳамчун ҳамкори иҷтимоӣ интихоб гардида бошанд. Ба ибораи дигар саҳми ҳамкоронро дар баробари маблағгузорӣ, инчунин метавон ба сифати таъмини толор, дастгоҳи овозӣ, нақлиёт, маводи иттилоотӣ ва ғайра ҷалб намуд.

Боиси зикр аст, ки дар ҳар се ҳолат ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар якҷоягӣ метавон маблағгузории лоиҳа/чорабиниро таъмин намуд. Ҳамзамон, ҷалби (истифодаи) ҳар сеи манбаъ дар якҷоягӣ имкон медиҳад, ки лоиҳа ва ё чорабинӣ дар фурсати камтарин дастгирӣ ёбад.

*МИСОЛ:*

*Ҳар аввали сол ва ҳар семоҳа мақомоти дахлдори татбиққунандаи Барномаҳои давлатӣ вазифаҳои гуногунро тариқи озмун ва нақшаи фаъолият фармоиш медиҳанд. Аз ҷумла, мақомоти давлатии ваколатдори кор бо ҷавонон дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон ҳар аввали сол озмунҳо эълон намуда, барои амалисозии вазифаҳои муайян ташкилотҳои гуногуни кор бо ҷавонон, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятиро даъват месозад. Дар ин озмунҳо чӣ мақомоти махаллии кор бо ҷавонон ва чӣ ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон метавонанд баробар ширкат варзанд.*

*Ташкилоту фондҳои маблағгузор низ одатан ҳар аввали сол ва ҳангоми пайдо шудани зарурат дар давоми сол амалисозии вазифаҳои муайянро тавассути ташкилотҳои ҷамъиятӣ фармоиш медиҳанд. Барои дарёфт кардани ин навъи маълумотҳо метавон чунин амалҳоро ба анҷом расонид:*

*· Мунтазам рӯзномаҳо, шабакаҳои интернетӣ ва дигар ВАО-ро хабар гирифт;*

*· Бо намояндагиҳои ташкилоту фондҳои маблағгузор мунтазам тамос мебояд гирифт;*

*· Бо идеяҳои нав ва мувофиқ мебояд ба ташкилоту фондҳои маблағгузор*

*муроҷиат намуд, зеро мушкилоти маҳалро беҳтару хубтар ташкилотҳои маҳаллӣ дарк мекунанд.*

*Дар баробари ин, чӣ тавре дар фасли V оварда шудааст, метавон ҳар як лоиҳаро дар ҳамкорӣ бо ташкилоту муасисаҳои иқтидорнок амалӣ намуд. Бахусус мақомоти давлатии бахши идеологӣ дар ҳамкорӣ бо якдигар ва ҷалби имконот ва захираҳои фароҳамбуда метавонанд лоиҳаҳои зиёдеро бо харҷи маблағи кам амалӣ созанд. Ин амал усулҳои махсуси фаъолиятро талаб намекунад, ҳамагӣ мебояд якдигарро омӯхт ва бо назардошти манфиатҳои тарафҳо ҳамкории зич ва мувофиқашударо баро монд.*

**Қадами V. АМАЛИГАРДОНИИ ЛОИҲА/ЧОРАБИНӢ**

Чун қоидаи умумиқабулшуда амалигардонии ҳар як фаъолият пас аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани муносибатҳо (ҳамкориҳо) ибтидо меёбад. Ҷараёни татбиқи лоиҳа/чорабинӣ аз ду қисм давраи омодагӣ ва амалисозӣ иборат мебошад.

**1) Давраи омодагӣ**

Давраи омодагӣ дар навбати худ, ба се намуди амалиёти зерин ҷудо мешавад:

i) Омодасозии дастури иттилоотию амалӣ;

ii) Омӯзонидани гуруҳи ташкилӣ/корӣ;

iii) Ба анҷом расонидани корҳои ташкилӣ.

Дар марҳилаи омодагӣ, новобаста аз масъалаҳои камаҳамият пас аз ба имзо расонидани шартномаи ҳамкорӣ зарур аст, ки омодагӣ барои татбиқи лоиҳа ва ё чорабиниҳои муайяншуда дарҳол оғоз карда шавад.

i) **Омодасозии дастури иттилоотию амалӣ;**

Асоси фаъолияти пурсамари лоиҳа/чорабиниро иттилоот ва ё маълумотнокии гуруҳҳои ташкилӣ ва ё иҷрокунандагони амалӣ ташкил медиҳанд.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки татбиқи лоиҳа/чорабинӣ аз ҷамъоварӣ ва таҳияи маводи иттилоотию методӣ оғоз карда шавад. Барои ин, мебояд гуруҳи мутахассисонро ҷалб намуда, аз рӯи татбиқи ҳар як вазифаи муайянгардидаи лоиҳа/чорабинӣ, тарзу усулҳои мувофиқи амалигардонии вазифаҳо, нақшаи тақвимӣ, нақшаи мантиқӣ ва буҷети лоиҳа/чорабинӣ консепсия ва ё Дастури амалисозии лоиҳа/чорабиниро таҳия намуд.

Ҳамзамон, тавсия мегардад, ки дар Дастур тамоми маводи алоқаманди таҳлилию омӯзишӣ ва айёнӣ, маърӯзаҳо, шакли варқаҳои иттилоотӣ, саволномаҳо, пурсишномаҳо, шакли шартномаҳо ва ҳисоботҳо, сенарияҳо ва ғайра оварда шаванд, то ин ки ба гуруҳҳои ташкилӣ мушкилӣ пеш наояд.

Инчунин, зарур аст, ки Дастури иттилоотию амалӣ нусхабардорӣ гардида, ба гуруҳҳои ташкилӣ ва ҳамкорон (субъектҳои ҳамкор) дастрас карда шавад.

Дастур бояд фарогири маҷмӯи амалҳо буда, мавриди истифодаи доимии роҳбарияти лоиҳа/чорабинӣ ва гуруҳҳои ташкилӣ қарор дода шавад. Ҳамзамон, зарур аст, ки Дастур дар шакли китоб ва ё маҷалла бо дарназардошти ороиши хос ва нишон додани суроғаҳои робитаи мутақобила тартиб дода шавад.

*МИСОЛ:* Барои мисол шакли як Дастур то мундариҷаи он оварда мешавад ва барои идомаи кор аз рӯи он ба сифати намуна манбаи истифодаи яке аз

дастурҳои амалӣ манзур мегардад.

*Дастури иттилоотию амалӣ оид ба татбиқи Лоиҳаи пешгирии экстремизм дар байни ҷавонон.*

*МУНДАРИҶА:*

*· Пешгуфтор*
*· Асоснокии татбиқи лоиҳа*
*· Вазъияти мавчуда ва таъсирнокии лоиҳа ба он*
*· Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа*
*· Нақшаи тақвими амалҳо*
*· Нақшаи мантиқии амалҳо*
*· Натиҷаҳои ниҳоӣ*
*· Нақшаи мониторинг ва баҳодиҳӣ*
*· Барномаи (модули) омӯзиши гуруҳҳои амалӣ*
*· Маърӯзаҳо барои истифода ҳангоми баромадҳо*
*· Шакли варқа(ҳо)и иттилоотӣ*
*· Саволномаҳо ва пурсишномаҳо ҳангоми мониторинг ва баҳодиҳӣ*
*· Шакли шартномаҳо*
*· Шакли ҳисоботҳои хаттӣ ва молиявӣ*

Қадамҳои оянда кушодани ҳамин мундариҷа мебошад, ки барои он метавон барои истифода ҳамчун намуна ба суроғаи - http://miraliev.com/2014/09/24/дастури-амалӣ-оид-ба-баргузории-театр/ - назар кард.

**ii) Омӯзонидани гуруҳи ташкилӣ**

Пеш аз оғози фаъолият зарур аст, ки гуруҳи амалӣ бо ҷалби мутахассисон: ОМӮЗГОРон/омӯзгорон ва коршиносони соҳа аз рӯи талаботи лоиҳа/чорабинӣ омӯзонида шаванд.

Дар сурати зарурат надоштани омӯзиши амиқ тавассути ташкили тренинг ё давраи омӯзишӣ, яъне соҳибтаҷриба будани гуруҳи ташкилӣ баргузории семинар оид ба такмили дониш ва малакаи кории онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро ҳар як лоиҳа/чорабинӣ талаботи хоси худро дошта, аз амалисозон фаъолияти муносибро талаб менамояд.

Омӯзонидан ва маълумотнок сохтани гурӯҳи ташкилии лоиҳа/чорабинӣ хусусияти ҳатмӣ дошта, сифат ва самаранокии фаъолият ва масъулиятнокии ҳайати ташкилиро дар иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ таъмин месозад.

*МИСОЛ:*

*Омӯзиш (ташкили тренинг) барои гуруҳи маърӯзачӣён оид ба роҳу усулҳои баромад ва расонидани иттилоот ба гуруҳҳои мақсаднок.*

*Барои ин зарур аст, ки бо коршиносони соҳаи ҳуқуқ, кор бо ҷавонон ва психология ба сифати ОМӮЗГОР шартнома ба имзо расонида шавад. Албатта барои ҷалби ОМӮЗГОРон мебояд сараввал вазифаҳои техникии онҳоро дар сатҳи раёсати ташкилоти иҷро кунанда таҳия карда, бо ташкилоти маблағгузор ва дигар ҳамкорон мувофиқа намуд.*

*Сипас, гуруҳи маърӯзачӣёнро мебояд тариқи озмун ва ё суҳбат ҷалб ва интихоб намуд. Пеш аз ин талаботҳои заруриро, ба монанди таҷрибаи ровигӣ, малакаи суханварӣ, маълумотнокӣ оид ба экстремизм, сину соли ҷавон доштани*

*маърӯзачӣ ва ғайра метавон муайян ва эълон намуд.*

**iii)Ба анҷом расонидани корҳои ташкилӣ**

Ҳар як лоиҳа/чорабинӣ аз корҳои зиёди ташкилӣ иборат мебошад, ки қисме пеш аз оғози корҳои амалӣ ва қисми дигар дар ҷараёни фаъолият ба анҷом расонида мешаванд.

Пеш аз оғози лоиҳа зарур аст, ки корҳои зерини ташкилӣ ба анҷом расонида шаванд:

· омода ва ба имзо расонидани шартнома бо гурух(ҳо)и амалӣ;

· пардохти хароҷоти алоқаманди гурух(ҳо)и ташкилӣ, роҳкиро, сафарҳарҷии ва ғайра;

· дастрас гардонидани маводи дафтардорӣ, тарғиботӣ, овозӣ ва ғайра;

· ба анҷом расонидани расмиёти марбут ба ташкил ва баргузории амалҳо, вақти онҳо, макони баргузорӣ, иштирокчӣён ва ғайра.

Амалӣ намудани дигар корҳои ташкилию ҳуқуқие, ки барои амалисозии лоиҳа зарур мебошанд.

**2)Давраи амалисозӣ**

Дар давраи амалисозии лоиҳа/чорабинӣ фаъолият ба се қисм—ҳамоҳангсозии ҷараёни корҳо/хизматрасониҳо, иштироки ҳамкорон ё шарикон дар татбиқи амалҳо ва ҷалби ВАО—ҷудо мешавад.

**i) Ҳамоҳангсозии ҷараёни корҳо/хизматрасониҳо**

Қисмати мазкур хусусияти ҳалкунанда ва амалии ташкилӣ дошта, масъулияти зиёди гурӯҳҳои ташкилиро талаб менамояд.

Роҳбарияти бевоситаи лоиҳа/чорабиниро зарур мегардад, ки ҷараёни татбиқи амалҳоро аз рӯи нақша, вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои пешбинигардида ҳамоҳанг созад, зери назорат гирад ва иҷрои саривақтӣ ва сифатноки уҳдадориҳоро талаб намояд.

**ii)Ҷалби/иштироки ҳамкорон ё шарикон**

Амалҳоро метавон бе иштироки ҳамкорон ва ё шарикон низ анҷом дод, вале иштироки онҳо эътимоди ҳамкориро пурзур мегардонад ва зарур аст, ки ин нишондиҳанда таъмин карда шавад.

Даъвати ҳамкорон ё шарикон метавонад дар ҷараёни татбиқи амалҳои муайяни лоиҳа/чорабинӣ мумкин аст, ки ҳам шифоҳӣ ва ҳам расмӣ сурат гирад, аммо даъвати расмӣ ҷиддияти муносибат ва масъулиятшиносии шахсро инъикос мекунад, ки дар оянда барои ҳамкорӣ заминаи устуворро фароҳам меорад.

*МИСОЛ:* Шакли даъватнома ва ё мактуб

*Муҳтарам _______*

*Шуморо барои иштирок дар маросими кушодашавии семинари омӯзишӣ дар доираи Лоиҳаи «Пешгирии экстремизм дар байни ҷавонон», ки зимни ҳамкории Маркази «Мисол» ва ташкилоти «Ҳамкор» амалӣ гардида истодааст, даъват менамоем.*

*Семинар санаи 24.09.2015, соати 09:00 дар суроғаи Х баргузор мегардад.*

*Шахси тамос: __________*

**iii) Ҷалби/иштироки ВАО**

Дар шароити ҷомеаи муосир иштироки намояндагони ВАО, аз ҷумла телвизион ва рӯзномаҳо дар ҷараёни татбиқи чорабиниҳо хело муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин, ҳангоми амалӣ сохтани чорабиниҳои оммавӣ хуб мешавад, агар намояндагони ВАО ба ҳайси шарик ва ё ҳамкор ҷалб карда мешуданд.

Иштироки намоянагони ВАО-ро мебояд тариқи мактуб ба анҷом расонид, чунки пахши мавод масъулияти хосро талаб мекунад. Агар дар ВАО маълумоти нодуруст пахш гардад, пас дар асоси мактуби даъватӣ метавон манбаи пайдоиши онро дарёфт намуд ва ба ҷавобгарӣ кашид.

Зарур аст, ки ҷараёни баргузории амалҳои лоиҳа тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ таблиғ карда шаванд. Ҳатто, имрӯзҳо барои чорабинии нисбатан калонҳаҷм сомонаҳои махсуси интернетӣ таъсис дода мешаванд, ки он боиси дастгирӣ мебошад.

Айни замон дар шабакаи интернетӣ таъсиси бепули (ройгони) сомонаи интернетӣ имконпазир гардидааст ва яке аз онҳо www.wordpress.com мебошад, ки ҳар як шахс метавонад ба он ворид гардида саҳифаи интернетии дилхоҳро таъсис бидиҳад.

Ҳамчунин, барои ҳисоботи оянда мебояд ҳам аз намояндагони ВАО ва ҳам аз шабакаи интернетӣ нусхаҳои маводи пахшгардида ҷамъоварӣ карда шаванд.

*МИСОЛ:* мактуб барои ВАО

*Ба Муассисаи*
*телевизионии «ТВ1»*
*Маълум менамоем, ки санаи 24.09.2015, соати 09:00 маросими кушодашавии семинари омӯзишӣ дар доираи Лоиҳаи «Пешгирии экстремизм дар байни ҷавонон» амалӣ карда мешавад. Иштироки намояндаатонро хоҳиш менамоем.*
*Семинар дар суроғаи Х баргузор мегардад.*
*Шахси тамос:* __________

**Қадами 6. МОНИТОРИНГИ ЛОИҲА/ЧОРАБИНӢ**

Мониторинг талаботи ҷомеаи муосир дар татбиқ ва таъмини самаранокии ҳар як фаъолият буда, натиҷаи он мавриди корбарии доими қарор дода мешавад.

Мониторинг истилоҳи байналмилалӣ буда, маънои мушоҳида, назорат ва арзёбиро дорад.

Мақсади мониторинг асосан мушоҳида, назорат ва ҷамъоварии маълумот аз рӯи нишондиҳандаҳои муайян вобаста ба иҷрои ҳар як вазифаи чорабинӣ ва ё лоиҳа, мушкилоти пешомада, таваккалҳо, фаъолнокии иҷрокунандагон, сатҳи иштироки гуруҳҳои мақсаднок, иҷрои уҳдадориҳои ҳамкорон ва шарикон, амалисозии саривақтии амалҳо, назари гуруҳҳои мақсаднок, сатҳи иштирок ва назари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи маҳал ва ғайра мебошад.

Бинобар ин, дар роҳи татбиқи лоиҳа/чорабинӣ ва таъмини самаранокӣ ва таъсирбахшии он мониторинг қисмати муҳими фаъолиятро ташкил медиҳад.

Барои ташкили мониторинги босифати лоиҳа/чорабинӣ зарур аст, ки чунин қадамҳо ба анҷом расонида шавад:

1. Ташкили гурӯҳи мустақилӣ мониторингӣ (ҷудо аз гурӯҳи ташкилии лоиҳа/чорабинӣ);

2. Муайян намудани роҳу усулҳои мониторингӣ (пурсиш, суҳбат, мунозира ва ғайра);

3. Ҷалби мутахассисон ва таҳияи нишондиҳандаҳои марбут ба мониторинги лоиҳа/чорабинӣ;

4. Таҳияи саволномаҳо ва пурсишномаҳои алоқаманд ба шакли мониторинг (ҷараёни чорабинӣ, баъд аз анҷоми чорабинӣ ва таъсирбахшии чорабинӣ);

5. Таҳияи нақшаи мониторинги лоиҳа/чорабинӣ дар асоси банди е) Қадами 3.

1) Барои таъмин намудани самаранокии фаъолият мониторингро мебояд дар се қисматҳо: 1) мониторинги ҷараёни чорабинӣ, 2) баъд аз чорабинӣ ва 3) аз рӯи таъсирбахшии чорабинӣ амалӣ гардонид.

**1) Мониторинги ҷараёни чорабинӣ/лоиҳа**

Мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳа асосан аз рӯи нақшаи тақвимӣ ташкил карда мешавад. Аз ин рӯ, мавриди гузаронидани мониторинг зарур аст, ки бандҳои д) ва е) Қадами 3 ба асос гирифта шавад.

Мониторинги чорабинӣ асосан бе огоҳонидани қаблӣ ташкил карда мешавад, вале бо мақсади пайдо кардани маълумоти дахлдор зарур мегардад, ки сатҳи иҷрои саривақтии нақшаи тақвимии лоиҳа пурсида шавад.

Мониторинги ҷараёни чорабинӣ аз рӯи усулҳои қаблан муайянгардида бо ҷалби гурӯҳҳои мақсаднок, иштирокчӣён ва ҳамкорон баргузор карда мешавад.

*МИСОЛ:*

*Мониторинги ҷараёни семинар, ки дар ноҳияи X оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши ҷавонон дар самти пешгирии экстремизм гузаронида шуда истодааст.*

***Усули мониторинг**: назорат ва пурсиши иштирокчӣён*

***Критерияҳои (саволҳои) пурсиш**: Аз кадом рӯз дар семинар иштирок доред? Аз кадом ташкилот мебошед ва чӣ вазифа доред? Кадом мавзуҳоро омӯхтед? Қисмати ташкилии семинарро чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? Баъд аз семинар дониши гирифтаатонро чӣ гуна истифода менамоед?*

***Масъули мониторинг**: Гурӯҳи мониторингӣ иборат аз 2 нафар:*

***Муҳлати баргузори**: 24.09.2015*

***Муҳлати ҷамъбаст**: то 04.10.2015*

***Критерияиҳо ва натиҷа**: ҷамъоварии маълумот оид ба ҷараёни семинар ва пешниҳоди он барои баҳогузорӣ*

**2) Мониторинг баъд аз анҷоми чорабинӣ/лоиҳа**

Мониторинги хотимавӣ тибқи усулҳои қаблан муайянгардида ва аз рӯи нақшаи мантиқии лоиҳа (банди е) Қадами 3) гузаронида мешавад.

Мониторинги намуди мазкур бо мақсади муайян кардани самаранокии лоиҳа/чорабинӣ дар байни гурӯҳҳои мақсаднок ва иштирокчиёни лоиҳа дар муҳлати начандон дур аз вақти хотимаи лоиҳа баргузор карда мешавад.

*МИСОЛ:*

*Мониторинги натиҷанокии семинар, ки дар ноҳияи X оид ба баланд*

*бардоштани сатҳи дониши ҷавонон дар самти пешгирии экстремизм гузаронида шудааст.*

***Усули мониторинг**: пурсиши иштирокдоштагон*

***Критерияҳои (саволҳои) пурсиш**: Аз кадом рӯз дар семинар иштирок кардед? Кадом мавзуҳоро омӯхтед?; Мавзуҳои омӯхтаро чӣ гуна истифода карда истодаед?; Дар байни кадом гуруҳхои ҷавонон ва дар кучо мавзуҳои дар семинар омӯхтаро талқин додед (паҳн кардед)? Кадом дастовардҳоро аз натиҷаи семинар ноил гардидед?; Ба кадом навъи маълумотҳои марбут ба экстремизм ниёз доред?.*

***Масъули мониторинг**: Гуруҳи мониторинги иборат аз 2 нафар:*

***Муҳлати баргузорӣ**: 14.10.2015*

***Муҳлати ҷамъбаст**: то 24.10.2015*

***Критерияиҳо ва натиҷа**: ҷамъоварии маълумот оид ба натиҷаи амалии семинар, муайян намудани сатҳи маълумотнокии иштирокдоштагони семинар ва сатҳи ниёзмандии онҳо ба маълумоти дахлдор.*

**3) Мониторинги таъсирбахшии чорабинӣ/лоиҳа**

Мониторинг аз натиҷаи таъсирбахшии лоиҳа/чорабинӣ тибқи усулҳои қаблан муайянгардида ва аз рӯи нақшаи мантиқии лоиҳа (банди е) Қадами 3) гузаронида мешавад.

Мониторинги мазкур бо мақсади муайян кардани таъсирбахшии чорабинӣ дар байни гуруҳҳои мақсаднок ва иштирокчӣёни лоиҳа дар муҳлати сипарӣ гаршатани сол(ҳо) аз вақти хотимаи он баргузор карда мешавад.

Теъдоди сафарҳои мониторингӣ аз муҳлати татбиқ ва ҳаҷми лоиҳа вобастагӣ дорад, вале зарур аст, ки ҷараёни ҳар як амалӣ лоиҳа/чорабинӣ мониторинг гузаронида шавад.

*МИСОЛ:*

*Мониторинги натиҷанокии семинар, ки дар ноҳияи X оид ба баланд гардидани сатҳи маълумотнокии ҷавонон ва таъсири он ба тағйир ёфтани рафтори гуруҳи муайяни ҷавонон дар самти пешгирии экстремизм гузаронида шудааст.*

***Усули мониторинг**: пурсиши гуруҳи мақсаднок*

***Критерияҳои (саволҳои) пурсиш**: Кай ва аз куҷо (аз кӣ) вақтҳои охир оид ба масъалаҳои экстремизм маълумот гирифтед?; Оид ба шомил шудани ҷавонон ба гуруҳхои экстремисти чӣ фикр доред?; Мақсаду мароми гуруҳҳои экстремисти аз чӣ иборат мебошад?; Ба кадом навъи маълумотҳои марбут ба экстремизм ниёз доред?.*

***Масъули мониторинг**: Гуруҳи мониторингӣ иборат аз 2 нафар*

***Муҳлати баргузори**: январ-сентябри 2016*

***Муҳлати ҷамъбаст**: 10 рӯз пас аз баргузорӣ*

***Критерияиҳо ва натиҷа**: ҷамъоварии маълумот оид ба таъсирбахшии семинар, сатҳи маълумотнокии гуруҳхои мақсаднок ва муносибати онҳо ба экстремизм, муайян намудани сатҳи ниёзмандии гуруҳҳои мақсаднок ба маълумоти дахлдор.*

**Қадами 7. БАҲОГУЗОРИИ ЛОИҲА/ЧОРАБИНӢ**

Баҳогузорӣ барои чорабиниҳои идеологӣ қадами муҳим буда, он бо

мақсади муайян намудани самаранокӣ ва таъсирбахшии лоиҳа/чорабинӣ дар таносубнокӣ ба натиҷаҳои бадастовардашуда амалӣ гардонида мешавад.

Аз ҷумла, таносубнокии зерин баҳогузорӣ карда мешавад:

Þ Таъсирбахшии лоиҳа/чорабинӣ нисбат ба вазъиятӣ қаблӣ ва баъдӣ;

Þ Натиҷанокии лоиҳа/чорабинӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои муайянгардида (аз рӯи нақшаи мантиқӣ);

Þ Самранокии амалҳои (вазифаҳои) лоиҳа/чорабинӣ (аз рӯи нақшаи тақвимӣ);

Þ Самранокии маблағгузории лоиҳа (аз рӯи буҷети лоиҳа);

Баҳодиҳӣ дар асоси муқоисаи маълумоти дар таҳлили вазъияти лоиҳа (банди б) Қадами 3) ва натиҷаҳои мониторингӣ (Қадами 6) овардашуда ба роҳ монда мешавад.

Дар натиҷаи баҳодиҳӣ сатҳи таъсирбахшии лоиҳа, ки нишондиҳандаи муҳими татбиқи лоиҳа/чорабинӣ мебошад, дар таносубнокӣ ба вазъиятӣ қаблӣ ва вазъияти баъдӣ (пеш аз лоиҳа ва пас аз табиқи лоиҳа) муайян мегардад, ки он (баҳодиҳии таъсирбахшӣ) пас аз сипарӣ гаштани сол(ҳо) аз амалиёбии лоиҳа амалӣ гардонида мешавад.

Баҳогузории натиҷанокии лоиҳа бошад, аз рӯи нақшаи мантиқии лоиҳа (банди е) Қадами 3) ва натиҷаҳои мониторингӣ (Қадами 6) баргузор карда мешавад.

Баҳогузории самранокии чорабиниҳои лоиҳа аз рӯи нақшаи тақвимии лоиҳа (банди д) Қадами 3) ва натиҷаҳои мониторингӣ (Қадами 6) баргузор карда мешавад.

Баҳогузории самранокии маблағгузории лоиҳа аз рӯи буҷети лоиҳа (банди з) Қадами 3) ва натиҷаҳои мониторингӣ (Қадами 6) баргузор карда мешавад.

Барои баҳогузории лоиҳа/чорабинӣ ҷадвали масъалаҳо тартиб дода шуда, нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда қадам ба қадам ва аз рӯи аҳамиятнокӣ татбиқ, риоя ва ё дастёбии онҳо муқоиса карда мешаванд.

*МИСОЛИ Ҷадвали баҳогузории лоиҳа/чорабинӣ дар <u>замимаи 4</u> нишон дода шудааст.*

**а) Таҳияи гузориш**

Дар натиҷаи баҳодиҳӣ бо фарогирии тамоми масъалаҳо ва нишондиҳандаҳои лоиҳа/чорабинӣ дар ду банд (аз рӯи натиҷаҳои наздик ва дурнамо) гузориши муфассал таҳия карда мешавад.

**б) Баррасии гузориш**

Бо мақсади таҳким бахшидани маълумотҳо лоиҳаи гузориши омодагардида бо ҷалби субъектҳои/иҷрокунандагони лоиҳа, инчунин гурӯҳҳои амалӣ тариқи баргузории мизи мудаввар дар ду давр (аз рӯи натиҷаҳои наздик ва дурнамо) баррасӣ карда мешавад.

**в) Чоп ва паҳн намудани гузориш**

Дар натиҷаи мизҳои мудаввар гузориши татбиқи лоиҳа/чорабинӣ дар ду давр (аз рӯи натиҷаҳои наздик ва дурнамо) чоп ва байни субъектҳо паҳн карда мешавад. Ин бо мақсаде амалӣ карда мешавад, ки ҷомеа аз мавҷудият, натиҷанокӣ ва самарабхшии лоиҳа/чорабинӣ бархурдор (маълумотнок) гардад.

***Қадами 8. ҲИСОБОТ***

Барои дилхоҳ фаъолият давраи ниҳоӣ ин супоридани ҳисоботҳо мебошад, ки хусусияти дутарафа дошта, аз рӯи уҳдадориҳои шартномавӣ ба анҷом расонида мешавад.

Чӣ тавре маълум гардид, фаъолияти лоиҳа бояд камаш аз се банди мустақим иборат бошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки вобаста ба ҳар як банд дар алоҳидагӣ ҳисоботи алоқаманд омода карда шавад.

Дар амал ҳисобот дилхоҳ лоиҳа дар се шакл 1) ташкилӣ-натиҷавӣ, 2) мониторингӣ ва 3) молиявӣ ба роҳ монда мешавад.

**1) Ҳисоботи ташкилӣ-натиҷавӣ**

Одатан ҳисоботи чорабинӣ аз рӯи иҷрои нақшаи тақвимӣ, инчунин нақшаи мантиқӣ ва натиҷаҳо (бандҳои д), е) ва ж) Қадами 3) нисбат ба ҳар як чорабинӣ ва бо дарназардошти нишондиҳандаҳои хоси он, аз ҷумла вақти баргузорӣ, фарогирӣ, иштироки ҳамкорон, ВАО, таваккалҳо, роҳҳои бартарафсозии таваккалҳо, воситаҳои айёнӣ ва ғайра таҳия ва дар шакли умумӣ (дастовардхои лоиҳа) ба ташкилоти маблағгузор пешниҳод карда мешавад.

Ҳамзамон, ҳолатҳое мавҷуданд, ки ҳисобот тибқи шакли ҳисоботии қаблан аз ҷониби ташкилоти маблағгузор омодагардида, таҳия мегардад.

*МИСОЛ: маълумот оид ба*:

*· амалҳои банақшагирифташуда ва иҷро и онҳо аз рӯи вақт;*
*· иштироки ҳамкорон дар татбиқи лоиҳа ва андозаи саҳми онҳо;*
*· иҷрои нишондиҳандаҳои асосии лоиҳа;*
*· таъсирбахшии лоиҳа;*
*· иҷрои натиҷаҳои банақшагирифташуда;*
*ва ғайра бо ҳамин тартиб...*

**2) Ҳисоботи мониторингӣ**

Ҳисобот аз рӯи мониторинг мувофиқи банди мониторинги лоиҳа (қадами 6) аз рӯи нишондиҳандаҳои қаблан омодагардида ва нақшаи мониторингӣ омода мегардад.

Ҳисоботи мониторингӣ ҳамзамон натиҷаҳои баҳодиҳиро фаро мегирад, яъне он асосан хусусияти таҳлилӣ, хулосавӣ ва тавсиявӣ дошта, маълумотҳои он метавонад ба маълумоти дар ҳисоботи умумӣ овардашуда мувофиқат накунад. Шакли ҳисоботи мониторингӣ озод мебошад, агар ташкилоти маблағгузор шакли хосеро муқаррар насохта бошад.

*МИСОЛ:*

*Ҳисобот аз рӯи мониторинг ва баҳодиҳӣ метавонад ҷанбаҳои зеринро фаро гирад:*

*· маълумот оид ба усулҳои истифодашуда;*
*· маълумоти муқоисавӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои лоиҳа;*
*· маълумоти таҳлилӣ оид ба сатҳу сифати амалҳои баанҷомрасонидаи лоиҳа;*
*· тавсияҳо барои ташкилоти иҷрокунанда ва ташкилоти маблағгузор;*
*ва ғайра бо ҳамин тартиб...*

**3) Ҳисоботи молиявӣ**

Одатан ҳисоботи молиявӣ тибқи шакл ва талаботи ҳисоботии қаблан аз ҷониби ташкилоти маблағгузор омодагардида, таҳия мегардад.

Вале дар ҳолати мавҷуд набудани чунин шакл ва талабот ҳисоботи молиявӣ аз рӯи буҷети лоиҳа (банди з) қадами 3) бо дарназардошти талаботи умумиқабулшуда омода гардида, нусхаи он ба ташкилоти маблағгузор пешниҳод карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки баъди қабули ҳисоботи молиявӣ, онро мебояд то 5 сол нигоҳ дошт, зеро масъулияти иҷрокунанда дар назди фармоишгар аз рӯи ин масъала то муҳлати муайян боқӣ мемонад.

*МИСОЛИ Ҷадвали амалиёти молиявӣ дар замимаи 5 оварда шудааст.*

***Қадами 9.*** **НИГАҲДОРИИ ЛОИҲА/ЧОРАБИНӢ**

**1) Муҳлати омодагӣ**

Лоиҳа ва маводҳои он асосан хусусияти доимоистифодашавандагӣ дорад. Гузашта аз ин, яке аз натиҷаҳои лоиҳа, ки таъсирбахшӣ ном дорад, бо гузаштани вақти муайян (сол(ҳо) мавриди баҳогузорӣ қарор дода мешавад. Ҳамчунин, тибқи тартиби муқарраргардида ҳисоботи молиявӣ бояд то 5 сол нигоҳ дошта шавад.

Яъне, якчанд ухдадориҳое мавҷуд мебошанд, ки нигаҳдории маводҳои лоиҳаро тақозо менамояд.

Новобаста аз ин, барои фаъолияти оянда мунтазам пайдо намудани маълумотҳои гуногун зарур мегардад, ки маводҳои лоиҳа захирашудаи метавонад дар бисёр ҳолатҳо ин талаботро қонеъ гардонад.

Барои табодули таҷриба, муаррифии иқтидорнокӣ ва ҷалби ҳамкорон бошад, амалҳои беҳтаринро аз натиҷаи фаъолият мебояд ба таври доимӣ нигоҳ дошт.

Ҳамин тариқ, нигоҳ доштани маводҳои лоиҳа дар ҷои муносиб ва дар шакли пурра ба мақсад мувофиқ мебошад.

**2) Талаботи нигаҳдорӣ**

Нигаҳдории мавод якчанд талабот дорад, аз ҷумла нигоҳ доштани: маводи электронӣ дар корти хотира ва сейф; ҳисоботи молиявӣ дар сейф (агар зиёд бошад, пас дар архив); дигар маводҳо дар архив.

Дар навбати худ архив бояд аз таъсири беруна бехатар нигоҳ дошта шавад.

Масъулияти нигаҳдории маводи (мол, ҳуҷҷатҳо ва санадҳои) лоиҳавӣ/чорабинӣ, аз ҷумла тарз ва муҳлати нигаҳдорӣ тибқи шартнома ва ё созишномаи ҳамкорӣ муқаррар карда мешавад.

***ХУЛОСА***

***Чӣ тавре маълум гардид, баргузории дилхоҳ лоиҳа/чорабинӣ, бахусус чорабинии хусусияти идеологӣ дошта на 1-2 қадам, балки камаш 9 қадами фаъолиятро (амалҳоро) бо дарназардошти қисмҳо ва ҷанбаҳои гуногун дар бар мегирад. Инчунин, вақти/муҳлати амалисозии лоиҳа ва ё чорабинӣ 3-4 рӯз ва ё 1-2 ҳафта набуда, камаш 2 моҳро (ниг. ба Сохти Модел) фаро мегирад.***

***Аммо айни замон ин талаботҳо, ки таъминкунандаи сифат ва самаранокии чорабинӣ баҳогузорӣ мегардад ва дар арсаи байналмилалӣ пазируфта шудаанд, аз ҷониби аксарияти мақомоти дахлдори идоракунанда ва масъул иҷро намегарданд ва аҳамиятнокии онҳо ба пуррагӣ аз худ карда нашудаанд. Яъне, сабаби асосии камсифат амалӣ шудани чорабиниҳо ва ба ин***

***васила таъсирбахш набудани онҳо, ин ба таври зарурӣ иҷро нагардидани талабот ва ё низоми муқаррарӣ аз ҷониби ҳам фармоишдиҳандагон ва ҳам иҷрокунандагон мебошад. Маҳз ҳамин муносибат (вазъият) сабаби он гардид, ки маводи мазкур рӯи кор оварда шавад.***

***Модели дар боло овардашудаи амалисозии дилхоҳ лоиҳа ва ё чорабинӣ, ки 9 қадами фаъолиятро фаро гирифтааст, яке аз қисмҳои асосии амалию ташкилии низоми чорабини(ҳо)и идеологӣ буда, барои истифодаи васеъ ба субъектҳои идеологӣ, бахусус мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тавсия карда мешавад.***

***Боиси зикр аст, ки дар фасли VI Модели чорабини(ҳо)и идеологӣ муфассал оварда шуда, шакли мухтассари он дар замимаи 6 «Сохти Модели чорабини(ҳо)и идеологӣ» барои истифодаи васеъ манзур мегардад.***

/

ЗАМИМАИ 1.

Намунаи Нақшаи тақвимӣ

| № | Номгӯи амалҳо | Муҳлат | Иҷрокун-андагон | Мусоидат-кунандагон | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| *1.* | *Ташкили гуруҳи татбиқи лоиҳа/чорабинӣ ва гуруҳи мониторингӣ* | *1 ҳафта* | *Маркази «Намуна»* | *ВАО ва ташкилотҳои собиқадор* | |
| *2.* | *Таъсиси гуруҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳаҳои дахлдор ва таҳияи маводи иттилоотии марбут ба пешгирии экстремизм дар байни ҷавонон* | *2 ҳафта* | *Маркази «Намуна»* | *Сохторҳои идеологӣ ва ҳуқуқ* | |
| *3.* | *Ба имзо расонидани созишнома бо ҳамкорон вобаста ба татбиқи вазифаҳои лоиҳа/чорабинӣ* | *1 моҳ* | *Маркази «Намуна», Ф-ли Маркази «Намуна» дар ноҳияи Х* | *Сохторҳои маориф, ҷавонон ва телевизион* | |
| | *ва ғайра бо ҳамин тартиб...* | | | | |

ЗАМИМАИ 6.

## СОХТИ МОДЕЛИ ТАШКИЛИ ЧОРАБИНӢ/ЛОИҲА




ҚАДАМИ 3.
Таҳияи лоиҳа
а). Нишонӣ
0,1– 0,5 рӯз
б). Асоснокӣ ва таҳлили вазъият
0,2 – 0,5 рӯз
в). Мақсад ва вазифаҳо
0,2 – 0,5 рӯз
г). Роҳу усулҳои татбиқи вазифаҳо
0,5 - 1 рӯз
д). Нақшаи тақвимӣ
1 - 2 рӯз
е). Нақшаи мантиқӣ
1 - 2 рӯз
ж). Натиҷаҳои ниҳоӣ:
i. Наздик
ii. Дурнамо
0,2 – 0,5 рӯз
з) Буҷет
0,5 – 1 рӯз


ҚАДАМИ 4.
Маблағгузории лоиҳа
а). Дар доираи имконоти худӣ
2 – 4 рӯз
б). Аз ҳисоби ташкилотҳои маблағгузор
15 – 60 рӯз
в). Ҷалби ҳамкорон барои саҳмгузорӣ
6 – 15 рӯз
ҚАДАМИ 5.
Амалигардонии лоиҳа
а). Омодагӣ
i. Омодасозии дастури иттилоотию амалӣ
3 – 6 рӯз
ii. Омӯзонидани гурӯҳи корӣ
1 – 10 рӯз
iii. Ба анҷом расонидани корҳои ташкилӣ
3 – 10 рӯз
б). Баргузории чорабинӣ
(3-250 рӯз)
i. Ҷалби /иштироки ҳамкорон
2 – 4 рӯз
ii. Ҷалби /иштироки ВАО
1 – 2 рӯз

**ҚАДАМИ 6. Мониторинги лоиҳа:**

- а). Ҳангоми /ҷараёни чорабинӣ; — *2 – 4 рӯз*
- б). Баъд аз анҷоми чорабинӣ; — *1 – 4 рӯз*
- в). Таъсир-бахшии чорабинӣ. — *2 – 7 рӯз*

**ҚАДАМИ 7. Баҳодиҳӣ**

- а). Таҳияи гузориш — *2 – 5 рӯз*
- б). Баррасии гузориш — *2 – 4 рӯз*
- в). Чоп ва паҳн намудани гузориш — *4 – 6 рӯз*

**ҚАДАМИ 8. Ҳисобот:**

- а). Аз рӯи чорабинӣ; — *2 – 5 рӯз*
- б). Аз рӯи мониторинг; — *2 – 4 рӯз*
- в). Аз рӯи амалиёти молиявӣ. — *4 – 7 рӯз*

**ҚАДАМИ 9.** Нигаҳдории лоиҳа

- а). Омодасозии ҳуҷҷатҳо — *1 – 3 рӯз*
- б).Талаботи нигаҳдорӣ — *1 – 2 рӯз*

**ҲАМАГӢ (давраи татбиқи лоиҳа)**

- аз 77 то 440 рӯз
- аз 2,6 то 17 моҳ

*<u>ЭЗОҲ</u>: бо назардошти он ки баъзе аз қадамҳо дар як замон татбиқ мегарданд, муддати амалисозии як лоиҳаи идеологии босифатро метавон аз 2 то 11 моҳ баҳогузорӣ намуд, вале мебояд донист, ки вақти аслии лоиҳа аз хусусиятҳои техникӣ ва амалии он вобастагӣ дорад.*

Ҷадвали (1)

**МАНБАҲОИ ИМКОНПАЗИРИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲОИ ИДЕОЛОГӢ**

| № | Номгӯи манбаъ | Субъект-ҳамоҳангсоз | Субъект-иҷрокунанда | Саҳм-иштирок | Вақт ва тарзи татбиқ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон [2] | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон | Оғоз аз соли 2005 татбиқ мегардад, 5 адад, маблағи солонаи 50 ҳазор сомонӣ | Озмун, ҳар аввали сол |
| 2. | Грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои занони соҳибкор [5] | Кумитаи кор бо занон ва оила | Ташкилотҳои соҳибкории занон | Аз ҳисоби даромадҳо | Аз ҳисоби даромад ҳо |
| 3. | Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [3, с. 12] | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | Сохторҳои кор бо ҷавонон, марказҳои ҷавонон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҷавон, оилаҳои ҷавон | Оғоз аз соли 1999 ҳар се сол қабул мегардад. Соли ҷорӣ (2015) маблағи он 2,5 млн. сомонӣ мебошад | Мунтаза м, ҳар семоҳа |
| 4. | Чорабиниҳои ҷорӣ/даврӣ (озмунҳо, давраҳои омӯзишӣ, мулоқотҳо, вохӯриҳо, барномаҳои театрӣ, телевизионӣ ва ғайра) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | Сохторҳои кор бо ҷавонон, марказҳои ҷавонон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҷавон, оилаҳои ҷавон | Оғоз аз соли 1999 ҳар се сол қабул мегардад. Соли ҷорӣ (2015) маблағи он 2,5 млн. сомонӣ мебошад | Мунтаза м, ҳар семоҳа |
| 5. | Фармоиши иҷтимоии давлатӣ ва ё грантҳо барои такшилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | Такшилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон | 300-500 ҳазор сомонӣ, 15-20% маблағи Барнома | Озмун, ҳар аввали сол |
| 6. | Барномаҳои маҳаллии ҷавонон ва ё барномаҳои маҳаллии рушди | Мақмомоти маҳаллии кор бо ҷавонон – сохторҳои | Сохторҳои кор бо ҷавонон, марказҳои ҷавонон, иттиҳодияҳои | Оғоз аз соли 1999 - ҳар се сол. Соли 2014 маблағи онҳо | Мунтаза м |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | иҷтимоии ҷавонон [4, с. 1] | ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | ҷамъиятӣ, шахсони ҷавон, оилаҳои ҷавон | ҳамагӣ (дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо) 3,3 млн. сомонӣ. | |
| 7. | Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | Ҷомеаи шаҳрвандӣ, Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонон, Вазорати адлия | Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҷавон, занон, оилаҳои ҷавон | 2600 адад мебошанд. Дар доираи ҳамкорӣ (дар шакли дастгирии ҳуқуқӣ, грантӣ ва моддӣ) метавон аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон маблағи зиёд ҷалб намуд | |
| 8. | Ташкилотҳои соҳибкорӣ | Доираи соҳибкорон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Ташкилотҳои соҳибкорӣ, соҳибкорон, сохторҳои идеологӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҷавон | Ҳамасола теъдод ва имконоти молиявии соҳибкорон зиёд гашта истодааст (ба соли 2014 - 145 ҳазор наф.) [7]. Ҳамкории зич, аз ҷумла омӯзонидани онҳо аз рӯи имтиёзҳои андозбандии марбут ба фаъолияти эҳсонкорӣ метавонад саҳми маблағии зиёди онҳоро бирасонад | |
| 9. | Мактабҳои олӣ | Вазорати маориф, вазорату идораҳои соҳавӣ | Донишгоҳу донишкадаҳо, бахшҳои кор бо ҷавонон ва занон, донишҷӯён, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, намояндагиҳои ИҶТ | Мактабҳои олӣ имкон доранд, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ (шартномавӣ) татбиқи барномаҳои донишгоҳии ҷавононро (идеологиро) бо фарогирии донишҷӯён ва ҷавонони маҳали ҷойгиршавӣ ба роҳ монанд, инчунин толорҳо ва дигар имкониятҳои техникии худро ба таври ройгон пешкаш намоянд | |
| 10. | Шаббакаҳои телевизион ва радио | Кумитаи телевизион ва радио, ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорон | Шаббакаҳои телевизион ва радио, сохторҳои идеологӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, занон | Шаббакаҳои радио ва телевизионӣ имкон доранд, ки аз ҳисоби даромадҳо аз фаъолияти тиҷоратӣ амалисозии барномаҳо ва чорабиниҳои махсуси иҷтимоӣ-идеологиро дастгирӣ намоянд | |
| 11. | Ҳафтаномаҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои даврӣ | Вазорати фарҳанг, вазорату идораҳои дахлдор, ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорон | Ҳафтаномаҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои даврӣ, сохторҳои идеологӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, занон | Ҳафтаномаҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои даврӣ имкон доранд, ки аз ҳисоби даромадҳо аз фаъолияти тиҷоратӣ амалисозии рубрикаҳо ва чорабиниҳои махсуси тарғиботии идеологиро дастгирӣ намоянд | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 12. | Академияи илмҳо ва институтҳои илмию тадкиқотӣ | Академияи илмҳо ва вазорату идораҳои соҳавӣ | Академияи илмҳо, вазорату идораҳои соҳавӣ, олимон, коршиносон, сохторҳои идеологӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, занон | Академияи илмҳо ва институтҳои илмию тадкиқотӣ имкон доранд, ки олимони соҳа ва коршиносонро ба сифати ихтиёрӣ барои баргузории чорабиниҳои гуногуни идеологӣ сафарбар созанд |
| 13. | Мақомоти давлатии оид ба корҳои дин | Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, сохторҳои диннӣ | Сохторҳои динӣ, ходимони дин, сохторҳои идеологӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, занон | Мақомоти давлатии оид ба корҳои дин ва сохторҳои динӣ имкон доранд, ки ходимони динӣ ва диншиносонро ба сифати ихтиёрӣ барои баргузории чорабиниҳои гуногуни идеологӣ-тарбиявӣ сафарбар созанд |
| 14. | Мактабҳо, омӯзишгоҳҳо, коллеҷҳо, литсейҳо | Вазорати маориф ва илм | Субъектҳои (ташкилоту муассисаҳои) соҳаи маориф, сохторҳои идеологӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, занон | Субъектҳои соҳаи маориф имкони васеи иштироки ҳаматарафа дар татбиқи чорабиниҳои идеологиро доранд, аз ҷумла пешниҳоди толорҳо, маводи аввалияи дафтардорӣ, технологияи компютерӣ ва ғайра (ба таври ройгон) |
| 15. | Театрҳо, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангиву фароғатӣ, клубҳо, толорҳои намоиши кино | Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон | Театрҳо, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангиву фароғатӣ, клубҳо, толорҳои намоиши кино, сохторҳои идеологӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, занон | Мақомоти давлатӣ ва дигар сохторҳои ҷамъиятӣю тиҷоратии соҳаи фарҳанг имкон доранд, ки (ба таври ройгон) чорабиниҳои фарҳангӣ-идеологиро ташкил намоянд, толорҳо, санъаткорон, ҷопи маводҳо, дастгоҳи овозӣ ва ғайраро барои баргузории чорабиниҳои дилхоҳи идеологӣ таъмин намоянд |
| 16. | Варзишгоҳҳо ва дигар иншооти варзишӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон | Бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, варзишгоҳҳо ва дигар иншооти варзишӣ, сохторҳои идеологӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, занон | Мақомоти давлатӣ ва дигар сохторҳои ҷамъиятӣю тиҷоратии соҳаи варзиш имкон доранд, ки (ба таври ройгон) чорабиниҳои варзишӣ-идеологиро ташкил намоянд, толорҳо, майдонҳо ва ғайраро барои баргузории чорабиниҳои дилхоҳи идеологӣ таъмин намоянд |

## Замимаи 9А. Иштироки ҷавонон дар раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон

Тоҷикистон аз раванди ҷаҳонишавии сиёсӣ ва иқтисодӣ дар канор намебошад. Вазифаи таъмини пешрафти Тоҷикистон бо мақсади ноил шудан ба рақобатпазирии миллии кишвар дар раванди ҷаҳонии глобализатсионӣ, ҳамгироӣ, баланд бардоштани нақш ва эътибори кишвар дар арсаи ҷаҳон рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти миллӣ, таассури самарабахш, муассир ва шабеҳро нисбат ба ситеза ва таҳдидҳои замона тақозо менамояд.

Дар чунин вазъ бояд мавқеи кишвар дар соҳаи сиёсати дохилӣ, тақсими ҷаҳонии меҳнат, илми ҷаҳонӣ, фарҳанг ва технология, фароҳам овардани шароит барои рушд ва татбиқи имконияти шахсӣ, кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, самарабахшии идоракунии давлатӣ, таъмини сатҳи зарурии қобилияти мудофиавии кишвар таҳким ёбад. Ҳалли самарабахши ин вазифаҳои дурнамо бе иштироки ҷавонон дар ин раванд имконнопазир аст.

Беш аз 70 дарсади аҳолиии Тоҷикистонро шахсони ҷавон ташкил медиҳанд. Ин нерӯи созандаву пешбарандаи ҷомеа дар солҳои аввали бадастории истиқлолияти давлатӣ бо ифодаи ифтихори миллӣ ва шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатӣ талошу ташаббусҳои наҷибу ватандӯстона нишон дод.

Дар дилхоҳ давлату миллат ояндаро дар симои ҷавонон мебинанд. Зеро, ҷавонон нисбат ба дигар табақаи ҷомеа бештар фаъолтар буда, умеду такягоҳ ҳастанд.

Зимни ироаи Паёми хеш Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.01.2015) қайд карданд, ки: «Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, ба ин нерӯи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунад, кишварро ободу зебо мегардонад ва номи ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардорад, ҳамеша такя менамояд».

Воқеан ҳам сатҳи тараққиёт ва нуфузи ҳар кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то ҷӣ андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ ва ихтисосу дониши муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.

**Даврони истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеа, фаъолгардонии мақоми онҳо дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар тадбирҳои амалӣ андешида истодааст. Дар ин муддати кӯтоҳ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон, ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷавонон, инчунин татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон яққатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла,** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон қабул гардиданд, ки татбиқи онҳо боиси хеле боло гардидани накши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид.

Дар баробари ин санадҳои соҳавӣ як қатор қонунҳо, консепсия ва барномаҳо дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ қабул ва амалӣ мегарданд, ки бевосита ва ё бавосита барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат менамоянд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикстон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мисоли равшанӣ ин гуфтаҳо мебошад.

Муссалам аст, ки таваҷҷӯҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин қишри ҷомеа рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Зеро дар замони бархӯрди тамаддунҳо ва муқовимат ба даъвату тазодҳои ҷаҳони муосир, насли ҷавон ягона василаи устувор ва сарватест, ки метавонад дар ин раванд ба муваффақият ноил гардад.

Дар воқеъ имрӯз ҷавонони кишвар дар марҳилае кору зиндагӣ доранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, мушкилоти зиёде низ сади роҳи зиндагии онҳо гаштааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшишу талош маҳз барои бартараф сохтани ин мушкилоти ҳаётии ҷавонон ва мусоидат ба мутобиқшавию рушду такомули онҳо ба харҷ медиҳад.

Дар баробари ин, иштироки ҷавонон дар арҷ гузоштан ва пос доштани арзишҳои миллӣ ва муқадассоти Ватан, тарбияи онҳо дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстӣ, дарки баланди масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва инсондӯстӣ, ба шуғли

муносиб, тарзи ҳаёти солим, азхудкунии касб ва илмомӯзӣ ҳидоят сохтани насли ҷавон, қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳо ва мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар ҳаёти рӯзмараи ин насл хело муҳим арзёбӣ мегардад.

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир ва ҷаҳонишавии кишвар самти нав ва мубрам дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фаррох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд ва ғайраро фаро мегирад. Иштироки ҷавонон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаи устуворро барои иқтидори идорӣ ва кадрӣ ташкил медиҳад.

Аҳамиятнокии консепсияи иштироки ҷавонон хеле баланд аст, зимнан дар рӯйхати 10 афзалияти сиёсати давлатии ҷавонон мавқеи аввалро ишғол менамояд:

1. **иштироки ҷавонон;**
2. шуғлнокии ҷавонон;
3. таъмини тарзи ҳаёти солим;
4. таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;
5. таъминоти иҷтимоии ҷавонон;
6. таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;
7. мустақилияти иқтисодии ҷавонон;
8. тарбияи ватандӯстии ҷавонон;
9. ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон;
10. заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон.

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир самти нав ва мубрам дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фаррох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд, дастрасӣ ба грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, таъсиси ташкилотҳои мустақил ва кафолати таъмини адолати ҳуқуқиро фаро мегирад.

Фаъолгардонии сиёсии ҷавонон, ки онро ҷомеаи муосир тақозо менамояд барои Тоҷикистон аз лиҳози мавқеъи иқтисодӣ ва демографии он бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин росто барои ба таври мунтазамӣ бо кадрҳои ҷавон таъмин намудани ҳар се шохаи

ҳокимияти идории кишвар (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) тариқи додани бартарият (муқаррар намудани квота) мувофиқи мақсад мебошад.

Чӣ тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, сатҳи маълумотнокии қисми зиёди масъулони мақомоти марказӣ ва маҳалӣ доир ба татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон паст мебошад, ки бар ин васила баргузор намудани силсила чорабиниҳои омӯзишӣ ва иттилоотӣ барои онҳо тақозо мегардад.

Дар самти иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам ҷалб намудани онҳо дар таҳия ва амалигардонии барномаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии алоқаманд мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон вобаста ба васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон тавассути талқин додани фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба воситаи ҳаракатҳои ҷавонон, аз ҷумла марказҳои ҷавонон бояд ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ташаккул ва рушди ҳаракати волонтёрӣ ва муқаррар сохтани механизмҳои ҳавасмандгардонии шахсони волонтёр дар чорчӯбаи қонунгузории ҷорӣ бояд тадбирҳо андешида шаванд.

Яке аз роҳҳои самарабахш дар рушди имконоти фарҳангу фароғат ва худтакмилдиҳии ҷавонон ин дастгирии театрҳо, китобхонаҳо, марказҳои фарҳангии ҷавонон, иншооти варзишӣ, муассисаҳои таълимии берун аз мактабӣ ва ғайритаълимӣ, интишори адабиёти таълимӣ, бадеӣ ва методӣ, таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ мебошад. Махсусан васеъ гардонидани шабакаи марказҳои ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо ба ҷавонон имконият медиҳад, ки чорабиниҳои зиёди маърифатӣ, ба монанди тренингҳои омӯзишӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, озмунҳо, маҳфилҳои фарҳангию эҷодӣ ва ғайра бо иштироки бевоситаи худи ҷавонон доир гарданд, ки ин иқдом метавонад ҷавононро ба корҳои манфиатнок ва фоидабахш машғул намуда, аз оворагардию бекорӣ ва даст задан ба падидаҳои номатлуб эмин нигоҳ дорад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки таъсис ва дастгирии маҳфилҳои худфаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон бо иштироки бевоситаи нерӯҳои бохирад, аз ҷумла зиёиён муҳимтарин василае ҳаст, ки метавонад дар баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон

ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши асосҳои таъриху фарҳанги миллӣ мусоидат намояд.

## КОНСЕПСИЯИ ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҶОМЕА

Иштироки ҷавонон васила муҳимми рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон мебошад, аммо шароит, усул ва принсипҳои татбиқи он баррасии алоҳидаро тақозо мекунад.

Иштироки ҷавонон яке аз даҳ самти афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар шароити дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ, сиёсати инсондӯстонаи давлат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти шахсони ҷавон интихоб шудааст.

Худ ба худ иштироки ҷавонон консепсияи муосири фаъолсозии сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва интизомӣ (рафторӣ)-и ҷавонон мебошад, ки барои рушди гуманистӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, таъмини устуворӣ ва таҳкими иқтидори кадрии идоракунии давлатӣ зарур аст, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва зеҳнӣ ва муҳимтар аз ҳама, ин (иштироки ҷавонон) гарави рушди устувор, амният ва рушди демократии ҷомеа мебошад.

Зарурат ва саривақтии истифодаи ин механизмро Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар назди намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 қайд намуда буданд: «Бе иштироки фаъоли чунин қувваи бузург, тараққиёти иҷтимою иқтисодӣ ва сиёсӣ ва мадании давлати моро тасаввур кардан имконнопазир. Аз ин рӯ, мо барои иштироки ҳамаҷонибаи ҷавонони кишвар дар бунёди Ватани муқаддасамон, барои беҳтар намудани шароити таҳсилу зиндагӣ, аз худ кардани касбу кор ва фаъолияти пурсамари онҳо тамоми чораҳои зарурӣ андешида, пайваста ҷонибдорӣ мекунем». Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳукумат ба насли наврас ва бахусус татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунанд.

Гузашта аз ин, сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шаш самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон шудааст, ки таҳия ва татбиқи чораҳои таъхирнопазири ноил шудан ба ин ҳадафро дар назар дорад ва аз ин рӯ, иштироки ҷавонон дар ин самт муҳим мебошад.

Мафҳуми “иштироки ҷавонон” вақтҳои охир дар сатҳҳои гуногун: ҳам байналмилалӣ, ҳам минтақавӣ ва ҳам миллӣ ва давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ татбиқи васеъ пайдо кардааст.

Соли 1979 Ассамблеям Генералии СММ соли 1985-ро Соли байналхалқии ҷавонон: иштирок, тараққиёт ва сулҳ эълон кард. Инчунин, соли 1995 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид «Барномаи ҷаҳонии амалиёти ҷавонон то соли 2000 ва баъд аз он»-ро қабул кард. Барнома 10 самти афзалиятнокро дар бар мегирад, ки яке аз онҳо “Иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ” мебошад. Тавре маълум гардид, СММ яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон аъзои он буда, яке аз самтҳо ва ҳадафҳои стратегии фаъолияти худро – таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, муайян менамояд ва ин таваҷҷуҳ бори дигар дуруст ва сари вакт будани ин механизм ва татбиқи онро тасдиқ мекунад.

Муҳимияти иштироки ҷавонон аз якчанд хусусиятҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дахлдори ҷомеаи муосир вобаста аст. Ҷавонон на танҳоояндаи ҷомеаи бохирад, балки иштирокчиёни демократияи имрӯза низ мебошанд.

Тадқиқотчиён Х.Виллемс, А.Хейнен ва С.Майерс вазъияти парадоксалии иштироки ҷавононро дар маъракаҳои сиёсӣ муайян намуданд. Ҷавонон дар интихобот хеле ғайрифаъол иштирок мекунанд, илова бар ин, насли калонсол иддао доранд, ки иштироки ҷавонон дар маъракаҳои сиёсӣ коҳиш ёфтааст35.

Иштироки ҷавонон дар кишварҳои Аврупо аз рӯи се шакл муайян карда мешавад: 1) кор бо ҷавонон ҳамчун баҳрабардор (объект); 2) ҷалби ҷавонон ба сифати шарикон; 3) дастгирии (эътироф) ҷавонон ҳамчун сарвар36.

Аз ин рӯ, иштироки ҷавононро бояд ҳамчун воситаи муҳимтарини рушди сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа дарк кард, ба ҷавонон на танҳо ҳамчун як гурӯҳи осебпазир (ба кӯмак ва дастгирӣ эҳтиёҷдошта), балки ҳамчун як шарик ва сарвар дар ҷомеа баррасӣ карда шавад; дар баробари ин ба онҳо дар масъалаҳои идоракунӣ имкониятҳо ва ҳуқуқҳои баробар муҳайё карда шавад.

Ҳамин тариқ, иштироки ҷавонон ҳамчун воситаи муҳим ва беназири татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон, рушди

35 Youth Partnership [Текст]: Analytical Paper on Youth Participation – 7 pp
36 Youth Participation in Development [Текст]: A Guide for Development Agencies and Policy Makers / DFID–CSO Youth Working Group – London: 2010. - 120 pp

ҷанбаҳои гуманистӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва давлат дар шароити демократикунонии ҷомеа арзёбӣ мешавад.

Иштирок – ин ҷалб, саҳм, кӯмак, дастгирӣ, ҳамкорӣ ва муносибатҳои дигаре мебошад, ки кӯшишҳо, қобилиятҳо ва иқтидори ду ё зиёда тарафҳоро дар таҳия, татбиқ ва ҳамоҳангсозии як намуди муайяни фаъолият ва амалҳои мувофиқашуда байни тарафҳо муттаҳид мекунад, ки ҳам ба манфиатҳои умумӣ ва ҳам ба манфиатҳои фардӣ ноил гарданд.

Афзалияти иштироки ҷавонон бо он асоснок карда мешавад, ки ҷавонон роҳбарикунанда ва масъули тартибот ва амният набуда, дар ташаккул ва татбиқи сиёсат иштирок намекунанд, дар ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва рушди кишвари худ иштирок намекунанд. Дар натиҷаи ин холигӣ ба вуҷуд меояд, нерӯи зеҳнии пасти ҷавонон, беэҳсосӣ нисбат ба Ватан, омода набудан ба истиқлолият ва маҳорати сусти идоракунӣ, ки қонунҳои ҳаёт, табиат ва ҷомеа аз онҳо тақозо мекунад, пайдо мешавад. Сабаби дигар он аст, ки насли калонсол зарурати ҷалби шаҳрвандони ҷавонро ба ҳалли мушкилоти рӯзмарра огоҳона (дидаву дониста) рад мекунад.

Аз ин рӯ, ташаккул додан ва ба амал баровардани системаи тадбирҳои таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ хеле саривақтӣ аст.

Иштироки ҷавонон, дар навбати худ, ба ду намуд (бавосита ва мустақим) ва ҳафт сатҳ (байналмилалӣ, байниминтақавӣ, миллӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ-шаҳрӣ ва маҳаллӣ) ва инчунин ба якчанд самтҳо тақсим мешавад, ки асоситарини онҳо иҷтимоӣ мебошанд.

Иштироки ғайримустақими ҷавонон иштирокест, ки тавассути муносибатҳои муайян ва дар доираи ҳамкорӣ дар татбиқи амалҳои/хизматрасониҳои дахлдор, вақте ҷавонон метавонанд ҳамчун шарик-иштирокчӣ ва ҳамзамон ҳамчун истеъмолкунанда амал кунанд, ба амал бароварда мешавад.

Дар ҳоли ҳозир, ин навъи иштирок дар заминаи ба инобат гирифтани ҷавонон ҳамчун истеъмолкунанда тақрибан дар ҳама кишварҳо маъмул аст, яъне дар ин ҷо асосан ҷавонон ҳамчун як бахши осебпазир, гурӯҳи ниёзманди аҳолӣ дониста мешавад.

Новобаста аз ин, дар партави тағйироти ахир ва афзудани нақш ва аҳамияти захираҳои инсонӣ ҷавонон ҳамчун шарик дар ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи идоракунӣ ҷалб карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллии қабулшуда ва муҳимтар аз ҳама, барои гузоштани пойдевори устувори ҷомеа ва давлати оянда аз кишварҳо талаб карда мешавад, ки тадбирҳои махсусро амалӣ намоянд, ки дар байни онҳо инҳо метавонанд нақши аввалиндараҷа дошта бошанд:

- таҳқиқ ва арзёбии мунтазами вазъи байни ҷавонон, аз ҷумла неруи онҳо барои иштирок, масъулияти шаҳрвандӣ ва садоқат ба сиёсати давлат;
- таҳия ва татбиқи меъёр ё стандарти давлатии иштироки ҷавонон бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ, ки ба фаъолгардонии шаҳрвандони ҷавон ва таҳкими мавқеи шаҳрвандии онҳо нигаронида шудааст;
- таҳияи механизмҳои ҳавасмандгардонии (квотаҳои ҷойи кор ва дигар имтиёзҳо) барои фаъолияти ҷавонон дар сохторҳои дастгоҳи давлатӣ ва идоракунӣ, аз ҷумла дар системаи мақомоти иҷроия ва қонунгузор, ки масъалаи иштироки ҷавононро дар тамоми ҷабҳаҳои идоракунии давлатӣ ба таври қонунгузорӣ тасдиқ мекунад;
- таҳияи барномаҳои миллӣ ва рушди мақсаднок бо иштироки бевоситаи ҷавонон;
- мониторинг ва арзёбии раванди иштироки ҷавонон ва самаранокии он дар сатҳи миллӣ.

Тавре ки дар боло таъкид шуд, сатҳи ҷумҳурӣ дар навбати худ ба сатҳи вилоятӣ, ноҳиявию шаҳрӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешавад. Ин сатҳҳо дар аксари ҷанбаҳои сиёсат бо ҳам алоқаманданд, аммо ҳар қадар сатҳ поён бошад, кор ҳамон қадар осонтар мешавад, чун сарборӣ камтар буда, дастрасӣ бештар аст. Минтақаҳо ё вилоятҳо (дар Тоҷикистон) дар ду самт фаъолият мекунанд: назариявӣ-методӣ ва амалӣ, дар ҳоле ки сатҳи миллӣ асосан ба назария ва консепсияи масъала машғул аст. Мувофиқи он сатҳи ноҳиявӣ асосан ба вазифаи амалӣ ва қисман методологӣ ва маҳаллӣ (ҷамоатҳо) бошад, фақат вазифаи амалӣ доранд.

Дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот масъалаи иштироки ҷавонон ба таври кофӣ ба инобат гирифта намешавад, зеро ин сатҳҳо асосан ба фаъолияти амалӣ машғуланд, вале ин масъала дар баробари амалия, ба андозаи муайян кори назариявию методиро низ талаб мекунад. Гузашта аз ин, дар сатҳи ҷамоат сохтори фаъоли кор бо ҷавонон вуҷуд надорад, ки ин масъаларо боз ҳам печидатар мегардонад, зеро аксари аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд (74% аҳолӣ).

Дар ин замина, ба фаъолияти сохторҳои маҳалӣ (ноҳиявӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот) ворид намудани тағйироту иловаҳои консептуалӣ бо мақсади таъмини татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла иштироки ҷавонон дар корҳои маҳаллӣ зарур аст, зеро дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва дигар сатҳҳо, сиёсат таҳия карда мешавад, ки он дар сатҳи маҳаллӣ амалӣ карда шавад ва ба воқеият табдил ёбад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад дар сатҳи маҳаллӣ тадбирҳои зеринро амалӣ кардан лозим аст:

- барои таҳлил ва ёрии методӣ дар таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ дар ҷамоатҳои воҳидҳои махсуси кор бо ҷавонон таъсис дода шавад;

- дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба ҳуҷҷатҳои кор бо ҷавонон воҳиди алоқаманд ташкил гардад;

-мувофиқи меъёр ё стандарти давлатии иштироки ҷавонон ва бо дарназардошти хусусиятҳои маҳаллӣ низомномаҳо (дастурҳо) таҳия ва механизми маҳаллии ҳавасмандгардонии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба идоракунии корҳои маҳаллӣ роҳандзоӣ карда шаванд;

- барномаи маҳаллиро чи дар сатҳи ноҳия/шаҳр ва чи дар сатҳи ҷамоат таҳия ва татбиқ намуда, ба иштироки фаъолонаи ҷавонон дар рушди имконоти иҷтимоию иқтисоди ва сиёсии маҳал мусоидат карда шавад;

- тайёр кардан, таҷрибаомӯзӣ ва бозомӯзии мутахассисони кор бо ҷавонон таъмин карда шавад.

Инчунин иштироки ҷавонон дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа маҷмӯи масъалаҳоеро фаро мегирад, ки имкон медиҳад ҳам ҷавонон, ҳам ҷомеа ва ҳам сохторҳои идоракунӣ вазъи иҷтимоӣ ва нерӯи иқтисодии худро беҳтар гардонанд. Насли наврас дорои бартариҳои зиёд дар шакли дастрасӣ ба иттилооти номаҳдуд, иртиботи фарох бо тамоми ҷаҳон, малака ва дониш дар истифодаи технологияҳои компютерӣ ва коммуникатсионӣ ва ғайра дорои неруи устувор ва арзишманди аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутобиқшуда маҳсуб мешавад ва захираи аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди ҷомеаро соҳиб мебошанд. Дар ҳоле ки насли калонсол, ки масъули ҳалли мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ аст, дорои ин сифатҳо нест.

Аз ин рӯ, дар самти пешрафти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа зарур аст, ки дар байни наслҳо алоқаи ногусастанӣ фароҳам оварда, бо ҳамин иштироки устувори ҷавонон дар банақшагирӣ, таҳия ва

татбиқи тадбирҳои дахлдор таъмин карда шавад. Вобаста ба ин, механизми ҳавасмандгардонии иштироки ҷавонон, бахусус соҳибкорони ҷавон ва гурӯҳҳои ҷавонони аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол дар татбиқи масъалаҳои рушд таҳия карда шавад. Иштироки чавонон дар таҳкими иқтисодиёт бояд таъмин карда шавад, аз ҷумла37:

– бо роҳи ҷалб намудани ҷавоно дар таҳия ва амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои дахлдори давлатию ҷамъиятӣ;

- бо роҳи ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо ва грантҳо, таъсиси фондҳои дастгирӣ, омӯзиши мунтазами малакаҳои молиявӣ, тавассути дастгирии иттилоотии ҷавонон;

- бо роҳи соддагардонии раванди бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатгузории фаъолият, автоматикунонии ҳисоботдиҳӣ;

- тавассути кӯмаки мақсаднок ба гурӯҳҳои осебпазир;

- бо роҳи ҳавасмандгардонии соҳибкорони ҷавон, волонтёрон ва дигар гурӯҳҳои мақсаднок, тавсеа базхшидани бизнес-инкубаторҳо, лоиҳаҳои истеҳсолӣ, волонтёрӣ ва ғайра.

Вижагии ин усули кор дар он аст, ки ҳадафу вазифаҳо дар соҳаи тарбияи ахлоқию маънавӣ ва рафтории ҷавонон нисбат ба усули анъанавӣ зудтар, сарфакорона, самараноктар ва дастрастар ба даст меоянд. Дар ин усул ду тараф - имконият ва синну сол дар бар гирифта мешавад, ки дар равиши анъанавӣ вуҷуд надорад. Ягона фарқ дар сатҳи дониш аст, ки дар раванди таълим (кор) низ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар тарбияи ахлоқию маънавии ҷавонон иштироки ҷавононро таъмин намудан саривақтӣ аст, ки барои ин зарур аст:

- заминаи меъёрии ҳуқуқии иштироки ҷавонон дар тарбияи ахлоқию маънавӣ, аз ҷумла татбиқи усули таълими «ҳамсол ба ҳамсол» таҳия ва татбиқ карда шавад;

- иштироки ҷавонон дар тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ дар системаи маориф ва соҳаи кор бо ҷавонон ҷорӣ карда шавад;

– барномаи давлатӣ дар сохаи иштироки ҷавонон дар тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ таҳия ва татбиқ карда шавад;

- иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар татбиқи лоиҳаҳо дар самти иштироки ҷавонон дар тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ дастгирӣ карда шаванд;

37 Миралиён, К. А. Основы реализации государственной молодежной политике в современном мире [Текст] / К. А. Миралиён // Вестник ТГУПБП. - Душанбе, 2015. - №3 (3) 2015. - С. 182-188

– воситахои ахбори омма ба татбиқи барномаҳои иттилоотӣ дар самти иштироки ҷавонон ҷалб карда шаванд.

Муҳимтарин омили татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон фаъолияти сиёсии ҷавонон ё иштироки ҷавонон дар рушди сиёсии ҷомеа мебошад.

Иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа аз иштирок дар қабули қарорҳо, таҳия ва татбиқи барномаҳои дахлдори давлатӣ, идоракунии корҳои давлатӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, таълиму тарбияи насли наврас ва ғайра иборат мебошад. Тавре ки таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда нишон медиҳад, имрӯз дар ҳеҷ давлат иштироки ҷавонон дар маҷмааи дар боло зикргардида таъмин карда нашудааст, гарчанде дар баъзе кишварҳо, чи Осиё ва чи Аврупо баъзе усулҳо амалӣ мешаванд. Аммо дар он сурат муваффақият ба даст оварда мешавад, ки агар иштироки ҷавонон дар соҳаҳои сиёсӣ ҳаматарафа таъмин карда шавад.

Бояд гуфт, ки иштироки ҷавонон дар дигаргунсозии сиёсии ҷомеа ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ, аз ҷумла дар шароити демократикунонии идоракунӣ маҳсуб меёбад ва аз ин рӯ, устуворӣ ва муваффақияти сиёсатро танҳо тавассути фаъолияти пурҳаракти онҳо ба даст овардан мумкин аст. Гузашта аз ин, дар кишварҳое, ки аксарияти аҳолии онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд, ин усул нисбат ба дигарон самараноктар аст.

Ҳамин тариқ, барои таъмини суботи сиёсии давлат тадбирҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- консепсияи миллии иштироки ҷавонон дар дигаргунсозии сиёсии ҷомеаро таҳия ва амалӣ карда шавад;

- ҷавононро ба сифати намояндаи халқ ба мақомоти қонунгузори (парламенти) кишвар ҷалб карда шавад;

– дар раванди таҳияи ҳама гуна барномаҳои давлатие, ки бо ҷавонон алоқамандӣ доранд, намояндагони ҷавонон ва ташкилотҳои ҷавонон ҷалб карда шаванд;

- дар ташкилотхои давлатӣ вазифаҳои махсуси алоқаманд ба ҷавонон ва квотаҳои муносиб ташкил карда шаванд;

– марказхо ва донишгоҳҳои омодасозии касбӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони (кадрҳои) ҷавон таъсис дода шаванд;

- ҷалби (ҳавасмандгардонии) ҷавонон ба татбиқи барномаҳои нави муосири кӯмак ва дастгирии табақаҳои осебпазир ва ниёзманди аҳолӣ;

- тавассути ташаббуси волонтёрони ҷавон амалӣ намудани барномаҳои махсуси иҷтимоӣ, ки ба ин васила баланд бардоштани сатҳи масъулияти шаҳрвандони ҷавон ва пешгирӣ кардани онҳо аз амалҳои номатлуб фароҳам мегардад.

## Замимаи 10. Тарзу усулҳои мониторинги ҷараён ва натиҷаи лоиҳа/чорабинӣ

Мониторинг талаботи ҷомеаи муосир дар татбиқ ва таъмини самаранокии ҳар як фаъолият буда, натиҷаи он мавриди корбарии доими қарор дода мешавад.

Мониторинг истилоҳи байналмилалӣ буда, маънои мушоҳида, назорат ва арзёбиро дорад.

Мақсади мониторинг асосан мушоҳида, назорат ва ҷамъоварии маълумот аз рӯи нишондиҳандаҳои муайян вобаста ба иҷрои ҳар як вазифаи чорабинӣ ва ё лоиҳа, мушкилоти пешомада, таваккалҳо, фаъолнокии иҷрокунандагон, сатҳи иштироки гуруҳҳои мақсаднок, иҷрои уҳдадориҳои ҳамкорон ва шарикон, амалисозии саривақтии амалҳо, назари гуруҳҳои мақсаднок, сатҳи иштирок ва назари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи маҳал ва ғайра мебошад.

Бинобар ин, дар роҳи татбиқи лоиҳа/чорабинӣ ва таъмини самаранокӣ ва таъсирбахшии он мониторинг қисмати муҳими фаъолиятро ташкил медиҳад.

Барои ташкили мониторинги босифати лоиҳа/чорабинӣ зарур аст, ки чунин қадамҳо ба анҷом расонида шавад:

1. Ташкили гуруҳи мустақили мониторингӣ (ҷудо аз гуруҳи ташкилии лоиҳа/чорабинӣ);
2. Муайян намудани роҳу усулҳои мониторингӣ (пурсиш, суҳбат, мунозира ва ғайра);
3. Ҷалби мутахассисон ва таҳияи нишондиҳандаҳои марбут ба мониторинги лоиҳа/чорабинӣ;
4. Таҳияи саволномаҳо ва пурсишномаҳои алоқаманд ба шакли мониторинг (ҷараёни чорабинӣ, баъд аз анҷоми чорабинӣ ва таъсирбахшии чорабинӣ);
5. Таҳияи нақшаи мониторинги лоиҳа/чорабинӣ дар асоси банди е) Қадами 3.

Барои таъмин намудани самаранокии фаъолият мониторингро мебояд дар се қисматҳо: 1) мониторинги ҷараёни чорабинӣ, 2) баъд аз чорабинӣ ва 3) аз рӯи таъсирбахшии чорабинӣ амалӣ гардонид.

**1) Мониторинги ҷараёни чорабинӣ/лоиҳа**

Мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳа асосан аз рӯи нақшаи тақвимӣ ташкил карда мешавад. Аз ин рӯ, мавриди гузаронидани

мониторинг зарур аст, ки бандҳои д) ва е) Қадами 3 ба асос гирифта шавад.

Мониторинги чорабинӣ асосан бе огоҳонидани қаблӣ ташкил карда мешавад, вале бо мақсади пайдо кардани маълумоти дахлдор зарур мегардад, ки сатҳи иҷрои сариваҡтии нақшаи тақвимии лоиҳа пурсида шавад.

Мониторинги ҷараёни чорабинӣ аз рӯи усулҳои қаблан муайянгардида бо ҷалби гуруҳҳои мақсаднок, иштирокчӣён ва ҳамкорон баргузор карда мешавад.

*МИСОЛ:*

*Мониторинги ҷараёни семинар, ки дар ноҳияи Х оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши ҷавонон дар самти пешгирии экстремизм гузаронида шуда истодааст.*

***Усули мониторинг**: назорат ва пурсиши иштирокчӣён*

***Критерияҳои (саволҳои) пурсиш**: Аз кадом рӯз дар семинар иштирок доред? Аз кадом ташкилот мебошед ва чӣ вазифа доред? Кадом мавзуҳоро омӯхтед? Қисмати ташкилии семинарро чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? Баъд аз семинар дониши гирифтаатонро чӣ гуна истифода менамоед?*

***Масъули мониторинг**: Гуруҳи мониторингӣ иборат аз 2 нафар:*

***Муҳлати баргузори**: 24.09.2015*

***Муҳлати ҷамъбаст**: то 04.10.2015*

***Критерияиҳо ва натиҷа**: ҷамъоварии маълумот оид ба ҷараёни семинар ва пешниҳоди он барои баҳогузорӣ*

**2) Мониторинг баъд аз анҷоми чорабинӣ/лоиҳа**

Мониторинги хотимавӣ тибқи усулҳои қаблан муайянгардида ва аз рӯи нақшаи мантиқии лоиҳа (банди е) Қадами 3) гузаронида мешавад.

Мониторинги намуди мазкур бо мақсади муайян кардани самаранокии лоиҳа/чорабинӣ дар байни гуруҳҳои мақсаднок ва иштирокчиёни лоиҳа дар муҳлати начандон дур аз вақти хотимаи лоиҳа баргузор карда мешавад.

*МИСОЛ:*

*Мониторинги натиҷанокии семинар, ки дар ноҳияи Х оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши ҷавонон дар самти пешгирии экстремизм гузаронида шудааст.*

***Усули мониторинг***: *пурсиши иштирокдоштагон*

***Критерияҳои (саволҳои) пурсиш***: *Аз кадом рӯз дар семинар иштирок кардед? Кадом мавзуҳоро омӯхтед?; Мавзуҳои омӯхтаро чӣ гуна истифода карда истодаед?; Дар байни кадом гуруҳхои ҷавонон ва дар кучо мавзуҳои дар семинар омӯхтаро талқин додед (паҳн кардед)? Кадом дастовардҳоро аз натиҷаи семинар ноил гардидед?; Ба кадом навъи маълумотҳои марбут ба экстремизм ниёз доред?.*

***Масъули мониторинг***: *Гуруҳи мониторинги иборат аз 2 нафар:*

***Муҳлати баргузорӣ***: *14.10.2015*

***Муҳлати ҷамъбаст***: *то 24.10.2015*

***Критерияиҳо ва натиҷа***: *ҷамъоварии маълумот оид ба натиҷаи амалии семинар, муайян намудани сатҳи маълумотнокии иштирокдоштагони семинар ва сатҳи ниёзмандии онҳо ба маълумоти дахлдор.*

**3) Мониторинги таъсирбахшии чорабинӣ/лоиҳа**

Мониторинг аз натиҷаи таъсирбахшии лоиҳа/чорабинӣ тибқи усулҳои қаблан муайянгардида ва аз рӯи нақшаи мантиқии лоиҳа гузаронида мешавад.

Мониторинги мазкур бо мақсади муайян кардани таъсирбахшии чорабинӣ дар байни гуруҳҳои мақсаднок ва иштирокчӣёни лоиҳа дар муҳлати сипарӣ гаршатани сол(ҳо) аз вакти хотимаи он баргузор карда мешавад.

Теъдоди сафарҳои мониторингӣ аз муҳлати татбиқ ва ҳаҷми лоиҳа вобастагӣ дорад, вале зарур аст, ки ҷараёни ҳар як амалӣ лоиҳа/чорабинӣ мониторинг гузаронида шавад.

*МИСОЛ:*

*Мониторинги натиҷанокии семинар, ки дар ноҳияи X оид ба баланд гардидани сатҳи маълумотнокии ҷавонон ва таъсири он ба тағйир ёфтани рафтори гуруҳи муайяни ҷавонон дар самти пешгирии экстремизм гузаронида шудааст.*

***Усули мониторинг***: *пурсиши гуруҳи мақсаднок*

***Критерияҳои (саволҳои) пурсиш***: *Кай ва аз куҷо (аз кӣ) вақтҳои охир оид ба масъалаҳои экстремизм маълумот гирифтед?; Оид ба шомил шудани ҷавонон ба гуруҳхои экстремисти чӣ фикр доред?; Мақсаду мароми гуруҳхои экстремисти аз чӣ иборат мебошад?; Ба кадом навъи маълумотҳои марбут ба экстремизм ниёз доред?.*

***Масъули мониторинг***: *Гуруҳи мониторингӣ иборат аз 2 нафар*

***Муҳлати баргузори**: январ-сентябри 2016*

***Муҳлати ҷамъбаст**: 10 рӯз пас аз баргузорӣ*

***Критерияиҳо ва натиҷа**: ҷамъоварии маълумот оид ба таъсирбахшии семинар, сатҳи маълумотнокии гуруҳҳои мақсаднок ва муносибати онҳо ба экстремизм, муайян намудани сатҳи ниёзмандии гуруҳҳои мақсаднок ба маълумоти дахлдор.*

2. **БАҲОГУЗОРИИ ЛОИҲА/ЧОРАБИНӢ**

Баҳогузорӣ барои чорабиниҳои идеологӣ қадами муҳим буда, он бо мақсади муайян намудани самаранокӣ ва таъсирбахшии лоиҳа/чорабинӣ дар таносубнокӣ ба натиҷаҳои бадастовардашуда амалӣ гардонида мешавад.

Аз ҷумла, таносубнокии зерин баҳогузорӣ карда мешавад:

- Таъсирбахшии лоиҳа/чорабинӣ нисбат ба вазъиятӣ қаблӣ ва баъдӣ;
- Натиҷанокии лоиҳа/чорабинӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои муайянгардида (аз рӯи нақшаи мантиқӣ);
- Самранокии амалҳои (вазифаҳои) лоиҳа/чорабинӣ (аз рӯи нақшаи тақвимӣ);
- Самранокии маблағгузории лоиҳа (аз рӯи буҷети лоиҳа);

Баҳодиҳӣ дар асоси муқоисаи маълумоти дар таҳлили вазъияти лоиҳа (банди б) Қадами 3) ва натиҷаҳои мониторингӣ (Қадами 6) овардашуда ба роҳ монда мешавад.

Дар натиҷаи баҳодиҳӣ сатҳи таъсирбахшии лоиҳа, ки нишондиҳандаи муҳими татбиқи лоиҳа/чорабинӣ мебошад, дар таносубнокӣ ба вазъиятӣ қаблӣ ва вазъияти баъдӣ (пеш аз лоиҳа ва пас аз табиқи лоиҳа) муайян мегардад, ки он (баҳодиҳии таъсирбахшӣ) пас аз сипарӣ гаштани сол(ҳо) аз амалиёбии лоиҳа амалӣ гардонида мешавад.

Баҳогузории натиҷанокии лоиҳа бошад, аз рӯи нақшаи мантиқии лоиҳа (банди е) Қадами 3) ва натиҷаҳои мониторингӣ (Қадами 6) баргузор карда мешавад.

Баҳогузории самранокии чорабиниҳои лоиҳа аз рӯи нақшаи тақвимии лоиҳа (банди д) Қадами 3) ва натиҷаҳои мониторингӣ (Қадами 6) баргузор карда мешавад.

Баҳогузории самранокии маблағгузории лоиҳа аз рӯи буҷети лоиҳа (банди з) Қадами 3) ва натиҷаҳои мониторингӣ (Қадами 6) баргузор карда мешавад.

Барои баҳогузории лоиҳа/чорабинӣ ҷадвали масъалаҳо тартиб

дода шуда, нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда қадам ба қадам ва аз рӯи аҳамиятнокӣ татбиқ, риоя ва ё дастёбии онҳо муқоиса карда мешаванд.

**а) Таҳияи гузориш**

Дар натиҷаи баҳодиҳӣ бо фарогирии тамоми масъалаҳо ва нишондиҳандаҳои лоиҳа/чорабинӣ дар ду банд (аз рӯи натиҷаҳои наздик ва дурнамо) гузориши муфассал таҳия карда мешавад.

**б) Баррасии гузориш**

Бо мақсади таҳким бахшидани маълумотҳо лоиҳаи гузориши омодагардида бо ҷалби субъектҳои/иҷрокунандагони лоиҳа, инчунин гурӯҳҳои амалӣ тариқи баргузории мизи мудаввар дар ду давр (аз рӯи натиҷаҳои наздик ва дурнамо) баррасӣ карда мешавад.

**в) Чоп ва паҳн намудани гузориш**

Дар натиҷаи мизҳои мудаввар гузориши татбиқи лоиҳа/чорабинӣ дар ду давр (аз рӯи натиҷаҳои наздик ва дурнамо) чоп ва байни субъектҳо паҳн карда мешавад. Ин бо мақсаде амалӣ карда мешавад, ки ҷомеа аз мавҷудият, натиҷанокӣ ва самарабхшии лоиҳа/чорабинӣ бархурдор (маълумотнок) гардад.

## 3. ҲИСОБОТ

Барои дилхоҳ фаъолият давраи ниҳоӣ ин супоридани ҳисоботҳо мебошад, ки хусусияти дутарафа дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои шартномавӣ ба анҷом расонида мешавад.

Чӣ тавре маълум гардид, фаъолияти лоиҳа бояд камаш аз се банди мустақим иборат бошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки вобаста ба ҳар як банд дар алоҳидагӣ ҳисоботи алоқаманд омода карда шавад.

Дар амал ҳисобот дилхоҳ лоиҳа дар се шакл 1) ташкилӣ-натиҷавӣ, 2) мониторингӣ ва 3) молиявӣ ба роҳ монда мешавад.

**1) Ҳисоботи ташкилӣ-натиҷавӣ**

Одатан ҳисоботи чорабинӣ аз рӯи иҷрои нақшаи тақвимӣ, инчунин нақшаи мантиқӣ ва натиҷаҳо (бандҳои д), е) ва ж) Қадами 3) нисбат ба ҳар як чорабинӣ ва бо дарназардошти нишондиҳандаҳои хоси он, аз ҷумла вақти баргузорӣ, фарогирӣ, иштироки ҳамкорон, ВАО, таваккалҳо, роҳҳои бартарафсозии таваккалҳо, воситаҳои айёнӣ ва ғайра таҳия ва дар шакли умумӣ (дастовардхои лоиҳа) ба ташкилоти маблағгузор пешниҳод карда мешавад.

Ҳамзамон, ҳолатҳое мавҷуданд, ки ҳисобот тибқи шакли ҳисоботии қаблан аз ҷониби ташкилоти маблағгузор омодагардида, таҳия мегардад.

*МИСОЛ: маълумот оид ба:*
*· амалҳои банақшагирифташуда ва иҷро и онҳо аз рӯи вақт;*
*· иштироки ҳамкорон дар татбиқи лоиҳа ва андозаи саҳми онҳо;*
*· иҷрои нишондиҳандаҳои асосии лоиҳа;*
*· таъсирбахшии лоиҳа;*
*· иҷрои натиҷаҳои банақшагирифташуда;*
*ва ғайра бо ҳамин тартиб...*

**2) Ҳисоботи мониторингӣ**

Ҳисобот аз рӯи мониторинг мувофиқи банди мониторинги лоиҳа (қадами 6) аз рӯи нишондиҳандаҳои қаблан омодагардида ва нақшаи мониторингӣ омода мегардад.

Ҳисоботи мониторингӣ ҳамзамон натиҷаҳои баҳодиҳиро фаро мегирад, яъне он асосан хусусияти таҳлилӣ, хулосавӣ ва тавсиявӣ дошта, маълумотҳои он метавонад ба маълумоти дар ҳисоботи умумӣ овардашуда мувофиқат накунад. Шакли ҳисоботи мониторингӣ озод мебошад, агар ташкилоти маблағгузор шакли хосеро муқаррар насохта бошад.

*МИСОЛ:*
*Ҳисобот аз рӯи мониторинг ва баҳодиҳӣ метавонад ҷанбаҳои зеринро фаро гирад:*
*· маълумот оид ба усулҳои истифодашуда;*
*· маълумоти муқоисавӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои лоиҳа;*
*· маълумоти таҳлилӣ оид ба сатҳу сифати амалҳои баанҷомрасонидаи лоиҳа;*
*· тавсияҳо барои ташкилоти иҷрокунанда ва ташкилоти маблағгузор;*
*ва ғайра бо ҳамин тартиб...*

**3) Ҳисоботи молиявӣ**

Одатан ҳисоботи молиявӣ тибқи шакл ва талаботи ҳисоботии қаблан аз ҷониби ташкилоти маблағгузор омодагардида, таҳия мегардад.

Вале дар ҳолати мавҷуд набудани чунин шакл ва талабот ҳисоботи молиявӣ аз рӯи буҷети лоиҳа (банди з) қадами 3) бо дарназардошти талаботи умумиқабулшуда омода гардида, нусхаи он ба ташкилоти маблағгузор пешниҳод карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки баъди қабули ҳисоботи молиявӣ, онро мебояд то 5 сол нигоҳ дошт, зеро масъулияти иҷрокунанда дар назди фармоишгар аз рӯи ин масъала то муҳлати муайян боқӣ мемонад.

/

# УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ

Усулҳои интерактивии таълим, ки дар сатҳи байналхалқӣ эътироф гаштаанд, барои гузаронидани семинару тренингҳо ва умуман машғулиятҳои таълимию омӯзишӣ истифода мегарданд.

Усулҳои интерактивии таълим аз чунин принсипҳо иборат мебошанд:

- ✓ ҷалби таваҷҷуҳ ва диққати шунавандагон дар ҷараёни таълим;
- ✓ дар муддати кӯтоҳ бо маълумоти фаррох ва муфид фаро гирифтани шунавандагон;
- ✓ иштироки озодона, фаъол ва тамоюлноки шунавандагон;
- ✓ иштироки на зиёда аз 20 нафар шунаванда дар машғулият;
- ✓ пешниҳод ва қабули мустақилонаи қоида ва тартиби рафтори шунавандагон дар ҷараёни машғулият;
- ✓ иштироки бевоситаи шунавандагон дар раванди машғулият

Фасилитатор на ҳамчун муаллим нисбат ба хонанда, балки ҳамчун маълумотдиҳанда ва маслиҳатчӣ бо шунаванда ба сифати ҳамкасб, ҳамкор ва рафиқ муносибат (муоширात) мекунад.

**Мақсади асосии** истифодаи усули интерактивии таълим, ин ҷиҳати ба зудӣ ва дар муҳлати кутоҳтарин ба шунаванда расонидани (омӯзонидани) маълумотҳои зарурӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва маҳорати касбӣ асос меёбад. Ин тарзи таълим имконият медиҳад, ки қобилият ва маҳорати шунавандагию сухангӯӣ, малакаҳои сарварию ташкили тим / команда, ҳисси инсондустӣ ва худшиносӣ бедор карда шуда, завқи шунаванда ба азхудкунии дониш ва татбиқи он дар ҳаёту фаъолият баланд гардад.

### *Хусусиятҳои усули интерактивии таълим*

Усули интерактивии таълим пеш аз ҳама бо хусусияти мутобиқатсозии худ маъруф гаштааст, яъне дилхоҳ фарди солим ва соҳибзаковатро хоҳ нохоҳ ба ин ва ё он самтҳои афзалиятноки ҳаёту фаъолият мутобиқ гардонидан мумкин аст, танҳо зарур аст, ки усулҳои расонидани иттилоот ва ё маълумот муносиб, мувофиқ ва

ҷолиб бошад. Аз уҳдаи ин вазифа дар шароити имрӯза танҳо усулҳои интерактивӣ ва ё фаъолсозандаи таълим бaромад метавонанд.

Аз ин рӯ, мавриди ҷалби шунавандагон зарур аст, ки **принсипи интихоб ва ё хостагирӣ** таъмин карда шавад. Яъне барои амалӣ гаштани мақсадҳои машғулият ва бомуваффақият анҷом ёфтани он зарур аст, ки ба сифати шунаванда, шахсони нисбатан фаъол интихоб ва ҷалб карда шаванд, то инки салоҳияти (тавоноии) аз худ кардани маводи таълимиро дошта бошанд.

Ҳангоми ташкили машғулият дар бисёр ҳолатҳо **воситаҳои айёнӣ** ба монанди: қоғазу қаламҳои гуногуни ранга, маводҳои тақсимотӣ, видео-филмҳо ва ғайра истифода мегарданд, ки сатҳои азхудкунии маълумотро барои шунавандагон дучанд мегардонад.

Мавриди гузаронидани машғулият **усулҳои таълимӣ** ба монанди: ҳуҷуми фикрҳо, ки малакаи суханронии шахсро устувор мегардонад, бозӣ дар нақшҳо, ки ниқоби шармгинии шахсро мешиканад, ба иштирокчӣ барои худро озод ҳис кардану ба аудитория мутобиқ шудан шароит фароҳам меорад, кор дар гурӯҳчаҳо, ки ба шахс шароит фароҳам меорад то мустақилона кор кунад, ақида ва нуқтаи назари худро мустақилона таҳия намояд ва бо рӯҳбаландӣ дар рафти машғулият ширкат варзад, истифода мегарданд.

Бартарии ин усули таълим дар он аст, ки хонанда ва ё шунаванда дар ҷараёни он бевосита иштирок мекунад, озодона савол медиҳад, баҳсу мунозира мекунад, ақидаи худро изҳор менамояд, тартибу қоидахои дилхоҳи машғулиятро дар якҷоягӣ бо ҳамсабақон пешниҳод ва интихобу қабул менамояд. Боиси зикр аст, ки мавриди истифодаи усулҳои муқаррарии таълим хонанда аз ингуна имкониятҳо маҳрум аст.

Усули интерактивии таълим талаб мекунад, ки таълимгиранда дар ҷараёни амалигардии он фаъолона иштирок намуда, ақидаҳои худро озодона ва бемамониат изҳор намояд.

Чи тавре дар боло иброз кардем, усулҳои интерактивии таълим якчанд намуд мешаванд ва ҳоло мо атрофи ин масъала кор мебарем.

Гузаронидани машғулиятҳоро ба монанди: тренингҳо, семинарҳо ва дигар намудҳои машғулиятҳо, ки бо истифода аз усулҳои зерини

интерактивии таълим амалӣ мегарданд, мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

## ҲУҶУМИ ФИКРҲО

**Ҳуҷуми фикрҳо** – усули фикррониии эҷодиест, ки барои ёфтани роҳҳои мушаххаси ҳалли дилхоҳ масъала ба воситаи гирифтани нуқтаи назар, андешаҳои шунавандагон ва иштироки онҳо истифода бурда мешавад. Усули мазкурро барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ва фаъолияти ташкилоту корхонаҳои гуногуни эҷодию маърифатӣ ва истеъмолию истеҳсолӣ истифода мебаранд. Бо кумаки ин усули таълимӣ ҷавоби амиқу равшанро ба зудӣ дарёфт кардан мумкин аст. Хусусияти дигари бартарии ин усул дар он аст, ки дар ҷараёни амалигардии он, шунаванда хоҳ нохоҳ дар муҳосиба фаъол мегардад, вобаста ба масъалаҳои мавриди муҳокима қарор дошта, маълумоти дахлдор мегирад.

**Тартиби баргузорӣ:**

Гурӯҳи муайяни одамон ҷамъ омада, бо масъалаи муҳокима ва ё таҳлилшаванда шинос мешаванд. Масъала дар шакли маърӯзаи хурд, аннотатсия аз ҷониби баромадкунанда манзури гурӯҳ пешниҳод мегардад. Аъзои гурӯҳ дар ҷараёни муҳокимаи масъала озодона ва фаъол иштирок намуда, фикру андешаҳои худро иброз менамоянд. Ҳангоми ҳуҷуми фикрҳо ба андешаҳои пешниҳодшуда баҳо дода ва ё рад карда намешавад, фикрҳои ҳама аъзоёни гурӯҳ ба пуррагӣ дар тахта навишта шуда, сипас мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Ин усули таълим бо иштироки фасилитатор / баранда (баромадкунанда) ва иштирокчиён / шунавандагон сурат мегирад. **Мақсади** асосии ин усул сифатро аз ҳисоби миқдор ба даст овардан мебошад.

**Принсипи асосии ин усули таълимӣ** дар он аст, ки дар ҷараёни муҳокима шумори бештари аъзои гурӯҳ ширкат меварзанд.

Мутахассисони соҳа чунин мешуморанд, ки агар пас аз муҳокимаи дилхоҳ масъала ақалан 5-6 андеша (нуқтаи назар) қабул гардад, кори ҳуҷуми фикрҳоро бомуваффақият анҷомрасида шуморидан мумкин аст.

Фасилитатор мавриди машғулият дар толори (синфхонаи) муайян гурӯҳи иштирокчиёнро (шунавандагонро) ҷамъ оварда, онҳоро ба мавзӯъ шинос менамояд. Сипас, атрофи мавзӯъ 5-7 дақиқа мухтассар маълумот медиҳад, яъне мафҳуми мавзӯъ чист, бо кадом мақсад муҳокима мегардад, асоснокии он дар чист? ва ғайраро ба аудитория шинос мекунад.

**Моҳияти** усули ҳуҷуми фикрҳо дар он аст, ки дар ҷараёни ташкили он ҳам фасилитатор (баранда) ва ҳам иштирокчӣ (шунаванда) ширкат меварзанд.

**Нақши фасилитатор** дар он аст, ки ӯ диққати шунавандагонро ҷалб карда, бо саволҳои гуногун атрофи мавзӯъ ба онҳо муроҷиат мекунад. Саволҳо бояд тавре иброз гарданд, ки мушаххас ва фаҳмо бошанд, инчунин мавриди эҳсос кардани мушкилӣ саволҳоро бо ҷавобҳои таблиғотӣ (наздиковаранда) ва ҷалбкунанда қисман пур кардан лозим, яъне ҷавоби дуруст ва мутобиқро аз забони шунаванда мебояд тавре рӯёнд, ки ӯ худ ин зирракиро ҳис накунад.

Ҳар як пешниҳоди шунаванда бе муҳокима, новобаста ба он ки он дуруст ва ё нодуруст аст, ба тахта (ватман) навишта мешавад. Танҳо мавриди ибрози ақида ба шунаванда тартиби кӯтоҳи фикрро пешниҳод (маънидод) кардан мумкин аст.

Сипас, баъди оне ки ҳамаи фикрҳо навишта мешаванд, фасилитатор як-як пешниҳодҳои шунавандагонро мавриди муҳокима қарор медиҳад: Мс.: «Оё ҳамин таклиф дуруст аст ва ё не?». Агар дурустии таклифро (андешаро) ҳамагон тасдиқ намоянд, он гоҳ он меистад ва он таклиферо (андешаеро), ки аудитория қабул намекунад ва нодурустии онро изҳор мекунанд, он андеша бо ризоияти муаллиф (шунаванда) аз қатори маҷмуи андешаҳо тоза карда (бардошта) мешавад.

*Ҳамин тариқ, нисбат ба мавзӯи ҷорӣ таклифҳоро ҷамъ оварда, сатҳи маълумотнокии аудитория ба таври зерин баҳо дода мешавад.*

Пурсиш аз ҷониби фасилитатор:

*«Оё шумо ҳис кардед, ки сараввал нисбат ба ҳамин мавзӯъ қариб ки маълумот надоштед ва ё кам маълумот доштед ва акнун чи гуна маълумот доред. Ва аҷибаш дар он аст, ки маълумоҳоро худи шумо пешнҳод намудед. Ин шаҳодати он аст, ки дар асл шумо оид ба ин*

*мавзӯъ маълумот доштед фақат он ки барои дуруст ва барҷо истифода бурдани он шӯбҳа доштед. Акнун ин шубҳаи шумо шикаста шуд ва шумо бо боварии комил иброз карда метавонед, ки оид ба ин мавзӯъ маълумоти пурра доред, инчунин ба дигарон низ онро расонида метавонед».*

**ТАРЗИ ГУЗОРИШ**

1. Пеш аз машғулият фасилитатор гурӯҳи мақсаднок ва мавзуъро муайян ва интихоб мекунад.

Фасилитатор ба гурӯҳ моҳияти усули таълимӣ ва қоидаҳои зеринро мефаҳмонад (муроҷиат мекунад):
- *ақидаҳоятонро ҳарчи бештар пешниҳод намоед;*
- *ҳамаи ақидаҳо навишта мешаванд;*
- *ягон фикру ақида инкор намегардад;*
- *ақидаҳо баъди ҷамъбаст муҳокима гашта, дурустӣ ва ё нодурустии онҳо баррасӣ карда мешавад.*

2. Ҷараёни интихоби ақидаҳо
- ақидаҳои носаҳеҳро аниқ намоед;
- ақидаҳои такроршударо бо ризоияти тарафҳо муттаҳид ва бартараф кунед;
- агар дар гурӯҳ оид ба интихоби фикри муайян нофаҳмӣ пайдо шавад, усули овоздиҳиро ба кор баред;
- ақидаҳое, ки бештар овоз мегиранд, қабулшуда маҳсуб мегарданд.

## МУҲОКИМАРОНӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ ХУРД (кор дар гурӯҳҳо)

Муҳокимаронӣ дар гурӯҳҳои хурд – усули таълимие мебошад, ки дар он иштирокчиён имконият пайдо мекунанд, то инки аз таҷриба ва иқтидори илмию маърифатии худ истифода намуда, масъалаи додашударо мустақилона ҳал намоянд.

Усули таълимии кор дар гурӯҳҳо, дар қатори дигар усулҳои интерактивии таълим дар сатҳи байналҳалқӣ эътироф ва қабул гаштааст ва бо назардошти бартарияти он ҳамеша мавриди ташкил кардани машғулиятҳои маърифатию иттилоотӣ истифода мегардад.

**Моҳияти асосии** усули муҳокимаронӣ дар гурӯҳҳои хурд дар он аст, ки дар ҷараёни ташкили он шунаванда / хонанда мустақилона иштирок намуда, имконияти интихоб ва ҳал кардани дилхоҳ масъаларо пайдо мекунад. Мавриди истифодаи ин усул малака ва қобилияти фикрронии хонанда васеъ мегардад, қобилияти ровигӣ ва шунавандаии хуб шуданро аз худ мекунад, сатҳи тассавурот ва фаҳмиши худро баҳо медиҳад, ғаннӣ мегардонад ва барои қабул гаштани нуқтаи назар ва пешниҳодоти худ мубориза мебарад. Аз ҳама муҳим он аст, ки ҳамчун аъзои гурӯҳ кушиш мекунад, то мавқеъи худро нисбат ба дигарон беҳтар нишон диҳад ва тамоми тассавуроту донишашро бо тамоми ҳастӣ истифода ва пешниҳод менамояд.

Воқеан ҳам, баъди ингуна ҳаракатҳои зиёд ва нишон додани қобилиятнокӣ шахс табиятан фаъол мегардад, фикри якеро рад ва дигареро қабул мекунад – ин худ ҷараёни азхудкунии маълумот ва худинкишофёбӣ мебошад. Новобаста аз он ки шахс фикри пешниҳодгаштаи гурӯҳро қабул ва ё рад мекунад, дар ин ҷараён хоҳ нохоҳ мафкураи вай бо намоён кардани нуқсонҳои мафкуравии ва дигарон ва аз худ кардани масъалаҳои зарурӣ, васеъ мегарадад.

**Аҳамиятнокии усули таълим:**

- ба шунавандагон имконият медиҳад, ки ақидаҳои худро дар гурӯҳҳои хурд пешниҳод карда, тақвият диҳанд;
- ҳалли масъалаҳоро беҳтар месозад, малакаҳо ва қобилияти фикрронии шунавандагонро васеъ мегардонад;
- ба шунавандагон имконият медиҳад, ки аз якдигар нуқсон ва бартарияти тассавурот ва сатҳи донишашонро омӯзанд;
- дар вақти омӯзиш, ҳисси масъулиятнокии шунавандагон бештар мегардад;
- ба кори пурсамарри гурӯҳ мусоидат мекунад;
- арзишҳои шахсӣ муайян мегарданд;
- шунавандагон имконияти васеъи назоратбарӣ аз ҷараёни таълимро пайдо мекунанд;
- ба иштироки фаъол баҳо дода мешавад, шахс мавқеъ пайдо мекунад;
- шунавандагон аз фасилитатор начандон вобастагӣ доранд;
- бо роҳи муҳокимаронӣ, фаҳмонидани мавзӯи нав осон мегардад.

**Мебояд донист:**

- супориш барои гурӯҳҳои хурд бояд саҳеҳ ва фаҳмо бошад;
- иштирокчиён / шунавандагон бояд фикрҳои якдигарро гуш кунанд;
- гурӯҳ дар вақти муҳокимаронӣ аз вақти ҷудошуда хабардор бошад;
- дар муҳокима бояд як нафар роҳбарӣ кунад;
- гурӯҳҳои хурд набояд аз 5 нафар зиёд бошанд;
- ибрози саволҳои тарғиботӣ (ба ваҷҳ оваранда) дар ҷараёни муҳокимаронӣ кумак мерасонад;
- ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бояд дар ҷараёни муҳокимаронӣ фаъолона иштирок намоянд.

**ТАРТИБИ БАРГУЗОРӢ**:

1. <u>Иштирокчиёнро ба гурӯҳҳои хурд тақсим намоед</u> – ин амал барои бомуваффақият ва мақсаднок амалӣ гаштани вазифаҳои машғулият мусоида менамояд.

2. <u>Бо супоришхое, ки дар гурӯҳҳои хурд муҳокима мегарданд аъзоёни гурӯҳро шинос намоед</u> – масъалаи барои гурӯҳҳои хурд омодагаштаро равшану возеҳ ба аъзоёни гурӯҳ пешниҳод намоед;

3. <u>Қоидаи кор дар гурӯҳҳои хурд</u> - ҳар як гурӯҳ баъди тақсим гаштан миёни аъзоёни худ вазифаҳои муайяни идоракуниро бояд тақсим кунанд ва мувофиқи тақсимот шахсони масъулро ба таври зайл интихоб намоянд:

- сардор - гурӯҳро сарварӣ мекунад;
- котиб - пешниҳодоти азоёни гурӯҳро ҷамъабаст менамояд, дар рӯи қоғаз менависад;
- сониягар - вақти ҷудогаштаро назорат мекунад;
- баранда - пешниҳодоти гурӯҳро муррифӣ мекунад, ба саволҳои шунавандагони дигар дар якҷоягӣ бо гурӯҳ посух медиҳад.

4. Боварӣ ҳосил кунед, ки гурӯҳ мавзӯро ба пуррагӣ фаҳмидааст, саволҳои санҷишӣ диҳед;

5. Барои иҷроиши супориш вақти муайян ҷудо кунед ва аз рӯи вақти ҷудогашта назорати қатъӣ баред;

6. <u>Пешниҳоди (муаррифии) натиҷаи кори гурӯҳҳо</u> – аз тарафи баранда ҳар як гурӯҳ ва масъалаи ба онҳо пешниҳодгашта бо навбат

муаррифӣ (муҳокима) карда мешавад. Сипас фасилитатор баромадҳоро ҷамъбаст карда, таклифҳои беҳтарин ва мутобиқро интихоб менамояд. Дар интиҳо, ҳалли дурусти масъалаи гузошташударо дар якҷоягӣ бо ҳамаи аъзоёни гурӯҳҳо муайян намоед;

7. Аз кори гурӯҳҳо хулосаи умумӣ бароред - ба ҳамаи гурӯҳҳо аҳсан ва офарин гӯед ва ба кори онҳо тавре баҳо диҳед, ки камбудиҳои худро танҳо аъзоёни гурӯҳҳо пай баранду халос.

## МАЪРӮЗАИ ХУРД

Ин усули таълимӣ хусусияти назариявӣ дошта, барои баррасӣ ва маълумоти умумӣ додан оид ба мавзӯи муайянгашта истифода мегардад.

Мавриди ташкили маърӯзаи хурд дар гурӯҳ то 20 нафар шунаванда иштирок карда метавонанд ва он набояд аз 30 дақиқа зиёд вақтро талаб кунад. Ҳангоми маърӯза кардан даврашакл ва ё нимдавра нишастан бамаврид аст.

Дар ҷараёни маърӯза маълумотҳои мухтассар оид ба масъалаи пешбинишуда ва бо иқтибосҳои муайян аз таҷрибаҳо ва ҳаёти ҳамарӯза ба иштирокчиён / шунавандагон расонида мешавад.

**Бартарият**

Бартарияти ин усул дар он аст, ки дар ҷараёни ташкили он сатҳи тассавурот ва маълумотнокии шахс такмил дода мешавад. Шахси иштирокчӣ аллакай барои фаъолона иштирок намудан дар раванди машғулият омода мегардад.

**Мебояд донист:**

- ✓ пеш аз ҳар як машғулият бо истифода аз усули маърӯзаи хурд барои шунавандагон оид ба мавзӯи пешбинигашта маълумоти мухтассар додан лозим аст;
- ✓ маърӯза кӯтоҳ ва фаҳмо бояд бошад, на дуру дарозу дилгиркунанда;
- ✓ дар ҷараёни маърӯза иқтибос аз таҷриба ва ҳаёти ҳамарӯза оварда, онро ба таври содда мебояд ба шунавандагон расонид;

- ✓ намуди зоҳирӣ ва тарзи суханронии баранда бояд диққатҷалбкунанда ва ҳаловатпазиру форам бошад;
- ✓ мавриди суханронӣ ба ҳар як шунаванда мебояд дар мӯҳлати на кам 6-7 сония як маротиба назар кард;
- ✓ баромади худро бо назардошти талаботи аудитория ва шароити мавҷуда зарур аст, ки амалӣ гардонид.

## БОЗӢ ДАР НАҚШҲО

### Моҳият

Аҳамиятнокии усули таълимии бозӣ дар нақшҳо дар он аст, ки мавриди ташкили он диққати шунавандагон ба пуррагӣ ҷалб карда мешавад, диққати ҳамаи иштирокчиёни танҳо ба критерияҳо ва шартҳои бозӣ равона мегардад, фикрҳои берунии онҳо дур мегардад ва чунин шароит фароҳам оварда мешавад, ки шунавандагони машғулият худро дар фазои муносиб ва озод ҳис мекунанд. Шунаванда / иштирокчӣ кӯшиш мекунад, то ки дар ҷараёни бозӣ бо ягон нақши ноайёне ҳам бошад, бартарии худро нишон диҳад. Дар ин усул ду ва ё зиёда шахсон иштирок намуда, нақшҳои додашударо дар доираи мавзӯи муайянгашта ва аз рӯи сенарияи махсус иҷро мекунанд.

Ин усулест, ки барои дарёфти якчанд марому мақсадҳои асосӣ мавриди ташкили машғулият аҳамиятнок арзёбӣ мегардад.

### Расонидани иттилоот

Бозӣ дар нақшҳо, ин усули беҳтарини таълимие мебошад, ки ба таври ҳазлу шухӣ бо якдигар ҷиҳати расонидани иттилоот ба шунавандагони машғулият мусоидат мекунад. Он имконият медиҳад, ки фасилитатор ҳаргуна таҳавуллот ва хаёлбофии иштирокчиёнро, ки одатан аз тарафи дигар одамон паҳн ва овоза мегарданд, муайян кунад ва нишон диҳад, то онҳоро чӣ гуна бояд фарқ ва ҳис кард. Ба воситаи бозӣ дар нақшҳо одамон метавонанд проблемаҳоеро муҳокима ва таҳлил кунанд, ки онҳоро дар ҳаёти ҳамарӯза бо сабаби ҷой доштани тарс ва шарму ҳайё одамон наметавонанд нишон диҳанд.

**Мусоидат ба инкишофи малакаҳои ҳаётӣ** - мавриди хуб иҷро гаштани бозӣ дар нақшҳо иқтидорнокию маҳоратнокии

иштирокчиён / шунавандагон нисбат ба рафтору кирдор такмил меёбад. Он метавонад, малакаҳои мухталифи ҳаётиро дар вуҷуди иштирокчиён ҷой диҳад.

**Робита ва имкониятҳо** – бозӣ дар нақшҳо метавонад ба аудитория имкониятҳои маълумотнок шуданро нисбат ба шароитҳое, ки дар ҷомеа мавҷуданд ё ин ки дастрасанд таъмин намояд. Бо назардошти ҳамаи ин тавзеҳот, ҷудо кардани вақти муайян барои иҷро кардани бозӣ дар нақшҳо аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» бамаврид аст.

**Бартарият**

Мавриди иштирок дар ин усули таълимӣ, яъне бозӣ дар нақшҳо қобилияти чусту чолокӣ, таваҷҷуҳнокӣ, зиракӣ ва ҳозирҷавобии шахс такмил меёбад, малакаи озодфикрӣ ва фаъолу озодона иштирок намуданаш дар раванди машғулият васеъ мегардад. Аъзоёни гурӯҳ имконияти ба якдигар аз наздик шинос шуданро пайдо мекунанд, ки боиси шикастани ниқоби шармгинӣ ва зоҳир кардани нуқсонҳои (норасоӣ, камбудӣ нисбат ба дигарон) мавҷудаи шахс мегардад. Инчунин, мавриди бозӣ шавқу ҳавас ва рағбати иштирокчиён зиёд мегардад.

**Мебояд донист**

- дар ҳар як бозӣ мутобиқи моҳият ва хусусиятҳои хоси мавзуъ вақт талаб карда мешавад, бинобар ин, сенарияи бозиро таҳия карда, сипас вобаста ба шароит ва имконот вақтро муайян кардан лозим аст;
- иҷрокунандагон мақсаду мароми нақшҳои худро бояд дуруст дарк намоянд;
- иҷрокунандагон аз уҳдаи иҷрои нақшҳо бояд баромада тавонанд.

**ТАРТИБИ БАРГУЗОРӢ**

- ✓ Иҷрокунандагонро тайёр кунед, то мафҳуми бозӣ ва шартҳои онро дуруст фаҳманд;
- ✓ Шароитро чунин фароҳам оред, ки назоратчиён вазъиятро фаҳманд ва моҳияти нақшро дарк кунанд;
- ✓ Аз ҷараёни бозӣ назорат баред;
- ✓ Ба иҷрокунандагон ташаккур гӯед, муносибати онҳоро нисбат ба ҳамин бозӣ муайян намоед;

- ✓ Дарачаи дарк ва аз худ ка́рдани (ҳиссиёти) назоратчиёнро пурсон шавед;
- ✓ Натиҷаи бозиро бо назоратчиён муҳокима кунед;
- ✓ Фикрҳои иштирокчиёнро муайян кунед ва дар асоси онҳо аҳамиятнокӣ ва бартарияти нақшҳоро нисбат ба ҳаёти ҳамарӯза муқоиса карда, дар зиндагӣ ҳамеша фаъол буданро тавсия диҳед;
- ✓ Тафовути вазъияти ҷориро нисбат ба ҳаёти ҳақиқии иштирокчиён муқоиса ва муҳокима намоед.

## ТАРЗУ УСУЛҲОИ МУНОСИБАТ

Одамон тамоми ҳаёт ба ҳамдигар робита дошта, муоширт ва муносибат мекунанд. Муносибати инсон ҳануз аз давре оғоз мегардад, ки ӯро ҳамчун кӯдаки навзод аз батни модар мегиранд ва сахт такон медиҳанд ва ӯ чашм боз мекунад ва муносибат он вақт хотима меёбад, ки бо амри тақдир ӯ аз дунё чашм мепӯшад ва ҳама наздикон ӯро ба дунёи охират гусел мекунанд. Ҳаёти мо ҳама сар то по аз муносибатҳо ва муошрати байниҳамӣ иборат аст, новобаста аз он ки ин ба мо маъқул аст ва ё не.

Мушоҳида мегардад, ки як гурӯҳи одамон нисбат ба гурӯҳи дигар маҳорати хуби муошират доранд, зимнан ҳаёти беҳтар дошта, ҳамеша комёбӣ ва муваффақиятҳо пешоҳангашон мебошад. Ин маънои онро надорад, ки онҳо бо ягон намуди донишҳои ғайб ё махсусро мусаллаҳ ҳастанд, ё ин ки онҳоро махсус тайёр карда бошанд – дар умум не, фақат, ки онҳо нисбат ба атрофиён эҳтироми хосса дошта, малака ва маҳорати хуби муносибат ва муоширатро соҳибанд ва албатта машғули такмили савияи дониш ва рафтору кирдори худ мебошанд.

**Муносибат,** барои шахс силоҳест, ки ӯро дар майдони обрӯй, нуфуз ва эҳтиром аз ҳама гуна фишороварӣ, нафрат ва туҳмату таҳқири атрофиён эмин нигоҳ медорад.

Дар ҳаёти ҷавонон бошад, махсусан дар ташаккулёбии ҳаёти онҳо маҳорат ва қобилияти муошират ва муносибати хуб доштан аз ҳама неъмати беҳтарин ва бебаҳо ба шумор меравад, ки он ба муваффақиятҳои комил дар фаъолияти касбӣ ва ҳамчунин оила метавонад боис гардад.

Доштани муносибати хуб нисбат ба ҳамсолони худ мавриди ташкили чорабиниҳои иттилотию маърифатӣ ба беҳтарин дастовардҳо метавонад ноил гардонад. Воқеист, ки мавриди баромад кардан, сухан гуфтан атрофиён ба тамоми ҳаракатҳои баромадкунанда назар мекунанд. Ҳар як ҳаракати ӯро - тарзи суханронӣ, баланду пастии овоз, шакли зоҳирӣ, сират, тартиби қадамзанӣ, назар, чеҳра, гуфтор ва ғайра, ки хусусиятҳои баромадкунандаро дар бар мегирад, мушоҳида мекунанд, баҳо медиҳанд, мавқеъ ва муносибати худро нисбат ба шахсияти ӯ муайян мекунанд.

Дараҷаи азхудкунии маълумот ва ё иттилоот аз тарафи шунавандагон аз муносибат, муомила ва муошират бевоситаи баромадкунанда ва ё омӯзгор вобастагӣ дорад. Набояд фаромӯш кард, ки мақсади асосӣ мавриди ташкили чорабиниҳои омӯзишӣ ва ё иттилоотӣ маълумотнок гардонидани ҷавонон мебошад ва зарур аст, ки кӯшиш ба ҳарҷ диҳем, то инки маълумоти расонидашуда аз тарафи шунавандагон, пеш аз ҳама қабул ва қадр гашта, барои беҳтар гардонидани шароити зист ва зиндагонии онҳо истифода гардад.

Вале, мутаассифона бисёр мавридҳое мешавад, ки мо (омӯзгор / субъект) фаромуш мекунем, ки шунаванда вазифадор нест, то суханони моро қадр ва қабул кунад ва ё вобаста ба суханони мо муносибатҳои худро мутобиқ гардонад ё тағйир диҳад. Шахс дар ҳама маврид аз лиҳози равонасозии тафаккури худ озод аст ва ин озодии интихобро вобаста ба **чорчӯбаи муошират у муносибатҳои махсус муайяншуда** сафарбар менамояд.

Чорчӯбаи махсус муносибатро бошад, дар навбати худ, баромадкунанда ё омӯзгор нисбат ба шунавандагон / иштирокчиён қаблан ё дар ҷараён муайян менамояд.

Баромадкунанда вазифадор аст, ки пеш аз ҳама таваҷҷуҳи шунавандаро ба самти азхудкунии маълумот ё маводи дахдор ҷалб намояд, бо ҳаракатҳо, муомила ва муошират эҳтиромонаи худ онҳоро дилгарм намояд, то инки шунаванда сабру таҳамулнокиро пеша карда, маълумот ва ё иттилооти пешниҳодшударо (иброзшударо) аз худ кунад.

Ҳамчунин, мавриди баромад баромадкунанда бояд психологи хуб низ бошад. Чунки ҳар як шунаванда хоҳиш ва хислати ба худ хосро соҳиб аст. Ва барои он ки шунаванда изҳороти баромадкунандаро

дарк ва аз худ намояд, лозим аст, ки хоҳиш ва нуқтаи назари шунаванда, қобилият ва сатҳи фаҳмиши ӯ низ дарк карда шавад ва вобаста ба иқтидорнокии ӯ баромадкунанда муносибати худро ҷиҳати расонидани иттилоот тағйир диҳад. Танҳо баъди гузаштани ҳамин қадамҳои муносибат ва баҳодиҳӣ баромадкунанда / омӯзгор ва ё ровӣ метавонад бомуваффақият маълумоти заруриро ба шунаванда расонад.

Барои муносибати беҳтарин доштан ва ба мақсади худ ноил гаштан мебояд донист:

- ✓ ҳамеша дар муносибат ва муошират байниҳамӣ нисбат ба ҳамсол, калонсол ва ё хурдсол хурдсол бо сабру тоқат, таҳамулнок ва сухангӯю шунавандаи хуб будан лозим аст;
- ✓ аз оне ки нисбат ба шунаванда бештар дониш дорем, набояд ифтихор кард, ҳатто мебояд зоҳиран нишон дод, ки сатҳи дониш ва маълумотнокии мо низ баробари маълумотнокии шунаванда аст, танҳо фарқ дар он аст, ки оид ба мавзӯи ҷорӣ каме маълумот бештар дорем;
- ✓ муносибат ва муошират баромадкунанда нисбат ба шунаванда ҳамеша бояд намунавӣ бошад;
- ✓ дар хотир бояд дошт, шунавадагоне низ ҳастанд, ки сатҳи донишашон нисбат ба сатҳи дониш ва маълумотнокии баромадкунанда зиёд аст, фарқ танҳо дар он аст, ки шахси баранда оид ба мавзӯи ҷорӣ бештар маълумот дорад. Бинобар ин, баромадкунанда зарур аст, ки мавриди баромад ин гуна бартариҳоро дар ёд дошт ва ҳамеша нисбат ба шунавандагон бо эҳтиром, нарму таҳамулнок муносибат намояд;
- ✓ ҳурмату эҳтиромро нисбат ба муносибати байниҳамӣ ҷой додан лозим аст, фикру ақидаҳои шунавандагонро ҳамеша бояд эҳтиром ва қадр намуд;
- ✓ сараввал, бодиққат суханони шунавандаро мебояд гуш кард, сипас хулоса карда, сухан мебояд гуфт;
- ✓ дар муносибат ва рафтор нисбат ба шунавандагон ботамкин ва ботаҳаммул бояд бошем;
- ✓ мавриди сухан гуфтан ва ё гуш кардани шунаванда, чеҳраи хуш, сирати зебо ва рафтори хубро мебояд нишон дод.

Моро аз хурдсолӣ волидон сухан гуфтан ва ё ҳарф заданро омӯзонидаанд, аммо тарзу услуби суханронӣ ва муошират хушу

ҳаловатбахшро дар давоми ҳаёт́ худ, мустақилона бояд омӯзем. Бинобар ин, лозим аст, ки ҳар яки мо мавриди муносибат кардан бо назардошти нуқтаи назари шунаванда усулҳои беҳтарини суханвариро истифода барем, то инки диққати ӯро ба нутқи худ ҷалб намоем.

Чи тавре дар боло иброз намудем, мавриди ташкили машғулият (семинар) фасилитатор (баромадкунанда, омӯзгор, ровӣ) шахси касбӣ буда, вобаста ба мавзӯи муайян соҳиби дониш ва малакаи зарурӣ мебошад вале иштирокчӣ (шунаванда) шахсест, ки оид ба ҳамин мавзӯъ маълумоти кофӣ надорад ва албатта, ба он ниёз дорад.

Инчунин, муҳим аст, ки фасилитатор маҳорати идоракунии аудитория ва хусуситяҳои қонеъгардонии талаботи шунавандагонро дошта бошад.

***Фаъолияти фасилитатор иборат аст, аз:***

- ✓ таҳияи реҷаи рӯз (рӯзнома);
- ✓ маълумоти мухтасар оид ба мавзӯъ;
- ✓ фаҳмонидани нуктаҳои носаҳеҳ;
- ✓ дастгирӣ ва рӯҳбаланд намудани иштирокчиён / шунавандагон;
- ✓ қабул, таҳлил ва муҳокимаи ҳамагуна фикру ақидаҳои шунавандагон;
- ✓ ба ҳар як шунаванда ҷиҳати иштироки фаъол фароҳам овардани шароити мусоид;
- ✓ ба ҷараёни кор дар гурӯҳ бо иштироки бевоситаи шунавандагон қабул намудан қарор ва қоидаҳои рафтору гуфтору кирдор;
- ✓ дар ҷараёни баҳсу мунозираи иштирокчиёни машғулият бетарафӣ нишон додан ва қарори умумӣ қабул кардан, албатта, қарори дуруст;
- ✓ қоидаҳои қабулкардаи гурӯҳро мутобиқ намудан ва ба тартиб даровардан;
- ✓ аз рӯи иҷрои қоидаҳои қабулкардаи гурӯҳ назорат бурдан ва риояи онро мунтазам таъкид кардан;
- ✓ назари гурӯҳро ба мақсади машғулият равона сохтан (мутобиқ намудан).

***Вазифаи фасилитатор:***

- мусоидат ба қабули қарорҳои дуруст ва ҳақиқатпазири гурӯҳ ва бадастории натиҷаҳои мувофиқ ба мақсади машғулият;
- ташкилкунандаи ҷараёни муносибат ва муошырати аъзоёни гурӯҳ барои мубодилаи (ба якдигар расонидани) маълумот байни ҳамдигарӣ;
- ба муваффақият ва ба мақсад ноил гардонидани аъзоёни гурӯҳ;
- дар дилхоҳ муҳокимаронӣ бетараф мондан, пеш нагузоштани нуқтаи назари худ.

***Моҳияти фаъолияти фасилитатор*** – ин бо мақсади амалигардонии вазифаҳои мушаххаси машғулият ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва мубодилаи афкор миёни аъзоёни гурӯҳ мебошад.

***Маслиҳатҳои муфид:***

- ✓ Боварӣ доштан ба комёбӣ дар амалӣ гаштани вазифаҳои машғулият ва аз ҷониби шунавандагон бо хоҳиши самимӣ қабул кардани он;
- ✓ Мебояд донист, ки ҳар як шахс бо худ ба машғулият чизи муҳиме меорад;
- ✓ Боварӣ доштан ба он ки гурӯҳ иқтидори ҳал кардани мушкилоти худро дорад;
- ✓ Эҳтиром нисбат ба эҳтиёҷот, талабот ва манфиатҳои ҳамаи шунавандагон;
- ✓ Боварӣ доштан ба он, ки ташкили машғулият муҳим аст ва аз натиҷаи он дар ҷомеа саҳми босазое мегузоред.

***Рафторҳои нохуб:*** (Набояд ин гуна рафтор кард!)

- Танқиди шунавандагон ва рад ё инкор кардани нуқтаи назари онҳо;
- Қабули қарор бе иштироки аъзоёни гурӯҳ;
- Маҷбур кардани гурӯҳ ба амалҳои нохоҳам, ғайрихоҳиши онҳо;
- Зиёд ва ё беҳуд сухан гуфтан;
- Маҷбур кардани гурӯҳ ба қабули қарори номуносиб.

***Фасилитатор чиро бояд донад:***

- ✓ Гуш кунад ва сабри гуш кардан дошта бошад;
- ✓ Ба эҳсосот дода нашавад;
- ✓ Диққати гурӯҳро ҷалб кунад;

- ✓ Гурӯҳро барои ноил шудан ба мақсади машғулият равона созад.

***Дар ҷараёни мусоҳиба фасилитатор бояд:***

- ✓ Масъаларо атрофи мавзӯъ муҳокима намояд, нуктаҳои носаҳеҳро фаҳмонад;
- ✓ Ба ҳар як шунаванда барои ширкати фаъолона имконият фароҳам орад, шунавандаро ба мавзуъ ҷалб созад, бедор кунад;
- ✓ Дар ҷараёни фаҳмондадиҳӣ аз таҷриба ва ҳаёт длелу мисолҳои гуногун биёрад.

Доштани маҳорати ровигӣ ва муносибати хуб мавриди гузаронидани машғулиятҳо бисёр бамаврид аст.

Дар инҷо зери мафҳуми фасилитатор омӯзгор, ОМӮЗГОР ва ё баромадкунанда фаҳмида мешавад.

**Зимнан, субъектҳои сиёсати давлатии ҷавононро зарур аст, ки ҳангоми гузаронидани семинар ё тренингҳо, ҳамчунин курсҳои омӯзишӣ бо усулҳои интерактивии таълим тарзу услуб, рафтор, гуфтор ва кирдори дар боло ҳамчун муносибат тавзеҳ дода шударо пуррас риоя намоянд. Зеро ҳар як нуктаи болозикр асоси комёб шудан ба ҳадафҳои муайяншударо ҷиҳати омӯзонидани гурӯҳҳои мақсаднок ва дар ниҳоят татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон таъмин менамояд.**

# АДАБИЁТҲО


1. Ашуров С, Рахимов И. Укрепление нормативно-правовой и қадровой основы государственной молодежной политики на местах - Душанбе 2001.
2. Ашуров СБ. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы: -Душанбе 2002.
3. Баренбойм П. Д. Правовое государство как партнер гражданского общества: К 150-летию опубликования концепции «Государство как произведение искусства» // Законодательство и экономика. 2010. № 9
4. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с
5. В.Т. Лисовский Социология молодежи - Санкт-Петербург 1996.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
7. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»
9. Н.Н. Уразов Государственная молодежная политика. Опыт и тенденцииразвития - Астана 2003.
10. Омори сиёсати давлатии ҷавонон
11. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2010
12. Политические партии Таджикистана [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://www.quickiwiki.com/ru/
13. Развитие молодежной политики в Таджикистане на рубеже XXI века: К.Миралиев, Душанбе, 2009
14. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
15. Тилли, Ч. Демократия [Матни аслӣ]. – М.: 2007. – 263 с.
16. Хдкимов Ш.Н. Ҷавонон дар оинаи таърих -Душанбе 2000.
17. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.
18. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

/

**МИРАЛИЁН ҚИЁМИДДИН АБДУСАЛИМЗОДА**

**ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР МАҲАЛ**

(Дастури таълимӣ барои субъектҳои соҳаи сиёсати ҷавонон)

ISBN 978-9906-9902-4-0

Ба матбаа 01.07.2024 супорида шуд.
Санаи 22.07.2024 барои чоп имзо шуд.
Қоғази офсетӣ. Андозаи 60x84 1/16. 9,3 ҷузъи чопӣ.
Ба теъдоди 100 нусха дар матбааи ҶДММ “Шоҳин-С” чоп гардид.